Замимаи 1

Натиҷаи гузаронидани арзёбии раванди рушди иҷтимоӣ – иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва шаҳру ноҳияҳои он дар асоси маълумоти ҷамъбастӣ оид ба рушди иҷтимоию иқтисодии онҳо дар давраи ҳисоботии нимсолаи якуми соли 2021 бо истифода аз "Маълумот оид ба арзёбии раванди рушди иҷтимоию иқтисодии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва шаҳру ноҳияҳои он вобаста ба ташаккул ва татбиқи сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи рушди маҳал"

## 1. Санадҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Нишондоди иҷрои ваколати раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва шаҳру ноҳияҳои он барои таъмини нишондиҳандаи рушди иҷтимоию иқтисодӣ 1.1. Таъмини расмиёти ҳуқуқии санадҳо арзёбӣ гардиданд.**

### 1.1. Таъмини расмиёти ҳуқуқии санадҳо

Дар нимсолаи аввали соли 2021 ба мақомоти ичроияи маҳаллии хокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар маҷмуъ 1902 ҳуҷҷат ворид гардидааст, ки 1039 адади он аз ҷониби раёсату кумитаҳо, идораву муассисаҳо, шуъбаҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои вилоят буда, боқимондаи он аниқтараш теъдоди 863 ҳуҷҷат аз мақомоти болоӣ, аз ҷумла 10 адад Қонун, 7 адад Амр ва Фармони Президенти мамлакат, 54 адад қарор ва 4 фармоиши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, 4 адад қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 71 адад протоколҳои Маҷлиси Раёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, 49 адад супоришҳои Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, 98 адад супоришҳои муовинони Сарвазири мамлакат, 180 адад супоришҳои Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 14 адад барқияҳои ҳукуматӣ, 1 адад ҳуҷҷат аз Маҷлиси Олӣ, 342 адад аз вазорату кумитаҳо ва 16 адад аз ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва шарикони рушд ворид гардидааст.

Аз ҷониби Раиси вилоят дар ин давра 13 адад амр ва 197 адад қарори раиси вилоят, аз ҷумла 51 адади онҳо дар заминаи Фармон, Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, 3 ададашон дар асоси Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба тасвиб расида, ҷиҳати маълумот, корбарӣ ва иҷрои саривақтии минбаъда ба воҳидҳои сохтории дахлдори вилоятӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои вилоят ирсол гардида, ҷараёни амалишавии онҳо таҳти назорати ҳамарӯза қарор доранд.

## 2. Маълумот оид ба чараёни ичрои тадбирҳои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти идоракунии маҳаллӣ бо роҳи таъмин волоияти қонун

**Нишондоди пешакии самаранокии фаъолияти мақомоти идоракунии маҳаллӣ барои таъмини нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ 2.1. Иҷрои ваколатҳои мақомоти намояндагии маҳалллии ҳокимияти давлатӣ тибқи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ”, 2.1.1. Корҳои анҷомдодашуда барои иҷрои босамари барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳо, 2.1.2. Ҳолати ҳамкорӣ ва дастгирии мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин ҳаҷми кӯмаки молиявӣ ва иқтисодӣ аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ ба мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, барои амалӣ намудани вазифаҳои онҳо бо дарҷи номгӯи вазифаҳои маблағгузоришаванда, 2.1.3. Риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ”. 2.2. (2.2.1.) Андешидани тадбирҳо ҷиҳати рушди забони давлатӣ, риоя ва таъмини иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, 2.3. (2.3.1.) Андешидани чораҳои иловагӣ ҷиҳати таъмини риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд”, 2.3.2. Натиҷаи фаъолияти комиссияҳо ва чорабиниҳои амалишуда, тамоюли ҷинояткорӣ байни ноболиғон 2.4. (2.4.1.) Риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, 2.5. (2.5.1., 2.5.2.) Таъмини шафофияти фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худфаъолияти шахрак ва деҳот 2.6. (2.6.1.) Риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хизмати давлатӣ”.**

### 2.1. Иҷрои ваколатҳои мақомоти намояндагии маҳалллии ҳокимияти давлатӣ тибқи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ”

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят тибқи талаботи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» ба такмили шаклу услуби кор, сифат ва самаранокии корҳои сиёсӣ, ташкилию оммавӣ аҳамияти ҷиддӣ дода, бо назардошти масъалаҳои афзалиятноки соҳа нақшаи кории мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятро барои нимсолаи якуми соли равон таҳия ва тасдиқ намуд. Мутобиқи нақшаи мазкур дар давоми шаш моҳи соли 2021, 6 машварати васеъ, 6 машварати назоратии назди раиси вилоят ва 2 маротиба иҷлосияи Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон даъвати шашум баргузор карда шудааст, ки дар онҳо зиёда аз 60 масъалаи рӯзмарраи дорои аҳамияти иҷтимоию иқтисодӣ баррасӣ гардида, доир ба ин масъалаҳо қарорҳои дахлдор ба тасвиб расонида шуданд.

Супоришҳо дар иҷлосияи Маҷлиси вакилони халқи вилоят ва машваратҳои васеъ ва назоратии назди раиси вилоят дар шакли қарор, протокол ба расмият дароварда шуда, бо мақсади иҷро дастраси мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Хоруғ, ноҳияҳо ва раёсату идораҳои дахлдори

вилоят гардонида шуданд. Ҳангоми қабули қарорҳо талаботи меъёрҳои Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мурочиатҳои шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ" риоя мегардад.

Дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 45 Ҷамоати шаҳраку деҳот тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот", Низомнома ва Дастури ҷамоатҳо кор ва фаъолият намуда истодаанд.

### 2.1.1. Корҳои анҷомдодашуда барои иҷрои босамари барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳо

Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон барои солҳои 2021-2025 135 лоиҳаро бо маблағи 4759,1 млн. сомонӣ дар бар мегирад, ки аз ин 60 лоиҳа ба маблағи 356,6 млн. сомонӣ ба бахши иқтисодӣ, 46 лоиҳа бо маблағи 205,5 млн. сомонӣ ба бахши иҷтимоӣ, 22 лоиҳа бо маблағи 4170,2 миллион сомонӣ ба инфрасохтор, 3 лоиҳа ба маблағи 8,4 млн сомонӣ ба бахши хоҷагии манзилию коммуналӣ ва 4 лоиҳа бо маблағи 18,4 млн. сомонӣ ба бахши ҳолатҳои фавқулодда тааллуқ доранд. Барномаи мазкур бо Қарори маҷлиси вакилони халқии Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон аз 15 декабри соли 2020, №38 тасдиқ гардидааст.

Аз 135 лоиҳаҳои барнома мӯҳлати амалишавии 52 лоиҳа аз соли 2022 оғоз гардида, амалишавии 83 лоиҳа аз соли 2021 пешбинӣ гардидааст.

Дар давоми шаш моҳи соли 2021 аз 135 банди барнома дар 23 банд корҳои сохтмонӣ идома дошта, маблағи 75807,5 ҳазор сомонӣ аз худ гардидааст. Аз ин маблағ 43401,6 ҳаз. сомонӣ аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ, 10463,6 ҳаз. сомонӣ аз ҳисоби буҷети вилоятӣ, 15743,7 ҳаз. сомонӣ аз ҳисоби сармояи хориҷӣ ва 6198,6 ҳаз. сомонӣ аз ҳисоби бахши хусусӣ ташкил медиҳанд.

Дар давраи ҳисоботӣ нишондиҳандаи баланди азхудкунии маблағҳо барои амалигардонии лоиҳа - чорабиниҳои Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодӣ дар ноҳияҳои Рӯшон 38,2%, Дарвоз 28,6% ва Шуғнон 28% таъмин гардида, дар сатҳи муайян барои пешрафти иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ мусоидат намуда истодаанд.

Нишондиҳандаи пасти он дар шаҳру ноҳияҳои Роштқалъа 7,5%, Хоруғ 6,1%, Мурғоб 1,5% ва Ванҷ 0% ба назар расида, ҷоннок намудани ҳамкории байни мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ҷалби соҳибкорон ва фаъолияти мақомоти идоракунии маҳаллиро талаб менамояд.

Дар ин давра шумораи лоиҳа - чорабиниҳое, ки бинобар дарёфт нагардидани маблағ корҳо оғоз нашудаанд, аз шумораи умумии нақша - чорабиниҳои Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодӣ дар ноҳияҳои Ванҷ 100% (шумораи лоиҳаи оғознагардида 116 лоиҳа), Мурғоб 97,2% (73 лоиҳа), Дарвоз 77,4% (68 лоиҳа), Роштқалъа 76,7% (59 лоиҳа), Шуғнон 82% (44 лоиҳа), Рӯшон 81,7% (37 лоиҳа), Ишкошим 97% (21 лоиҳа) ва шаҳри Хоруғ 78% (10 лоиҳа) ташкил додааст, ки андешидани чораҳои иловагиро талаб менамояд.

Пешниҳод**:** Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ ва шаҳру ноҳияҳои онро зарур аст, ки дар ҳамкорӣ бо Вазорати рушди иқтисод ва

савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, барои баланд бардоштани дараҷаи амалигардонии лоиҳаҳо, аз ҷумла лоиҳаҳои манбаи маблағгузориашон номуайян дар барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ пешбинӣ гардида, истифодаи натиҷаи мониторинг ва арзёбии барномаҳо дар татбиқи сиёсати соҳавии мақомоти иҷроияи маркази ҳокимияти давлатӣ мусоидат намоянд.

### 2.1.2. Ҳолати ҳамкорӣ ва дастгирии мақомоти худидоракунии шаҳрак ва дехот, инчунин ҳаҷми кӯмаки молиявӣ ва иқтисодӣ аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ ба мақомоти худидоракунии шаҳрак ва дехот, барои амалӣ намудани вазифаҳои онҳо бо дарҷи номгӯи вазифаҳои маблағгузоришаванда

Дар шаш моҳи соли 2021 ҷиҳати риояи талаботи моддаи 6-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ” ҷиҳати беҳтар намудани имкониятҳои молиявӣ ва иҷрои функсияҳои ҷамоатҳо аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Хоруғ 445 ҳазор сомонӣ ва ноҳияҳои Дарвоз 332 ҳазор сомонӣ, Ишкошим 13,0 ҳазор сомонӣ, Рӯшон 3,7 ҳазор сомонӣ, Шуғнон 5,0 ҳазор сомонӣ ба мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ маблағ равона гардидааст.

Мутаассифона вобаста ба банди мазкур аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳои Ванҷ, Роштқалъа ва Мурғоб дар ҳисобот маълумот омода нагардида, риояи талаботи моддаи 6-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ” номуайян боқӣ мондааст.

Пешниҳод: Ба истиснои шаҳру ноҳияҳои болозикр мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Ванҷ, Роштқалъа ва Мурғобро мебояд, ҷиҳати дастгирии мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, расонидани кӯмакҳои молиявӣ аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ барои амалӣ намудани вазифаҳои онҳо чораҳои амалӣ андешида, вобаста ба масъалаи зикргардида маълумотҳои мушаххас ва дақиқ пешниҳод намоянд.

### 2.1.3. Натиҷаи баррасӣ ва ҷараёни ҳалли мурочиатҳои шаҳрвандон ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, инчунин аз Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсолгардида

Дар давоми 6 моҳи соли 2021 шумораи умумии мурочиатҳои шаҳрвандон дар вилоят 653 (486 ҳамин давраи соли гузашта) нафарро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 167 нафар зиёд гардидаанд.

Дар давраи ҳисоботӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят мурочиати умумии шаҳрвандон аз ҷумла, дар шаҳру ноҳияҳои Хоруғ +1151 (534) нафар, Рӯшон +221 (491) нафар, Дарвоз +138 (490) нафар, Роштқалъа +111 (336) нафар, Ишкошим+29 (663) нафар буда, нисбати ҳамин давраи соли гузашта зиёд гардида, мавҷудияти мушкилотҳои иҷтимоию иқтисодии аҳолии ин ноҳияҳоро инъикос менамояд.

Шумораи мурочиати умумии шаҳрвандон дар ноҳияҳои Ванҷ -47 (404), Мурғоб -41 (216) нафар, Шуғнон -2 (635) нафар нисбати ҳамин давраи соли

гузашта кам гардида, сариваќт баррасӣ ва ҳал намудани мушкилотҳо дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин ноҳияҳо ба назар мерасад.

**Ҳолати воқеии таҳлили таркибии муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар шаҳру ноҳияҳо**

Аз таҳлили мазкур бармеояд, ки аз шумораи умумии муроҷиати шаҳрвандон оид ба қитъаи замини наздиҳавлигӣ дар вилоят 93 адад вобаста ба масъалаи замин ба қайд гирифта шуда, нисбати ҳамин давраи соли гузашта +52 адад зиёд гардидааст.

Дар ноҳияҳои  Ишкошим -2 (156), Мурғоб -44 (76) адад, Ванҷ -2 (87) ададро ташкил медиҳад, ки аз беҳтар гардидани шароити манзили зист шаҳодат медиҳанд.

Зиёдшавии шумораи муроҷиати шаҳрвандон оид ба гирифтани қитъаи замини наздиҳавлигӣ нисбати ҳамин давраи соли гузашта дар шаҳри Хоруғ +19 (53) адад, ноҳияҳои Роштқалъа +39 (56) адад,  Дарвоз +15 (23) адад, Рӯшон +8 (12) адад, Шуғнон +23 (5) ба назар расида, дар доираи имкониятҳои мавҷудбудаи шаҳру ноҳияҳо барои беҳтар намудани таъминоти аҳолии бо манзили зист, андешидани чораҳои иловагиро талаб менамояд.

Дар давоми 6 моҳи соли 2021 дар миқёси шаҳру ноҳияҳои вилоят шумораи муроҷиати шаҳрвандон аз Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 34  ададро ташкил додааст, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта, 14 адад зиёд гардидааст.

Ҳамзамон, дар ноҳияҳои Роштқалъа -1 (2) , Рӯшон +-0 (2), Мурғоб адад +-0 (4) адад, шумораи муроҷиатҳо аз Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта кам ва бетағйир буда, самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳо дар ҳалли сариваќти масъалаҳо дар сатҳи зарурӣ таъмин карда шудааст.

Инчунин, ин нишондиҳанда дар шаҳри Хоруғ +2 (1) адад,  ноҳияҳои Ишкошим +6 (3) адад, Шуғнон +4 (0) адад, Ванҷ +2 (5) адад  ва Дарвоз +1 (1) адад  зиёд ба назар расида, андешидани чораҳои иловагӣ ба миён омадааст.

**2.2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатӣ”:**

**2.2.1. Андешидани тадбирҳо ҷиҳати рушди забони давлатӣ, риоя ва таъмини иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатии Ҷумхурии Тоҷикистон” (банди 55 паём)**

Ҷараёни иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» пайваста мавриди назорати мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят қарор дошта, ҷиҳати таъмини амалишавии он Комиссияи забон кор ва фаъолият намуда истодааст.

Дар шаҳри Хоруғ ҷиҳати ба муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва ба меъёри забони тоҷикӣ мувофиқат намудани номҳои ғайримеъёрӣ, номҳои 22 адад иншоотҳои маишӣ иваз карда шуданд. Инчунин, бо пешниҳоди Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон номи ҷамоатҳои шаҳракҳои И. Сомонӣ ва Ш.Шоҳтемур мутаносибан ба Сомоншаҳр ва Шоҳтемуриён иваз карда шуданд.

Аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Мурғоб қарорҳои Маҷлиси вакилони халқи ноҳия ҷиҳати тағйир додани номҳои ғайримеёрии мавзеъю деҳоти дар қаламрави ноҳиябуда ба комиссия оид ба номгузорӣ ва дигар кардани номи корхонаҳои давлатӣ, истгоҳҳои роҳи оҳан, фурудгоҳҳо, ташкилоту муассисаҳо, таълимгоҳҳо, инчунин объектҳои физикию ҷуғрофӣ ва масъалаҳои сохти марзию маъмурии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят барои баррасӣ пешниҳод гардидааст, ки масъалаи мазкур баъди таҳлил дар иҷлосияи навбатии Маҷлиси вакилони халқи вилоят баррасӣ хоҳад шуд.

Дар давраи ҳисоботӣ дар назди ҳамаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои вилоят Комиссияи татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» амал намуда, фаъолияти худро дар самти риояи меъёрҳои забони адабӣ ва дурусту бехато навиштани калимаву ибораҳои тоҷикӣ равона намуда, дар муассисаҳои таълимӣ корҳои фаҳмондадиҳиро оғоз намуданд. Ҳамчунин, Комиссияи мазкур ба шиору овезаҳои мағозаву дуконҳои соҳибкорон диқати ҷиддӣ зоҳир намуда, корҳои фаҳмондадиҳиро дар байни соҳибкорон ҷоннок намуданд.

## 2.3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд":

### 2.3.1. 2.3.2. Андешидани чораҳои иловагӣ ҷиҳати таъмини риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" ва натиҷаи фаъолияти комиссияҳо ва чорабиниҳои амалишуда, тамоюли ҷиноятkорӣ байни ноболиғон

Дар шаш моҳаи аввали соли 2021 Комиссия оид ба ҳуқуқи кӯдаки мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар шаҳру ноҳияҳои вилоят дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ байни хонандагон оид ба Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид дар бораи «Ҳуқуқи кӯдак», қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» зарари нашъамандӣ, сӯиқасд ба ҷони худ ва дар доираи дигар мавзӯъҳо 465 адад вохӯрию сӯҳбатҳо, аз ҷумла 20 адад дар мавзӯъи «Баланд бардоштани масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», баргузор намуд.

Дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳои вилоят 3 ҳолати даст ба ҷиноят задани 3 нафар ноболиғон ба қайд гирифта шудааст.

Инчунин, тибқи моддаи 90-и Кодекси ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ ба 112 нафар волидон ба маблағи 6672 сомонӣ ҷарима муқаррар карда шудааст.

Дар давоми шаш моҳи соли ҷорӣ дар шаҳри Хоруғ як ҳолати ҷинояти дуздӣ аз ҷониби 3 нафар ноболиғон, ноҳияи Ишкошим ду ҳолати ҷиноят (намуди ҷиноят нишон дода нашудааст) ба қайд гирифта шудааст Дар ноҳияҳои Дарвоз, Ванҷ, Шуғнон, Роштқалъа, Рушон ягон ҳолати ҷиноятkорӣ аз тарафи ноболиғон содир нагардидааст.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он фаъолияти Кумитаи волидон ва ассотсиатсияи волидони вилоятӣ, Комиссия оид ба ҳуқуқи кӯдак дар шаҳру ноҳияҳо, ҷиҳати таъмини

риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» корҳои ташкилию тағриботиро пурзӯр намоянд.

### 2.4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»:

#### 2.4.1. Андешидани чораҳои иловагӣ ҷиҳати таъмини Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»

Роҷеъ ба татбиқ намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" дар шаш моҳи соли соли 2021 аз ҷониби  Комиссияи доимамалкунандаи танзими анъана ва ҷашну маросими вилоят корҳои тарғиботию ташвиқоти  дар байни аҳолӣ дар самти иҷрои Қонуни мазкур вусъат дода шуда, 759 маротиба суҳбату вохӯриҳо, 26 семинару мизҳои мудаввар, 116 адад рейд бо мақсади санҷиши рафти баргузории маъракаҳо ва 160 адад санҷиши фаъолияти комиссияҳои доимӣ ва ҷамъиятӣ гузаронида  шудааст. Илова бар ин, оид ба масъалаи мазкур дар матбуоти даврӣ 6 мақола нашр гардида, ба тариқи радио ва телевизион 15 барнома бо иштироки масъулини соҳа пешниҳод карда шудааст.

Дар давраи ҳисоботӣ дар миқёси вилоят 264 маъракаҳо баргузор гардидааст, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта 28 адад зиёд мебошад. Хароҷотҳои умумии маъракаҳо дар ин давра 970,2 ҳаз. сомониро ташкил додааст, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта 1937 ҳаз. сомонӣ зиёд гардида, хароҷоти миёна ба ҳар як маърака маблағи 3675 сомонӣ рост меояд.

Хароҷоти миёнаи аз ҳама баланд дар шаҳру ноҳияҳои Роштқалъа 5184 сомонӣ, Дарвоз 4188 сомонӣ, Хоруғ 3666 сомонӣ, Рӯшон 3273 сомонӣ, Ишкошим 3262 сомонӣ, Шуғнон 3116 сомонӣ,  Ванҷ 2700 сомонӣ  ва Мурғоб 2500 сомониро ташкил дода,  омӯзиши сабабҳои фарқияти каму зиёди хароҷотҳои маъракаро талаб менамояд.

Зиёдшавии ҳолати қонуншиканӣ нисбати  ҳамин давраи соли гузашта дар ноҳияҳои вилоят ба қайд гирифта нашудааст, ки ин аз самаранокии кори Комиссияи доимамалкунанда дарак медиҳад.

### 2.5. (2.5.1, 2.5.2) Рафти иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 июли соли 2017, №344 "Дар бораи Қоидаҳои ягона барои сомонаҳои расмии вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар шабакаи Интернет"

#### 2.5.1. Истифодаи технологияи иттилоотии коммуникатсионӣ дар фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо

Сомонаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон www.badakhson.tj аз соли 2012 боз фаъолият мекунад. Бо сабаби рӯйи кор оварда шудани Барномаи нави HTML сомона аз моҳи январи соли 2019 фаъолияташро тибқи талаботи он роҳандозӣ намудааст.

Дар давраи ҳисоботӣ нишондиҳандаи баланди дараҷаи корношоямии воситаҳои технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ, компютерҳо дар дастгоҳи

Раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 10,4% (ҳамагӣ 67 адад) ва дар дастгоҳи раисони шаҳру ноҳияҳо, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот (ҷамоатҳо) - и онҳо дар ноҳияҳои Мурғоб 26,5% (64 адад), Дарвоз 20,6% (ҳамагӣ 63 адад), Рошткалъа 19,3% (61 ҳамагӣ адад), Ванҷ 15,1% (ҳамагӣ 86 адад), Ишкошим 10,2% ( ҳамагӣ 107 адад), Шуғнон 10,5% (57 адад) ва Рӯшон 9,7% (ҳамагӣ 69 адад)-ро ташкил медиҳад, ки таъсири манфии худро ба самаранокии фаъолияти мақомоти идоракунии маҳаллӣ мерасонад.

Инчунин, нишондиҳандаи мазкур дар шаҳри Хоруғ 0% (ҳамагӣ 55 адад)-ро ташкил додааст, ки ба самаранокии фаъолияти мақомоти идоракунии маҳаллӣ мусоидати мусбӣ мерасонад.

Дар шаҳри Хоруғ 11 нуқтаи дастрасӣ ба интернет дошта, 1 нуқтаи сомонаи расмии худро дорад, ки ин нишондиҳанда дар ноҳияҳои Рӯшон 10/1, Ишкошим 2/1, Дарвоз 7/1, Шуғнон 4/1, Рошткалъа 7/1 ва Ванҷ 7/1 нуқтаро ташкил додааст.

Дар ҳамаи ҷамоатҳои деҳоти ноҳияҳои вилоят то ҳоло сомонаи интернетӣ бо сабаби маҳдуд будани маблағҳои буҷетӣ ташкил карда нашудааст. Ба шабакаи интернетӣ ҷамоатҳои деҳот тариқи модем пайваст мебошанд.

Натиҷаи таҳлил муайян намуд, ки рафти иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 июли соли 2017, №344 «Дар бораи Қоидаҳои ягона барои сомонаҳои расмии вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар шабакаи Интернет» дар шаҳру ноҳияҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон хусусан дар мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳоти он дар сатҳи нокифоя буда, пурзӯр намудани корҳо дар ин самт дар якҷоягӣ бо Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур мебошад. Ҳамзамон, ҷиҳати иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2019, №642 “Дар бораи Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар солҳои минбаъда чораҳои зарурӣ роҳандозӣ намоянд.

### 2.5.2. Ташкили давраи омӯзишӣ ҷиҳати истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ барои кормандони мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот (Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06.03.2019 с., №АП-1176 оид ба Нақша чорабиниҳо бахшида ба «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» банди 21)

Ҷиҳати дуруст истифода намудани технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ барои кормандони мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот ва кормандони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон соли 2020 курсҳои омузишӣ аз тарафи Донишгоҳи Осиёи Марказӣ баргузор гардиданд.

Боиси қайд аст, ки кормандони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон малакаи хуби истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дошта, барои мукаммал гардонидани малакаи кормандон соли ҷорӣ курсҳои омӯзишӣ ба нақша гирифта шудааст.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокомияти давлатии ноҳияи Дарвоз ҷиҳати омӯзиши технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ аз ҷониби кормандони

мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот пайваста корбарӣ намуда, як қатор корҳоро ба иҷро расонидааст. Барои баланд бардоштани малакаю дониши касбии хизматчиёни давлатӣ ҳармоҳа омӯзиши истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ аз тарафи масъулини мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлати ноҳия баргузор гардида, барои аз худ намудани технологияи иттилоотӣ мунтазам корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида мешавад.

Дар нимсолаи аввал бинобар тақвият бахшидан ба ҳукумати электронӣ дар ноҳияи Роштқалъа котибони ҷамоатҳои деҳотро ба омӯзиш фаро гирифта, китобҳои хоҷагии ҷамоатҳоро ба базаи омори давлатӣ ворид намуда истодаанд.

Ҳамзамон, дар шаш моҳи соли 2021 дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Хоруғ 4 маротиба омӯзиш ҷиҳати истифодаи технологияхои коммуникатсионӣ дар ҷамоатҳои шаҳраки И. Сомонӣ ва Ш.Шоҳтемур гузаронида шуда, дар нимсолаи дуюм низ аз рӯи нақша гузаронида хоҳанд шуд.

Ташкили курсҳои омӯзишӣ ҷиҳати истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар ноҳияҳои Рӯшон ва Ишкошим барои кормандони мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот оид ба рафти иҷрои амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06.03.2019 с., №АП-1176 оид ба Нақша чорабиниҳо бахшида ба «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» (банди 21) то кунун ташкил карда нашудааст.

Ҳамзамон, вобаста ба банди мазкур аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Ванҷ маълумот пешниҳод нагардидааст.

### 2.6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ»:

#### 2.6.1. Гузаронидани озмуни мансабҳои маъмурии хизмати давлатӣ (моддаи 18), аттестатсияи хизматчиёни давлатӣ (моддаи 20), бозомӯзӣ ва омода намудани хизматчиёни давлатӣ барои баланд бардоштани масъулияти онҳо

Дар давоми шаш моҳи соли ҷорӣ оид ба гузаронидани озмуни мансабҳои маъмурии хизмати давлатӣ (моддаи 18) 1 озмуни аз соли 2020 барои 4 мансаб тибқи қарори раиси вилоят, инчунин дар соли 2021 - 3 қарори раиси вилоят барои ишғол намудани 4 мансаби дигар дар дастгоҳи раиси вилоят ва идораву мақомотҳои вилоятӣ эълон карда шуда, баргузор гардидааст.

Оид ба озмуни мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ аризаи 40 нафар довталаб (32 зан) ворид шуда, аз онҳо 7 нафар (5 нафар зан) ба мансабҳои ишғолнамуда таъин карда шудаанд.

Бояд қайд кард, ки аттестатсияи навбатӣ ва такрории хизматчиёни давлатӣ то ҳол гузаронида нашуда, тибқи талаботҳои қонунҳои амалкунанда дар давоми сол гузаронида мешавад.

Ба ҳолати 1 июли соли ҷорӣ дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон мансаби маъмурии хизмати давлатӣ, яъне муовини якуми раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, сармутахассиси шуъбаи рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеаи дастгоҳи раиси ВМКБ, мутахассиси шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси дастгоҳи раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва мутахассиси шуъбаи рушди сайёҳии мақомоти

иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон холӣ мебошанд.

Ҳамзамон, дар шаш моҳи соли 2021 дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Хоруғ 3 маротиба ва ноҳияҳои Рӯшон 3 маротиба, Ванҷ 6 маротиба, Дарвоз 1 маротиба, Мурғоб 4 маротиба, Ишкошим 4 маротиба ва Роштқалъа 1 маротиба озмун барои ишғол намудани ҷойи кори холӣ гузаронида шуда, аз рафти баргузории онҳо дар ноҳияҳои Рӯшон 7 нафар, Ванҷ 6 нафар, Дарвоз 4 нафар, Мурғоб 6 нафар, Ишкошим 10 нафар ва Роштқалъа 5 нафар бо ҷойи кор таъмин гардиданд.

Инчунин, дар шаҳри Хоруғ ва ноҳияҳои Рӯшон, Ванҷ, Дарвоз, Мурғоб, Ишкошим ва Роштқалъа 1 маротибагӣ аттестатсияи хизматчиёни давлатӣ баргузор гардид, ки дар шаҳри Хоруғ 18 нафар ва ноҳияҳои Рӯшон 8 нафар, Дарвоз 24 нафар, Ишкошим 21 нафар, Роштқалъа 10 нафар ба аттестатсия фаро гирифта шуданд.

Соли ҷорӣ аз ноҳияҳои Рӯшон 5 нафар, Ванҷ 16 нафар, Ишкошим 25 нафар хизматчиёни давлатӣ дар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар муассисаҳои давлатӣ барои сайқал додани дониши худ аз такмили ихтисос гузаштанд.

## 3. Маълумот оид ба иҷрои даромад ва хароҷоти буҷет:

**3.1. Таҳлили иҷрои қисми даромад ва хароҷоти буҷет, афзоиш/коҳиш нисбат ба давраи ҳисоботии соли гузашта, 3.2. Чораҷӯӣ ҷиҳати сифатнок таъмин намудани қисми даромади буҷети давлатӣ, 3.3. Пешгирии зиёдшавӣ ва ба буҷет пардохт намудани барқияи қарзи андозҳои мавҷудбуда, 3.4. Мавҷудияти қарзи музди меҳнат, 3.5. Тамоюли афзоиш ё камшавии музди миёнаи меҳнат, 3.6. Тақвият бахшидани фаъолият дар самти муқовимат ба таҳдиду бухронҳо, ташаккули имконияту захираҳои молиявии ба рушд нигаронидашуда, таъмини гуногунсамтии иқтисодиёт, густариши раванди рақамикунонӣ, арзёбӣ гардиданд.**

### 3.1. Таҳлили иҷрои қисми даромад ва хароҷоти буҷет, афзоиш/коҳиш нисбат ба давраи ҳисоботии соли гузашта

Иҷрои нақшаи даромади буҷети вилоят дар шашмоҳаи якуми соли 2021 аз рӯи даромадҳои худии буҷети вилоят ба андозаи 106,1% таъмин гардида, дар маҷмӯъ дар вилоят тибқи нақшаи маблағи 103,6 млн. сомониро ташкил дода, иҷрои он 109,9 млн. сомониро ташкил додааст.

Саҳми шаҳру ноҳияҳои Дарвоз +3,5 млн. сомонӣ (121,8%), Хоруғ +1,6 млн. сомонӣ (106,6%), Ишкошим +695,8 ҳазор сомонӣ (112,0%), Рӯшон +389,5 ҳаз. сомонӣ (105,0%), Роштқалъа +118,4 ҳаз. сомонӣ (102,3%) ва Ванҷ +95,8 ҳазор сомонӣ (101,4) нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта зиёд гардидани воридоти маблағ назаррас буда, барои рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа шароит фароҳам оварда мешавад.

Нақшаи қисми даромади буҷети маҳаллии ноҳияҳои Шуғнон -895,4 ҳаз. сомонӣ (91,7%) ва Мурғоб -507,5 ҳаз. сомонӣ (92,0%) иҷро нагардидааст, ки барои рушди иҷтимоию иқтисодии ин ноҳияҳо таъсири манфӣ мерасонад.

Қисми хароҷоти буҷети вилоят дар шашмоҳаи аввали соли 2021 ба андозаи 91,2 фоиз таъмин гардида, маблағи 89,0 млн сомонӣ ташкил додааст, ки ин маблағҳо барои сохторҳои иқтисодию иҷтимоии вилоят равона гардид.

Хароҷоти буҷет дар алоҳидагӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят аз ҷумла, дар Ишкошим 96,0 фоиз, Мурғоб 96,0 фоиз, Дарвоз 92,4 фоиз, Рӯшон 91,7 фоиз, Шуғнон 90,7 фоиз, Ванҷ 89,5 фоиз, Роштқалъа 89,4 фоиз, Хоруғ 87,2 фоиз ва буҷети вилоят 92,2 фоизро ташкил дод.

## 3.2. Чораҷӯӣ ҷиҳати сифатнок таъмин намудани қисми даромади буҷети давлатӣ

Сифатнокии иҷроиши нақшаи қисми даромади буҷет бошад ба ғайр аз ноҳияи Дарвоз дар дигар ноҳияҳо ва шаҳри Хоруғ таъмин карда нашуд.

Ҳамзамон бояд қайд кард, ки тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2021” аз 5 майи соли 2021 №399 ва қарорҳои дахлдори раисони шаҳру ноҳияҳои вилоят буҷети вилоят барои соли 2021 ба андозаи 1 175 300 сомонӣ (андози ягонаи замин) кам гардида, бар ивази он аз буҷети ҷумҳурявӣ дар давраи ҳисоботӣ кумаки молиявӣ (дотатсия) дар ҳаҷми 201 431 сомонӣ ба буҷетҳои маҳаллӣ пардохт гардид.

Дар вилоят иҷрои нақшаи қисми даромади буҷет аз рӯи се намуди андоз-андоз аз фоида ба андозаи 99,9%, арзиши иловашуда 93,9%, аз истифодаи захираҳои табиӣ 81,3% ва андоз аз истифодабарии қитъаи замин таъмин нагардиданд.

Ҳолати таъминнагардидани иҷрои буҷет дар шаҳру ноҳияҳо:

- ноҳияи Ванҷ (аз руи як намуди андоз- андоз аз истифодаи захираҳои табиӣ 5,5%);
- ноҳияи Рӯшон (аз рӯи як намуди андоз - андози даромад аз шахсони воқеӣ (94,0%);
- ноҳияи Шуғнон (аз рӯи се намуди андоз – андоз аз арзиши иловашуда 42,9%, андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард 95,3% ва андоз аз истифодаи захираҳои табии 94,6%);
- ноҳияи Роштқалъа аз рӯи як намуд - андоз аз воситаҳои нақлиёт (83,9%);
- ноҳияи Ишкошим (аз рӯи ду намуди андоз - андоз аз воситаҳои нақлиёт 77,8 %, дигар даромадҳои ғайриандозӣ 28,2%);
- ноҳияи Мурғоб (аз рӯи як намуд андоз – андоз аз захираҳои табии 15,3%); Сабаби иҷро нашудани ин намуди андозҳо ин фаъолият накардани корхонаи истихроҷии “С.А. Минералз дар Тоҷикистон” мебошад;
- шаҳри Хоруғ (аз рӯи чор намуди андоз - андоз аз фоида 90,3%, андоз аз арзиши иловашуда 91,8%, андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард 86,8%, боҷи давлатӣ 88,3%);
- буҷети худии вилоят аз ҳисоби ҳиссаҷудокинӣ аз буҷети ш.Хоруғ аз намуди андоз аз фоида 77,1%) - таъмин карда нашуд.

Вобаста ба ҳолати бамиёномада мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои болозикрро зарур аст, ки дар ҳамкории мутақобила бо

мақомоти нозироти андоз, бозрасии давлатии автомобилии шаҳру ноҳияҳо ва андозсупорандагон корҳоро дуруст ба роҳ монда, камбудиҳоро бартараф намоянд.

### 3.3. Пешгирии зиёдшавӣ ва ба буҷет пардохт намудани бақияи қарзи андозҳои мавҷудбуда

Ба ҳолати 1 июли соли 2021 бақияпулиҳои андоз бо назардошти андози иҷтимоӣ маблағи 1,748 млн сомониро ташкил дода, нисбати 1 январи соли 2021 (1,915 млн.сомонӣ) дар ҳаҷми 0,167 млн. сомонӣ кам шудаанд.

Ин нишондиҳанда дар ноҳияи Ишкошим +17,4 ҳазор сомонӣ (87,2 ҳаз. сомонӣ) ташкил дода, ташвишовар боқӣ мондааст. Аз ин лиҳоз, барои кам намудани он мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияро зарур аст, ки андешидани чораҳои иловагӣ ва пурзӯр намудани фаъолият дар якҷоягӣ бо нозироти андоз тақозо менамояд.

Дар шашмоҳаи аввали соли 2021 дар шаҳри Хоруғ -2,4 ҳазор сомонӣ (1,3 млн.сомонӣ) ва ноҳияҳои Шуғнон – 3,4 ҳазор сомонӣ (172,1 ҳаз. сомонӣ), Ванҷ - 4,2 ҳазор сомонӣ (81,7 ҳазор сомонӣ), Дарвоз – 61,2 ҳазор сомонӣ (18,6 ҳаз. сомонӣ), Роштқалъа – 5,7 ҳазор сомонӣ (18,3 ҳаз. сомонӣ) ва Рӯшон -5,6 ҳазор сомонӣ (58,1 ҳаз. сомонӣ) бақияи андоз кам гардидааст, ки натиҷаи чораҳои сариваќтии андешидаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо ва нозироти андоз мебошад.

Яке аз сабаби зиёд гардидани қарздории андоз ин муфлисшавии корхонаҳо мебошад, ки фоизи ҷаримаи қарзи онҳо ҳармоҳа меафзояд.

### 3.4. Мавҷудияти қарзи музди меҳнат

Дар вилоят қарздорӣ ба ҳолати 1 июли соли 2021 48,3 ҳазор сомониро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта -26,8 ҳазор сомонӣ кам гардидааст.

Ҳамзамон, дар шаҳри Хоруғ мавҷудияти қарзи музди меҳнат 45,3 ҳазор сомониро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта – 73,1 ҳазор сомонӣ кам гардидааст.

Инчунин, қарздории фонди музди меҳнат ва қафомонии пардохтҳои он дар ташкилоту муассисаҳои буҷетии ноҳияи Рӯшон маблағи 3,0 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.

Дар ҳисоботҳои пешниҳоднамудаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии боқимонда ноҳияҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон қарздорӣ аз ҳисоби музди меҳнат вуҷуд надорад.

### 3.5. Тамоюли афзоиш ё камшавии музди миёнаи меҳнат

Музди миёнаи меҳнат дар давраи ҳисоботӣ ба андозаи 1371,4 сомонӣ муайян гардида, нисбат ба ҳамин давраи соли 2020 ба андозаи 132 сомонӣ ё 10,6 фоиз афзоиш ёфтааст.

Зиёдшавии музди миёнаи меҳнат дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳои вилоят ба чашм мерасад. Аз ҷумла дар шаҳри Хоруғ +1037 сомонӣ (2871,0 сомонӣ) ва ноҳияҳои Ванҷ +139,5 (1031 сомонӣ), Рӯшон +123,7 сомонӣ (992,2 сомонӣ),

Дарвоз +111,52 (1016,31 сомонӣ), Ишкошим +93 сомонӣ (923 сомонӣ), Роштқалъа +92,41 (999,61 сомонӣ), Мурғоб +79,8 сомонӣ (1304,6 сомонӣ) ва Шуғнон +35,8 (923 сомонӣ) ташкил медиҳанд.

Зиёдшавии музди миёнаи меҳнат дар тамоми шаҳру ноҳияҳои вилоят ба назар расида, барои беҳтар намудани ҳолати иҷтимоии аҳолӣ мусоидат намудааст.

### 3.6. Тақвият бахшидани фаъолият дар самти муқовимат ба таҳдиду буҳронҳо, ташаккули имконияту захираҳои молиявии ба рушд нигаронидашуда, таъмини гуногунсамтии иқтисодиёт, густариши раванди рақамикунонӣ

Вобаста ба муқовимат ба таҳдиду бӯҳронҳо ва ҷамъоварӣ намудани маблағҳои иловагӣ барои рушди иқтисодиёт маълум менамоем, ки аз тарафи Шӯъбаи аудити дохилӣ ва назорати Сарраёсати молияи вилоят дар ин давра дар 61 идораву муассисаҳои давлатӣ оид ба мақсаднок ва сарфакорона истифода бурдани маблағҳои давлатӣ санҷишҳо гузаронид, ки ин 97,6 фоизи нақшаи нимсолаи аввалро ташкил дода, зарари умумии молиявӣ ба маблағи 97 825 сомонӣ ошкор намуд, ки аз он маблағи 48,246 сомонӣ 55,5% (бақия 49 579) ба буҷетҳои дахлдор ҷо ба ҷо карда шуд.

Аз маблағи муайяншуда:

- аз ҳисоби пардохти музди меҳнат ва мукофотпулӣ маблағи 24336 сомонӣ,
- кӯмакпулӣ ва ҷубронпулӣ 161,0 сомонӣ,
- аз ҳисоби андозҳо 30 602,50 сомонӣ,
- сафархарҷӣ 10 629 сомонӣ,
- аз меъёр хароҷоти зиёди сузишворӣ 4 463 сомонӣ,
- дигар хароҷотҳои ғайриқонунӣ 9 319,50 сомонӣ,
- камомади молу маводҳои арзишдор 7 476 сомонӣ,
- зиёдомади дар ҳисоботи муҳосиби ба даромад гирифташуда 10838 сомонӣ.

Инчунин, дар нимсолаи якуми соли ҷорӣ аз ҷониби Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон санҷиши ташаккул ва иҷроиши буҷети маҳаллии ноҳияи Шуғнон гузаронида шуда, зарари молиявӣ дар ҳаҷми 563,6 ҳазор сомонӣ муайян гардид, ки маблағи мазкур аллакай ба буҷетҳои дахлдор ҷо ба ҷо гардид.

Ҷиҳати сари вақт маблағгузорӣ намудании моддаҳои ҳимояшавандаи буҷет, бо монанди музди меҳнат ва маош, уҳдадориҳои иҷтимоӣ (25%) ва хизматҳои коммуналӣ ва ба қарздорӣ дучор нагардидани онҳо, хароҷотҳои дуюмдараҷаи буҷет, аз ҷумла хариди ҳаргуна воситаҳои нақлиёт, таъмири биноҳои маъмурӣ ва амволи инҳо ба қадр имкон маҳдуд гардонда шудаанд.

Оид ба густариши раванди рақамикунонӣ дар соҳаи молия ва андоз ҷиҳати сифатнок иҷро намудани нақшаи қисми даромади буҷет ва мақсадноку самаранок хароҷот намудани маблағҳои буҷетӣ маълум менамоем, ки дар вилоят ҳамаи субъектҳои хоҷагидорӣ ва идораву муассисаҳое, ки аз буҷети маҳаллӣ ва ҷумҳуриявӣ маблағгузорӣ карда мешаванд, таввасути Барномаи Низоми иттилоотии банақшагирӣ ва иҷроиши буҷети давлатӣ (SGB-net) маблағгузорӣ гардида, ҳисоботҳои кварталӣ низ ба воситаи ин низом амалӣ карда мешавад. Тағйирот дар қисми даромад ва хароҷоти буҷети маҳаллӣ низ ба воситаи

Барномаи (SGB-net) анҷом дода мешавад. Инчунин баҳри татбиқи саривақтӣ ва пурраи густариши раванди рақамикунонӣ ва консепсияҳои иқтисодӣ, рақамию ҳукумати электронӣ ва кам намудани хароҷотҳои ҷории буҷет, аз тарафи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаи раёсатҳои молияи шаҳру ноҳияҳо ва идораю муассисаҳои аз буҷети маҳаллӣ ва ҷумҳуриявӣ маблағгузоришаванда ба системаи ягонаи иттилоотӣ пайваст карда шуда, назорат карда мешавад.

Дар давраи ҳисоботӣ барои сари вақт напардохтани қарзи андозҳо мақомоти дахлдори шаҳри Хоруғ нисбати 3 андозсупоранда дар суратҳисобҳои бонкӣ ба маблағи 62 ҳазор сомонӣ боздошт шуда, аз ин ҳисоб маблағи 41 ҳазор сомонӣ ба буҷет ворид карда шуд.

Мушкилот:

Мушкилоти асосии ҷойдошта вобаста ба қисми даромади буҷет ин дар мадди аввал ба ғайри аз ноҳияи Дарвоз сифатнок иҷро нагардидани буҷетҳои маҳаллии шаҳру ноҳияҳои вилоят мебошад.

Барои ҳалли мушкилоти мазкур, мақомотҳои андоз ва молияи шаҳру ноҳияҳои вилоят бояд барои пурра ба даромади буҷетҳои маҳаллии шаҳру ноҳияҳо ворид шудани даромадҳои андозию ғайриандозӣ бештар кӯшиш ба харҷ диҳанд ва дарёфти сарчашмаҳои иловагии даромадро таъмин намоянд.

Пешниҳод:

Вобаста ба иҷроиши буҷет ва пардохти андозҳо дар шаҳру ноҳияҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, гарчанде, ки аз тарафи мақомоти молия ва андоз корҳои назаррас ба иҷро расонида шуда бошад ҳам, бояд барои пурра ба даромади буҷетҳои маҳаллии шаҳру ноҳияҳо ворид шудани даромадҳои андозию ғайриандозӣ бештар кӯшиш ба харҷ диҳанд ва дарёфти сарчашмаҳои иловагии даромадро таъмин намоянд.

Инчунин, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳои Мурғоб, Дарвоз, Ванҷ, Шуғнон, Роштқалъа ва Ишкошимро зарур аст, ки ҳангоми таҳлил зербанди 3.6. доир ба “Тақвият бахшидани фаъолият дар самти муқовимат ба таҳдиду бухронҳо, ташаккули имконияту захираҳои молиявии ба рушд нигаронидашуда, таъмини гуногунсамтии иқтисодиёт, густариши раванди рақамикунонӣ” минбаъд маълумоти нопурраро пешниҳод нанамоянд.

**4. Маълумот оид ба таъмини беҳбудии фазои сармоягузорӣ, рушди бахши хусусӣ ва мусоидат ба рушди соҳибкорӣ**

**4.1. (4.1) Шумораи соҳибкорони хурду миёна, тамоюли инкишоф ё қатъ гардидани фаъолияти онҳо, каму зиёдшавии онҳо аз рӯи соҳаҳо, аз ҷумла занон ва ҷавонони соҳибкор, ҳиссаи соҳибкорондар ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти шаҳру ноҳияҳо, ва ҳиссаи соҳибкорон дар ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти шаҳру ноҳияҳо 4.2. Ҷалби сармояи мустақим, беҳтар гардонидани фазои сармоягузорӣ ва рушди соҳибкорӣ, ҷорӣ кардани расмиёти электронии баррасӣ ва пешниҳоди иҷозатномаҳо, ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ ва сертификатҳо барои фаъолияти соҳибкорӣ ва дар ин раванд бартараф намудани омилҳои субъективӣ (банди 9 паём), 4.3. Амалисозии барасмиятдарории фаъолияти сармоягузорӣ тавассути пурра ҷорӣ намудани низоми электрониву рақамӣ ва ба роҳ мондани фаъолияти марказҳои хизматрасонӣ ба соҳибкорону сармоягузорон дар шаҳру ноҳияҳои кишвар (банди 10 паём), 4.4. (4.4, 4.5) Пешниҳоди маблағҳои қарзии дастрас ва дастгирии соҳибкорӣ, арзёбӣ гардиданд.**

### 4.1. Шумораи соҳибкорони хурду миёна, тамоюли инкишоф ё қатъ гардидани фаъолияти онҳо, каму зиёдшавии онҳо аз рӯи соҳаҳо, аз ҷумла занон ва ҷавонони соҳибкор, ҳиссаи соҳибкорон дар ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти шаҳру ноҳияҳо ва ҳиссаи соҳибкорон дар ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти шаҳру ноҳияҳо

Дар нимсолаи аввали соли 2021 шумораи умумии соҳибкорон дар вилоят 6648 нафарро ташкил додааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта (4387) +2261 нафар ё ин ки 51,5% зиёд шудааст.

Аз ҷумла аз ҳисоби 2453 соҳибкорони инфродии бо патент фаъолият намуда, маблағи 1236,1 ҳазор сомонӣ ба буҷет ворид гардида, маблағи воридшуда аз ҳисоби патент ба ҳар як соҳибкор дар давоми як моҳ ба ҳисоби миёна 84,0 сомонӣ рост меояд. Ҳамчунин дар ин давра дар вилоят 1162 соҳибкор аз тариқи шаҳодатнома фаъолият намуда, аз ҳисоби фаъолияти онҳо ба буҷети вилоят ба маблағи 2067,1 ҳазор сомонӣ пардохт карда шуд, ки маблағи воридшуда ба ҳар як соҳибкор ба ҳисоби миёна 297,0 сомониро ташкил медиҳад. Инчунин дар ин давра 29 хоҷагии деҳқонӣ дар асоси шаҳодатнома фаъолият намуда, маблағи 113,7 ҳазор сомонӣ ба буҷет ворид намуданд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар давраи ҳисоботӣ 471 соҳибкор тариқи патент ва 55 соҳибкор тариқи шаҳодатнома фаъолияташонро дар шаҳру ноҳияҳои вилоят қатъ намуданд.

Ҳамзамон, ин нишондиҳанда дар ноҳияҳои Дарвоз -32 (1001), Ванҷ -28 (343) нафар ва Ишкошим -19 (372) нафар кам гаштааст, ки омӯзиши сабабҳо ва андешидани чораҳои иловагиро тақозо менамояд.

Аз шумораи умумии соҳибкорон 2050 нафар соҳибкорзан мебошанд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта (2010 нафар) +40 нафар ё 1,9% зиёд буда, ин нишондиҳанда дар ноҳияҳои Мурғоб +65 (179 нафар), Ишкошим +66 (113 нафар), Рӯшон +33 (163 нафар), Шуғнон +7 (43 нафар, Роштқалъа +1 (28 нафар) ва Ванҷ -+0 (48 нафар), ташкил дода, дар шаҳри Хоруғ -60 (550) нафар ва ноҳияи Дарвоз -87 (206 нафар) кам гардидааст, ки корҳо дар

самти дастгирии соҳибкорзанон аз ҷониби мақомоти дахлдор ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳру ноҳияҳо беҳбудиро талаб менамояд.

### 4.2. Ҷалби сармояи мустақим, беҳтар гардонидани фазои сармоягузорӣ ва рушди соҳибкорӣ, ҷорӣ кардани расмиёти электронии баррасӣ ва пешниҳоди иҷозатномаҳо, ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ ва сертификатҳо барои фаъолияти соҳибкорӣ ва дар ин раванд бартараф намудани омилҳои субъективӣ

Айни ҳол дар ҳудуди вилоят барои беҳдошти шароити муассисаҳои маорифу тандурустӣ, нақлиёт, обёрӣ ва корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ 12 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ татбиқ шуда истодааст, ки маблағи то имрӯз азхудшудаи онҳо беш аз 258,8 миллион сомониро (22,8млн. доллари ИМА) ташкил медиҳад.

Инчунин, шумораи лоиҳаҳо ва ҳаҷми маблағгузории ҷалбшуда дар ноҳияҳои Рӯшон 16 адад (3559,4 ҳазор сомонӣ), Ванҷ 11 адад (38915,5 ҳазор сомонӣ) ва Шуғнон 1 адад (321,7 ҳазор сомонӣ) амалӣ гардида истодааст.

Ҳамзамон, бахри инкишофи ҳадафи чоруми миллӣ, яъне саноатикунонии босуръати кишвар, инчунин барои ривоҷу равнақи шарикии давлат ва дастгирии бахши хусусӣ дар соҳаи соҳибкорӣ бо дастури Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷуҳмурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон намояндагии Корхонаи воҳиди давлатии бонки саноативу содиротии Тоҷикистон “Саноатсодиротбонк” дар шаҳри Хоруғ таъсис дода шуд, ки ин барои таҳия ва пешниҳоди лоиҳаҳои бизнесӣ барои соҳибкорон бо мақсади тадриҷан зиёд кардани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатии рақобатнок кумак ва дастгирӣ менамояд. Аз ҷониби намояндаи КВД “Саноатсодиротбонк” – и вилоят ба ҳолати 1 апрели соли 2021 барои дарёфт намудани сармоягузор 30 адад лоиха ба маблағи 9,0 млн. сомонӣ пешниҳод карда шудааст, ки 11 лоиҳа ба маблағи 4,2 млн. сомонӣ самти истеҳсолӣ мебошанд.

Ҷиҳати иҷрои ин банди мазкур ва дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 ноябри соли 2020, № 600 “Дар бораи Қоидаҳои додани иҷозат ба шахсони воқеӣ барои истихроҷи канданиҳои фоиданоки пошхӯрда бо усули худфаъолӣ ва худбиёрӣ” дар ноҳияи Мурғоб ба 245 нафар иҷозат дода шуд.

### 4.3. Амалисозии барасмиятдарории фаъолияти сармоягузорӣ тавассути пурра ҷорӣ намудани низоми электрониву рақамӣ ва ба роҳ мондани фаъолияти марказҳои хизматрасонӣ ба соҳибкорону сармоягузорон дар шаҳру ноҳияҳои кишвар

Дар ин давра аз ҷониби филиали бонки аввалияи молиявии хурди ноҳияи Мурғоб ба 157 нафар, аз он ҷумла соҳибкорон ба маблағи 2,1 млн. сомонӣ ва филиали №70 БДА “Амонатбонк” ба 145 нафар ба маблағи 1,5 млн. сомонӣ қарз дода шуд. Интиқоли маблағ дар шаш моҳи соли ҷорӣ ба маблағи 6,9 млн. сомонӣ ворид ва содир карда шудааст.

Ҳамзамон, ҷиҳати мукаммал ва амалисозии барасмиятдарории фаъолияти сармоягузорӣ тавассути пурра ҷорӣ намудани низоми электрониву рақамӣ ва ба роҳ мондани фаъолияти марказҳои хизматрасонӣ ба соҳибкорону сармоягузорон аз тарафи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Дарвоз дар

якҷояги бо масъулини соҳаҳо тадбирҳо андешида шуда, чунин низом дар ноҳия роҳандозӣ нагардидааст.

Дар ноҳияи Роштқалъа гарчанде ҳамаи андозсупоранда ба ин низом пайваст набошанд, ҳам нозироти андоз кушиш намуда истодааст, ҳар чӣ бештар низоми электрониву рақамиро ҷорӣ намояд.

Дар ноҳияи Ишкошим бошад барасмиятдарории фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ тавассути низоми электронӣ ба роҳ монда шуда, дар ин самт сол то сол шароиту имкониятҳо беҳтар гардида истодаанд. Аммо ба ҳолати 1 июли соли 2021 дар ноҳия маркази хизматрасонӣ ба соҳибкорону сармоягузорон бо сабаби дар сатҳи зарурӣ мавҷуд набудаи алоқаи интернетӣ таъсис дода нашудааст.

Дар ноҳияи Рӯшон дар соли равон 10 нафар андозсупорандагон тавассути сомонаи “Онлайн”-и Кумитаи андоз бо мутахассисони оид ба масъалаи андозбандӣ ва дигар масъалаҳо машварат намуданд.

Аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳои Ванҷу Шуғнон доир ба банди мазкур маълумот дода нашудааст.

### 4.4. Пешниҳоди маблағҳои қарзии дастрас ва дастгирии соҳибкорӣ

Ҳамасола дастрасии аҳолӣ ва соҳибкорони хурду миёна ба манбаъҳои молиявӣ афзун гардида, аз ҷониби бонкҳо ва ташкилотҳои қарздиҳии дар вилоят фаъолиятдошта дар давоми нимсолаи аввали соли 2021 ба маблағи зиёда аз 52,6 миллион сомонӣ қарзҳои хурд дода шудаанд. Имрӯз қарздиҳии хурд омили асосии рушди соҳибкории инфиродӣ гардида, ба ҳалли масъалаҳои иҷтимоии аҳолӣ, аз ҷумла ташкили ҷойҳои нави корӣ мусоидат карда истодааст. Дар ин давра ба 1524 соҳибкор ба маблағи 11,2 млн. сомонӣ қарзҳои бонкӣ дода шудааст, ки ин 22,1 фоизи қарзҳои умумиро ташкил мекунад. Инчунин дар ин муддат барои рушди сайёҳӣ ва эҳёи ҳунарҳои мардумӣ ба маблағи зиёда аз 1026,5 ҳазор сомонӣ дода шудааст, ки ин 2,0 фоизи қарзҳои умумиро ташкил медиҳад.

Дар нимсолаи аввали соли 2021 барои 247 соҳибкорон аз тарафи бонкҳои дар вилоят амалкунанда ба маблағи 15009,2 ҳазор сомонӣ қарз дода шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба маблағи 6897,9 ҳазор сомонӣ ё 184 фоиз зиёд гардидааст, ки барои рушди самти мазкур шароити мусоид фароҳам овардааст.

Дастрасии соҳибкорон ба маблағи қарзи бонкӣ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар ноҳияҳои Шуғнон +9407,2 ҳаз. сомонӣ (11870,9 ҳаз. сомонӣ), Мурғоб +1049,3 ҳаз. сомонӣ (ҳамагӣ 3722,2 ҳаз. сомонӣ), Рӯшон +875 ҳаз. сомонӣ (4340,4 ҳаз. сомонӣ), Ишкошим +462 ҳаз. сомонӣ (901 ҳаз. сомонӣ), Дарвоз +298 ҳаз. сомонӣ (376 ҳаз. сомонӣ), Ванҷ +109 ҳаз. сомонӣ (452 ҳаз. сомонӣ) ва Роштқалъа +67 ҳаз. сомонӣ (740 ҳаз. сомонӣ) зиёд гардидааст, ки аз пешрафти фаъолияти соҳаҳои мазкур дарак дода, дуруст ба роҳ мондани ҳамкории соҳибкорон ва марказҳои хизматрасонии бонкиро нишон медиҳанд.

Ҳамзамон, ин нишондиҳанда дар шаҳри Хоруғ -580 ҳаз. сомонӣ (ҳамагӣ 216 ҳаз. сомонӣ) нисбати ҳамин давраи соли гузашта кам гаштааст.

Мушкилот:

Кам гардидани ҳаҷми қарзҳои бонкӣ барои соҳибкорони вилоят дар чанд соли охир ва баланд будани фоизнокии онҳо;

Бартараф намудани иҷозатномаи иловагӣ барои ворид шудан ба қаламрави Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, ки яке аз мамониатҳоест, ки ба рафтуомади сармоягузорон, баъзан сайёҳон ва  дигар ҳамкорони корӣ халал мерасонад ва садди роҳи рушди босуръату  устувори соҳибкории вилоят ва пешрафти иқтисодии он гардидааст;

Маълумоти нокифояи  соҳибкорон оид ба муносибатҳои бозорӣ;

Мавҷуд набудани марказҳои машваратӣ  барои соҳибкорон:

Набудани восита ва дастрасӣ ба сарчашмаҳои молиявӣ ва надоштани маълумот оид ба таҳия ва тартиб додани нақшаи тиҷоратӣ;

Дар ҳамкорӣ бо дигар мақомотҳои дахлдор дар ташкил ва баргузор намудани корҳои фаҳмондадиҳӣ барои субъектҳои соҳибкорӣ оид ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи дастгирии соҳибкорӣ, аз ҷумла дар соҳаи танзими низоми иҷозатдиҳӣ, санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор ва мораторӣ ба санҷишҳо.

Пешниҳод:

барои соҳибкорони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон қарзҳои имтиёзнок, бо фоизнокии пасттар ва муҳлаташон дароз ҷудо гардад;

бартараф намудани иҷозатномаи иловагӣ барои ворид шудан ба қаламрави Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, ки яке аз мамониатҳоест, ки ба рафтуомади сармоягузорон, баъзан сайёҳон ва  дигар ҳамкорони корӣ халал мерасонад ва садди роҳи рушди босуръату устувори соҳибкории вилоят ва пешрафти иқтисодии ин вилояти дурдасти кишварамон мегардад.

баргузор намудани корҳои фаҳмондадиҳӣ аз ҷониби кормандони масъули Нозироти андози шаҳру ноҳияҳои вилоят дар ҳамкорӣ бо дигар мақомотҳои дахлдор барои субъектҳои соҳибкорӣ оид ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии дар самти соҳибкорӣ.

## 5. Маълумот оид ба рушди соҳаи саноат:

**5.1.Нишондиҳандаи маҷмӯи маҳсулоти саноатӣ ва истеҳсоли маҳсулоти асосии саноатӣ аз рӯи намуди маҳсулоти саноатӣ, 5.2.Чораҳои андешидашуда ҷиҳати афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ аз ҳисоби баистифодадиҳии иқтидорҳои нави истеҳсолӣ, ба кор андохтани иқтидорҳои бозистодаи корхонаҳои соҳа бо ҷалби сармоягузории дохилию хориҷӣ, истеҳсоли маҳсулоти саноатии рақобатпазири воридотивазкунанда бо арзиши баланди иловашуда, 5.3. Бо мақсади баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва диверсификатсияи истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, таъсиси корхонахои нави саноат, барқарорсозӣ ва муосиргардонии корхонахои амалкунанда ва аз фаъолият бозмонда дар самти истеҳсоли маҳсулоти ниҳоии рақобатпазир, бахусус аз нахи пахта, пилла, пӯсту пашм, меваю сабзавот ва гӯшту шир, 5.4.Вусъат бахшидани корҳо дар самти бунёди корхонаҳои металлургӣ, маъдантозакунӣ, истихроҷ ва то маҳсулоти ниҳоӣ коркард намудани металлҳои ранга ва қиматбаҳо, рушди саноати мошинсозӣ, нассоҷӣ, хӯрокворӣ ва дорусозӣ, 5.5. Таъмини корхонаҳо бо технологияҳои муосир ва зиёд намудани хаҷм ва номгӯи масолеҳи сохмонӣ, 5.6. Ҷараёни фаъолияти корхонахои дастии атласу адрасбофӣ, қолинбофӣ ва сехҳои духти либосҳои мактабӣ, 5.7.Рафти ҷалби сармоя ва ташкили инфросохтор барои фаъолияти минтақаи озоди иқтисодӣ, истеҳсоли маҳсулоти саноатии рақобатпазир ва содирот нигаронидашуда (Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон), 5.8. Бо мақсади татбиқи бемайлони саноаткунонии босуръати кишвар давра ба давра ҳаллу фасл намудани мушкилоти ҷойдоштаи соҳаи саноат, арзёбӣ гардиданд.**

### 5.1.Нишондиҳандаи маҷмӯи маҳсулоти саноатӣ ва истеҳсоли маҳсулоти асосии саноатӣ аз рӯи намуди маҳсулоти саноатӣ;

Дар вилоят ба ҳолати 1 июли соли ҷорӣ 210 адад корхона ва коргоҳои истеҳсолӣ мавҷуд буда, аз онҳо 55 адад ба таври расмӣ ва 154 тариқи тадқиқот ба қайд гирифта шудаанд. Дар давоми нимсолаи аввали соли 2021 корхона ва коргоҳҳои саноатии вилоят тибқи ҳисоботҳои оморӣ ба маблағи 103,9 млн. сомонӣ маҳсулот ва хизматрасониро ба иҷро расонидаанд, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта 86,2 фоиз ё ба маблағи 48,1 млн. сомонӣ зиёд мебошад. Асосан аз ҳисоби фаъолияти корхонаҳои истихроҷи маъдани ноҳияи Дарвоз (ҶДММ “Таком Голд” ва ҶДММ “Шимшо”) ба фаъолият шурӯъ намудани ҶДММ С.А, “Минералз” ва фаъолияти пурсамари баъзе корхонаҳои саноатии дигар мебошад.

Аз 55 адад корхона ба таври расмӣ ба қайд гирифташуда 8 корхона самти саноати кухӣ, 1 адад истеҳсоли қувваи барқ, 9 адад дузандагӣ, 3 адад истеҳсоли доруворӣ ва коркарди гиёҳои шифобахш, 11 адад самти хурокворӣ (аз ҷумла коркарди мева ва сабзавот, истеҳсоли қаннодӣ, обҳои ташнашикан, орд ва ғайра), 14 корхона истеҳсоли маҳсулоти сохтмонӣ ва 9 адад дар дигар самтҳо аз қабили истеҳсоли маводҳои конселярӣ ва ғайра кору фаъолият карда истодаанд.

Дар ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти вилоят 103,9 млн. сомониро ташкил медиҳад, ки аз он ба ноҳияҳои Дарвоз 44 млн. сомонӣ ё 42,3%, Ванҷ 3,9 млн. сомонӣ ё 3,8%, Рӯшон 3,1 млн. сомонӣ ё 3%, Шуғнон 23,1 млн. сомонӣ ё

22,2%, Роштқалъа 1,2 млн. сомонӣ ё 1,1%, Ишкошим 2,7 млн.сомонӣ ё 2,6%, Мурғоб 6,6 млн. сомонӣ ё 6,4% ва шаҳри Хоруғ 19,4 млн. сомонӣ ё 18,6% рост меояд.

Ҳиссаи маблағи истеҳсоли маҳсулоти саноатии шаҳру ноҳияҳо дар ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти саноатии вилоят дар шаҳру ноҳияҳои Мурғоб 82%, Дарвоз 45%, Хоруғ 18,4%, Шуғнон 18,2%, Ванҷ 14,4%, Рӯшон 13,4%, Роштқалъа 9,5% ва Ишкошим 5,2% ташкил медиҳад.

Нишондиҳандаҳои баланди суръати афзоиш нисбат ба соли гузашта дар шаҳру ноҳияҳои Мурғоб 8,2 м (ҳамагӣ 6,6 млн. сомонӣ), Дарвоз 4,5м (44,0 млн. сомонӣ), Ванҷ 144,4% (3,9 млн. сомонӣ), Хоруғ 118,4% (19,3 млн. сомонӣ), Шуғнон 118,2% (23,0 млн. сомонӣ) ва Рӯшон 103,4% (3,0 млн. сомонӣ) таъмин намудаанд, ки ба рушди устувори саноат замина гузошта шуда истодааст.

Ин нишондиҳанда дар ноҳияҳои Роштқалъа 95,7% (0,9 млн. сомонӣ) ва Ишкошим 52,0% (13,3 млн. сомонӣ) кам мебошад, ки барои бартараф намудани ҳолати бамиёномада бояд чораҳои зарурӣ андешида шавад.

Дар шашмоҳаи аввали соли 2021 таносуби маблағи соҳаи саноат нисбат ба соҳаи кишоварзӣ дар ноҳияҳои Дарвоз 29,4%, Рӯшон 20,7% -ро ташкил дода, барои таъмини рушди индустриалӣ ва аграрӣ замина гузошта шуда истодааст.

Ин нишондиҳанда дар ноҳияҳои Роштқалъа 5,7%, Ишкошим 6,7%, Ванҷ 29,8%, Мурғоб 30,6% ва Шуғнон 81,4%, рост омадааст ва ҷиҳати таъмини рушди индустриалӣ ва аграрӣ аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳо ва Вазорати саноат ва технологияҳои нав тадбирҳо андешида шаванд.

### 5.2. Чораҳои андешидашуда ҷиҳати афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ аз ҳисоби баистифодадиҳии иқтидорҳои нави истеҳсолӣ, ба кор андохтани иқтидорҳои бозистодаи корхонаҳои соҳа бо ҷалби сармоягузории дохилию хориҷӣ, истеҳсоли маҳсулоти саноатии рақобатпазири воридотивазкунанда бо арзиши баланди иловашуда (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2021, №14, банди 4, сархати 1)

Яке аз содироткунандаи барқ дар вилоят ин ҶСК “Помирэнерҷӣ” ба ҳисоб меравад, ки барқро ба Ҷумҳурии Исломии Афғонистон содирот менамояд. Ҷиҳати зиёд намудани иқтидори энергетикии вилоят ва солҳои минбаъда зиёд намудани содироти қувваи барқ сохтмони НБО-и “Себзор” дар дарёи Шоҳдараи ноҳияи Роштқалъа рафта истода, баъди баистифодадиҳии он имконияти содирот боз ҳам беҳтар хоҳад гардид.

Дар вилоят корхонаи хурди коркарди меваи хушк фаъолият дошта, маҳсулотро банду баст карда ба фурӯш ва ба хориҷи кишвар содирот намуда истодаанд. Корхонаи хурди коркарди меваи хушк ҶДММ “Тути Помир”-и ноҳияи Шуғнон ва ҶДММ “Зиёратшо”-и ноҳияи Ванҷ меваи хушкро банду баст карда, ба фурӯш бароварда истодаанд. Бояд қайд кард, ки дар нимсолаи аввали соли 2021 ҶДММ “Тути Помир”-и ноҳияи Шуғнон ба маблағи 224,8 ҳазор сомонӣ маҳсулотро истеҳсол намуда, ҶДММ “Зиёратшо”-и ноҳияи Ванҷ бошад фаъолияти мавсимӣ дошта дар моҳҳои минбаъда маҳсулотро истеҳсол хоҳад намуд.

Дар ноҳияи Рӯшон сехи коркарди тут ва меваи хушки деҳаи Барушони деҳоти Назаршо Додхудоев бо таъсиси 3 ҷойи корӣ ва берун аз нақша сохтмони НОБ-и Хатфат бо тавоноии 450 кВт/ соат ба маблағи 15476,7 ҳаз. сомонӣ мавриди истифода қарор дода шуд, ки айни ҳол 193 хоҷагӣ ва 939 нафар аҳолӣ аз истифодаи қувваи барқ бархурдор шуданд.

Ҳамзамон, дар ноҳия 4 коргоҳи хурди саноатӣ, ба монанди ҶДММ “Рундара”, ҶДММ “Нури-Умед”, ҶДММ “Помир-асри 21” ва ҶДММ “Бодур” мавҷуданд. Мутаассифона коргоҳои хурди саноатӣ ҶДММ “Помир-асри 21” оид ба истеҳсоли обҳои менералӣ, бо сабаби нарасидани қувваи барқ, қисмҳои эҳтиётӣ, таҷҳизот ва ҶДММ “Бодур” бо сабаби набудани ашёи хом ва мушкилоти маблағӣ аз фаъолият бозмонданд.

Ба масъалаи афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар ноҳияи Дарвоз корҳои назаррас анҷом дода шуда, 12 намуди маҳсулот аз тарафи корхонаҳо ва коргоҳҳои саноатӣ дар ноҳия истеҳсол мегардад, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 6 намуд зиёдтар мебошад. Аз ҷумла, духти либосҳои мактабӣ, коркарди санги мармар, истеҳсоли қуму шағал, хишти сементӣ, хокаи мармар, ниқобҳои тиббӣ, маводҳои беҳдоштӣ, айнакҳои тиббӣ, либосҳои муҳофизатии тиббӣ ва истеҳсоли нерӯи барқ истеҳсол мегардад, ки маҳсулотҳои рақобатпазири воридотивазкунанда мебошад.

Инчунин, дар ҳудуди ноҳияи Роштқалъа 2 сехи коркарди мева, 6 адад коргоҳҳои хурди коркади чуб (тахтабурӣ) ва 3 сехи коркарди тибит бо маблағгузории МСДСП-ии Хазинаи Оғохон фаъолият намуда истодаанд.

Гарчанде, ки ноҳияи Ишкошим дар самти афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ чораҳои зарурӣ андешида мешаванд, аммо мутаассифона дар шашмоҳаи якуми соли 2021 ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ нисбат ба шашмоҳи соли 2020 кам гардида, истеҳсоли маҳсулоти саноатии рақобатпазири воридотивазкунанда умуман ба роҳ монда нашудааст.

Доир ба банди мазкур аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Мурғоб маълумоти нопурра пешниҳод гашта, аз ҷониби масъулини ноҳияҳои Шуғнон ва Ванҷ умуман маълумот пешниҳод нагардид.

### 5.3. Бо мақсади баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва диверсификатсияи истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, таъсиси корхонаҳои нави саноат, барқарорсозӣ ва муосиргардонии корхонаҳои амалкунанда ва аз фаъолият бозмонда дар самти истеҳсоли маҳсулоти ниҳоии рақобатпазир, бахусус аз нахи пахта, пилла, пӯсту пашм, меваю сабзавот ва гӯшту шир (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2021, №14, банди 4, сархати 4)

Тибқи Нақшаи амал дар соли 2021 сохтмони 18 корхона ва коргоҳҳои саноатӣ бо 134 нафар ҷойи нави корӣ ба нақша гирифта шуда, аз ин 5 адад дар самти маҳсулоти сохтмонӣ, 2 адад истеҳсоли қубури пластикӣ, 1 адад коркарди тибити кашмирӣ, 1 адад доруворӣ, 1 адад сехи дузандагӣ, 1 адад истеҳсоли собун ва 8 адад дар самти хурокворӣ рост меояд.

Бо мақсади дастгирии соҳибкорони ба истеҳсоли маҳсулоти ба содирот нигаронидашуда бизнес лоиҳаҳо, нақшаҳо ҷиҳати ташкили корхонаҳои коркарди мева ва сабзавот, воридоти технологияҳои ҳозиразамон ва таъсис додани ҷойҳои

нави корӣ тартиб дода шуда, 16 лоиҳа ба маблағи 4,6 млн. сомонӣ, ки аз инҳо 11 лоиҳа ба маблағи 3,2 млн дар самти истеҳсолӣ мебошанд, ба Муассисаи давлатии «Фонди дастгирии соҳибкорӣ»-и назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол гардиданд. Инчунин, аз тарафи Фонди ҷамъиятии соҳибкорӣ ва рушд "Акселерейт" 5 лоиҳа ба маблағи 1,3 млн. сомонӣ, ки аз инҳо 3 лоиҳа ба маблағи 811,1 ҳазор доллари ИМА ташкил медиҳад, маблағгузорӣ гардиданд.

Дар доираи сафари кории Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон санаи 19 августи соли 2020 ба ноҳияи Дарвоз корхонаи нави саноатӣ ҶДММ «Парки инноватсионии саноатию технологии ноҳияи Дарвоз» мавриди истифодабарӣ қарор дода шуд. Дар корхонаи мазкур сехи коркарди асал ва обҳои ташнашикан низ мавриди истифода қарор гирифтанд, ки асосан аз маҳсулоти худдӣ таъмин карда мешаванд.

Инчунин, дар вилоят корхонаи хурди корхонаи чипсбарории ҶДММ "Ширкати маҳсулоти хӯрокаи кӯҳӣ"-и шаҳри Хоруғ, коркарди меваи хушк ҶДММ "Зиёратшо"-и ноҳияи Ванҷ ва ҶДММ "Тути Помир"-и ноҳияи Шуғнон ба меваи хушкро банду баст карда, ба фуруш бароварда истодаанд. Корхонаҳои мазкур аз тарафи хоҷагиҳои кишоварзии вилоят аз маҳсулот таъмин карда мешаванд.

Қайд кардан лозим аст, ки тибқи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дастуру супоришоҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11- 15 сентябри соли 2018, ки дар ҷараёни сафари корӣ ба ноҳияҳои Ванҷ, Дарвоз, Роштқалъа, Мурғоб ва шаҳри Хоруғи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон баён доштанд, дар ин замина дар ноҳияи Роштқалъа корхонаи дӯзандагии КВД "Гулдаста" барои 100 ҷойи корӣ ба иҷро расонда шуда, корхона мавриди истифодабарӣ қарор дода шуд. Мутаассифона дар соли ҷорӣ сех бинобар ба танқисии барқ рӯбару шуданаш фаъолият надошт ва дар назар аст дар семоҳаи сеюми соли равон ба кор даровaрда мешавад.

Айни замон дар ноҳияи Рушон 3 сех ва 5 нуқтаи дӯзандагӣ фаъолият доранд, ки бештари маҳсулоти онҳо сару либоси миллӣ мебошад. Бо пайдо шудани шароиту имкониятҳои зарурӣ кор минбаъд низ дар ин самт вусъат дода мешавад.

Инчунин, бо ташаббуси соҳибкори маҳаллӣ моҳи майи соли равон дар деҳаи Пастхуф, аввалин коргоҳи хурди пойафзолдӯзӣ дар қаламрави вилоят ба фаъолият шуруъ намуд, ки дар коргоҳ 2 нафар фаъолият дошта, дар оянда ният доранд баҳри тайёр намудани шогирдон низ саҳм гузошта, шумораи коргаронро ба панҷ нафар расонанд. Ашёи хом барои истеҳсоли пойафзол аз корхонаҳои вилояти Суғду шаҳри Душанбе дастрас мегардад. Дар оянда нақша доранд, ки коркарди пӯстро дар худи корхона ба роҳ монда, аз ашёи хоми маҳаллӣ истифода баранд. Дар коргоҳ 80% корҳо ба тариқи дастӣ иҷро карда мешаванд.

Аз рӯйи маълумотҳои расмӣ ба ҳолати 1 июли соли 2021 дар ҳудуди ноҳияи Ишкошим 20 адад коргоҳҳо ва корхонаҳои хурди саноатӣ ба қайд гирифта шуданд, ки ҳамаи онҳо вобаста ба шароиту имкониятҳои ҷойдошта маҳсулот истеҳсол намуда, инчунин бо мақсади баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва диверсификатсияи истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, таъсиси корхонаҳои нави саноат, барқарорсозӣ ва муосиргардонии корхонаҳои

амалкунанда ва аз фаъолият бозмонда дар давоми сол чораҳои зарурӣ роҳандозӣ хоҳад гашт.

Дар самти истеҳсоли маҳсулоти ниҳоии рақобатпазир, бахусус пилла, пӯсту пашм, меваю сабзавот ва гӯшту шир ба ҳолати 1 июли соли 2021 дар ноҳияҳои Мурғоб, Ишкошим ва Дарвоз корҳо ба роҳ монда нашуда, дар ноҳияҳои болозикр чунин корхонаҳо вуҷуд надоранд.

### 5.4. Вусъат бахшидани корҳо дар самти бунёди корхонаҳои металлургӣ, маъдантозакунӣ, истихроҷ ва то маҳсулоти ниҳоӣ коркард намудани металлҳои ранга ва қиматбаҳо, рушди саноати мошинсозӣ, нассоҷӣ, хӯрокворӣ ва дорусозӣ (бандҳои .15,16 паем),

Табиати Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон аз лиҳози боигариҳои табиӣ хеле бой мебошад, вале мутаассифона айни ҳол қисмати камтарини онҳо мавриди истифода қарор доранд. Корхонаҳои калонтарин дар самти истихроҷи маъдан дар вилоят ин коркарди тилло ҶДММ “Таком Голд” ва “Шимшо”-и ноҳияи Дарвоз ва истеҳсоли нуқра ҶДММ С.А. “Минералз”-и ноҳияи Мурғоб мебошанд. Айни ҳол даҳҳо инвесторҳои хориҷӣ ва маҳаллӣ мароқи зиёди барои маблағгузорӣ кардан дар истихроҷи маъдан ва дигар металҳои ранга доранд, вале додани иҷозатнома салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Тавре маълум аст, дар ҳудуди вилоят корхонаҳо ва коргоҳҳои саноати нассоҷӣ қисман ва мошинасозӣ пурра вуҷуд надоранд.

Бояд қайд намуд, ки дар ноҳияи Роштқалъа кони сангҳои қимматбаҳо, аз ҷумла ёқути мавзеи Тусёндара, лоҷвари мавзеи Бодомдара арзи вуҷуд доранд, вале ба кор андохтани он маблағи зиёдро талаб менамояд.

Айни замон дар ноҳия сохтмони сехи дорусозӣ идома дорад, ки зиёда аз 90% корҳо ба иҷро расида, дар соли ҷорӣ ба истифода дода мешавад. Ашёи сех аз гиёҳҳои шифобахши дар кӯҳҳо рустаи маҳаллӣ сарчашма мегирад.

Доир ба банди мазкур шаҳру ноҳияҳои вилоят ба истиснои ноҳия Роштқалъа дарҷ намудаанд, ки дар онҳо корхонаҳои металлургӣ, маъдантозакунӣ, истихроҷ ва коркард намудани металлҳои ранга ва қиматбаҳо, рушди саноати мошинсозӣ, нассоҷӣ, хӯрокворӣ, дорусозӣ, маъдан мавҷуд нест.

### 5.5. Таъмини корхонаҳо бо технологияҳои муосир ва зиёд намудани ҳаҷм ва номгӯи масолеҳи сохтмонӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2021, №14, банди 4, сархати 5)

Яке аз маҳсулоте, ки метавонад дар бозори ҷумҳуриявӣ ва дар ояндаи наздик содирот карда шавад, ин сангҳои ороишӣ мебошанд. Дар солҳои охир дар сохтмони иншоотҳои сохташаванда сангҳои маҳаллӣ ба таври васеътар истифода шуда истода, аз тарафи аҳолии ҷумҳурӣ ва хориҷи кишвар баланд баҳогузорӣ шуда истодаанд. Дар нимсолаи аввали соли 2021 корхона ва коргоҳҳои истеҳсоли санги ороишӣ ба маблағи 238 ҳазор сомонӣ маҳсулот истеҳсол намуданд. Хуб мешуд, агар минбаъд маҳсулоти мазкурро на ин ки дар ҳудуди вилоят, балки дар иншоотҳои ҷумҳуриявӣ низ истифода мекарданд.

Дар шаш моҳи соли 2021 дар шаҳри Хоруғ корхонаҳои коркарди масолеҳи сохтмонӣ, аз қабили ҶДММ “Хуҷаназар” ба маблағи 150,7 ҳазор сомонӣ бетон, ҶДММ “Панҷ” ба маблағи 7 ҳазор сомонӣ асфалт, Кооперативи истеҳсолии

“Зиндагӣ” ба маблағи 52,9 ҳазор сомонӣ маҳсулоти коркарди чуб ва ҶДММ “Рушд моҳияти ҳаёт” ба маблағи 66,4 ҳазор сомонӣ тунука истеҳсол намудаанд.

Соли 2020 дар доираи сафари кории Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон як адад корхонаи истеҳсолии маводҳои сохтмонӣ ҶДММ “Карон калсит”-ро дар ноҳияи Дарвоз ба истифода дода шуд, ки бо технологияи муосиртарин муҷаҳҳаз гардида, дар давраи ҳисоботӣ 100 тонна хокаи мармар (калсит) истеҳсол намудааст.

Илова ба ин, корхонаҳои истеҳсолии ҶДММ “Усто Идӣ” ва ҶДММ “Ориён” 10900 адад хишти сементиро истеҳсол намудаанд, ки аҳолии ноҳияро бо масолеҳи сохтмонии худӣ таъмин намуданд.

Коргоҳои хурди истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ дар ноҳияи Рӯшон, аз қабили ҶДММ “Рундара”, сехи коркарди хишт дар деҳаи Вознавд, Барушон, маркази ноҳия ва деҳаи Пастхуф фаъолият доранд, ки иқтидори онҳо дар як рӯз истеҳсоли аз 150 то 350 дона блоки сементӣ мебошад. Коргоҳҳо мавсимӣ фаъолият доранд.

Доир ба банди мазкур аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳои Мурғоб ва Роштқалъа маълумот пешниҳод нагардидааст.

### 5.6. Ҷараёни фаъолияти корхонаҳои дастии атласу адрасбофӣ, қолинбофӣ ва сехҳои духти либосҳои мактабӣ

Дар ҳудуди вилоят 3 корхона ва коргоҳҳои нисбатан калон оид ба истеҳсоли либос вуҷуд доранд. Дар нимсолаи аввали соли 2021 корхонаҳои мазкур ба маблағи умумии 1397,6 ҳазор сомонӣ маҳсулотро истеҳсол намуданд.

Барои муташаккилона ташкил намудани дӯхти либоси мактабӣ ва таъмини хонандагони муассисаҳои таълимӣ бо либоси мактабӣ шуъбаҳои маорифи шаҳри Хоруғ ва ноҳияҳои Дарвоз, Ванҷ, Рушон, Шуғнон, Ишкошим ва Мурғоб бо корхонаи дӯзандагии «Кохи Бонувон»-и ноҳияи Дарвоз шартнома ба имзо расонидаанд. Инчунин ёддошти тафоҳум байни мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва соҳибкор Ноёбшоев Муқайиршо бахри ташкили дӯхти либоси мактабӣ ва таъсиси фонди истеҳсолӣ барои корхонаи “Помир Фабрик”-и шаҳри Хоруғ шароити мусоид фароҳам оварда шуда, айни замон муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ноҳияҳои Рӯшон ва Роштқалъа бо либосҳои мактабӣ таъмин гардида истодаанд.

Корхонаи дӯзандагии Агентии таъминоти амволи махсуси назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Хоруғ ба дӯхти либосҳо, кӯрпаву болинҳо ва дӯхти либос барои низомиён машғул аст.

Бояд қайд кард, ки сехи дузандагии “Баҳори ишқ” дар маркази шаҳри Хоруғ бо 42 ҷойи корӣ аз 20 августи соли 2020 ба истифода дода шуд, ки дар оянда тасмим дорад барои муассисаҳои таълимии шаҳр истеҳсоли либоси мактабиро ба роҳ монад. Соли 2021 ҳамаи муассисаҳои таълимӣ бо сехи дӯзандагии мазкур шартнома баста, дар соли таҳсили 2021-2022 дӯхти либоси мактабӣ дар ин сех ба роҳ монда шавад.

Дар ноҳияи Ишкошим нуқтаи атласу адрасбофии дастӣ аз тарафи маркази таълимии калонсолон таъсис дода шуда, алҳол фаъолият намуда истодааст, аммо

корхонаи қолинбофӣ ва сеххои дӯхти либосхои мактабӣ ҳанӯз бо сабабхои дарёфт нагардидани сарчашмаи маблағгузорӣ таъсис дода нашудаанд.

Дар самти ташкил намудани коргоҳи дӯхти либоси мактабӣ соҳибкорзани ноҳия дар соли 2020 соҳиби гранти Президентӣ гардида, тибқи нақша то ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон коргоҳи зикршуда дар маркази ноҳия ба кор даровварда мешавад ва алҳол корҳои сохтмонӣ дар бинои коргоҳ идома дорад.

Тибқи ҳисоботҳои оморӣ дар ноҳияи Дарвоз дар заминаи корхонаи дӯзандагии ҶДММ "Кохи бонувон" чор дастгоҳи қолинбофӣ ва чор адад дастгоҳи адрасу атласбофӣ насб карда шудааст. Ҷараёни духти атласу адрасбофӣ ва қолинбофӣ дар корхонаи зикргардида танҳо дар асоси фармоиш буда, дар нимсолаи якуми соли 2021 умуман чунин маҳсулот истеҳсол нагардидааст. Дар корхонаи зикргардида 60 нафар фаъолият дорад, ки 50 нафарашонро занон ташкил медиҳад.

Дар ноҳияи Рӯшон бошад 3 сех ва 5 нуқтаи дӯзандагӣ фаъолият доранд, ки бештари маҳсулоти онҳо сару либоси миллӣ ташкил медиҳад.

Аз сабаби мавҷуд набудани мутахассисони соҳа ва маҳдуд будани имкониятҳои молиявӣ, дар ин коргоҳҳо духти либоси мактабӣ то ҳанӯз ба роҳ монда нашудааст.

Дар ноҳияи Роштқалъа ду коргоҳи дӯзандагӣ, ки ба духти либоси мактабиву дигар намуди духтҳои либос машғул буданд, аз кор бозмонданд.

Инчунин, ба танқисии барқ рубару гардидани сехи дӯзандагии КВД "Гулдаста" низ дар соли ҷорӣ фаъолият накард, вале дар назар аст, ки дар нимсолаи дувуми соли равон ба кор андохта шавад.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳои Ванҷ, Мурғоб ва Шуғнон қайд намудаанд, ки дар ноҳияҳо марказҳо ва коргоҳҳои дар боло зикргардида вуҷуд надоранд.

### 5.7. Рафти ҷалби сармоя ва ташкили инфрасохтор барои фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ, истеҳсоли маҳсулоти саноатии рақобатпазир ва ба содирот нигаронидашуда

Вобаста ба Минтақаи озоди иқтисодии ноҳияи Ишкошим қайд кардан зарур аст, ки ҷиҳати ноором будани вазъияти Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар минтақаи мазкур истеҳсоли маҳсулот то ҳол ба роҳ монда нашудааст. Вобаста ба мушкилоти ҷойдошта ва самаранок истифода бурдани имкониятҳои мавҷуда таъсиси субзонаи минтақаи озоди иқтисодии Ишкошим дар шаҳри Хоруғ, дар маҳаллаи Тем пешниҳод гардида, дар сурати таъсис додани субзонаи мазкур имконияти ба кор даровардани иқтидорҳои нав ва ҷалби сармояи ватаниву хориҷӣ руйи кор омада, метавон ҷойҳои нави корӣ ва истеҳсоли маҳсулоти маҳаллӣ зиёд гардад.

Дар давраи ҳисоботи 5 лоиҳаи мукаммал дар самти коркарди сангҳои ороишӣ ва сохтмонӣ, истеҳсоли дару тиреза, қубури пластикӣ, коркарди меваи хушк ва истеҳсоли маводҳои конселярӣ омода буда, дар сурати ташкил намудани субзона имконияти сохтмони коргоҳҳои саноатии мазкур дар нақша буда, имконияти ташкил намудани ҷойҳои нави корӣ, истеҳсоли маҳсулоти воридивазкунанда ва ҷалби сармоя пайдо хоҳад шуд.

Барои фароҳам овардани шароит мусоид барои ҷалби сармоягузорон ба минтақа ин арзи вуҷуд доштани инфрасохтори зарурӣ ё худ дастрасӣ доштани ба иншоотҳои хизматрасонӣ мебошад. Бо ин мақсад дар соли 2021 аз буҷети давлат маблағи 1150,0 ҳазор сомонӣ пешбинӣ гардида, корҳои сохтмонӣ айни замон идома доранд.

Рафти ҷалби сармоя ва ташкили инфрасохтори зарурӣ ҷиҳати фаъолияти бо низоми минтақаи озоди иқтисодии “Ишкошим” қонеъкунанда буда наметавонад. Чуноне, ки дар ҳисоботҳои ҷамъбастии солонаи 2020 қайд гардида буданд, бо сабаби паҳн гардидани касалии сироятии коронавирус дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузории буҷетӣ дар самти сохтмони иншоотҳои хизматрасонии Минтақаи озоди иқтисодии “Ишкошим” кам карда шуда, корҳои сохтмонӣ муваққатан қатъ гардида буданд. Дар нимсолаи якуми соли ҷорӣ тибқи маълумотҳои дастрасгардида корҳои сохтмонӣ дубора дар иншоотҳои сохташаванда оғоз гардида, идома доранд.

Ҳамзамон, тибқи маълумоти маъмурияти Минтақаи озоди иқтисодии “Ишкошим” айни замон дар ҳамбастагӣ бо Донишгоҳи Осиёи Марказӣ дар шаҳри Хоруғ корҳо дар самти лоиҳаи коркарди зухуроти химиявии “Талк”, ки дар ноҳия вуҷуд дорад роҳандозӣ гардида идома дорад.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳои Дарвоз, Ванҷ, Рӯшон, Роштқалъа, Мурғоб ва Шуғнон доир ба ин банд қайд намудаанд, ки дар ҳудуди ин ноҳияҳо минтақаи озоди иқтисодӣ вуҷуд надорад.

### 5.8. Бо мақсади татбиқи бемайлони саноатикунонии босуръати кишвар давра ба давра ҳаллу фасл намудани мушкилоти ҷойдоштаи соҳаи саноат (банди 19 паём)

Мусаллам аст, ки ягона ҷанбаи стратегӣ, ки ба рушди иқтисодию иҷтимоии вилоят такони ҷиддӣ мебахшад, ин рушди соҳаи саноати кӯҳӣ мебошад. Бо ин мақсад дар ҳудуди вилоят 12 кон, 54 зуҳуроти маъдан бо 24 намуди канданиҳои фоиданок муайян шудаанд. Инчунин, аз рӯи таҳлилҳои соҳавӣ ба ҳолати кунунӣ дар ҳудуди вилоят зиёда аз 200 зуҳуроти канданиҳои фоиданок ба қайд гирифта шудааст.

Бо мақсади амалӣ намудани ҳадафи чоруми стратегии кишвар, яъне саноатикунонии босуръати кишвар ва дар ин замина таъсис додани ҷойҳои нави корӣ, дар ҳар як ноҳия ба кор андохтани ҳади ақал як адад кони маъдан ва дар заминаи он ташкили корхонаи коркарди маъдан зарур мебошад. Аз ҷумла, ба кор андохтани Куҳи Лаъл ва Талки ноҳияи Ишкошим, Сеқулла, Пасируд, Шорбел ва Акархари ноҳияи Мурғоб, Лоҷвардараи ноҳияи Роштқалъа, Ҳаштчашмаи ноҳияи Шуғнон, Икар ва Барчи ноҳияи Рӯшон, Никели Ғумаст ва мармари Даштаки ноҳияи Ванҷ, Яшмаи Дробак ва Ёгеди ноҳияи Дарвоз ҷиҳати минбаъд зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноат зарурият дорад.

Аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳои Ванҷу Шуғнон доир ба банди мазкур маълумот пешниҳод нагардидааст.

Мушкилот:

Набудани мутахассисон ва маҳдуд будани имкониятҳои молиявӣ дар коргоҳҳои духти либоси мактабӣ

Пешниҳод: Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Вилояти

Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва шаҳру ноҳияҳои он дар ҳамкорӣ бо Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фаъолияти худро ҷиҳати ба кор андохтани 5 адад корхонаҳои аз фаъолият бозмонда ҷиҳати иҷрои супоришҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба фаъолияти сеххои дӯзандагӣ ва таъмини онҳо бо мутахассисони касбӣ чораҳои мушаххас андешида шавад.

Инчунин, бо назардошти гуфтаҳои боло ҳамкориҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои ВМКБ бо Вазорати саноат ва технологияҳои нав, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ барои амалигардонии Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба фаъолият оғоз намудани корхонаҳои нави банақшагирифта ва ба кор андохтани корхонаҳои аз фаъолият бозмонда чораҳои зарурӣ андешанд.

## 6. Маълумот оид ба рушди энергетика

**6.1. Ҳалли масъалаву мушкилоти соҳаи энергетика, хусусан, дар бобати баҳисобгирии истеҳсол ва истеъмоли барқ, кам кардани талафот ва истифодаи таҷҳизоти барқии каммасраф, 6.2. Рафти пардохти маблағи ҳаққи истифодаи қувваи барқ ва мавҷудияти бақияи қарзи истифодаи қувваи барқ, арзёбӣ гардиданд.**

### 6.1. Ҳалли масъалаву мушкилоти соҳаи энергетика, хусусан, дар бобати баҳисобгирии истеҳсол ва истеъмоли барқ, кам кардани талафот ва истифодаи таҷҳизоти барқии каммасраф (банди 26 паём) ва (Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06.03.2019с. №АП-1176, банди 21 Нақша-чорабиниҳои “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ”)

Дар шаш моҳи соли 2021 барои таъмин намудани аҳолӣ ва хоҷагии халқи ВМКБ аз қувваи барқ ширкати “Помир Энерҷӣ” тавассути 12 адад НБО-ҳо дар ҳаҷми 65,3 млн кВт-соат қувваи барқ истеҳсол карда шуд, ки ин назар ба ҳамин давраи соли 2020 ба андозаи 781,2 ҳазор кВт-соат, ё 1,2 % камтар аст. Сабаби асосии камшавии тавлиди барқ ин камшавии ҳаҷми об ҷиҳати хунук омадани боду ҳаво ва аз кор боздоштани дастгоҳи №1 неругоҳи “Намангут” барои аз таъмир баровардани он мебошад.

Дар нимсолаи якуми соли 2021 барои баланд бардоштани эътимодияти фаъолияти шабакаҳои тақсимкунанда ва паст кардани талафоти техникӣ дар моҳи январи соли 2021 ҳамагӣ 11 адад зеристгоҳҳои 10/0,4кВ аз таъмири асосӣ, 74 адад зеристгоҳҳо аз таъмири ҷорӣ, 27 км хати интиқоли барқи 10/0,4кВ аз таъмири ҷорӣ бароварда шуда, 34 км аз нав сохта шуд, қад-қади хатҳои интиқоли барқ ба масофаи 57 км аз шохаҳои дарахтон тоза карда шуд.

Ҳамзамон аз тарафи Ширкати “Помир Энерҷӣ” барои ҳавасманд кардани аҳолӣ ҷиҳати сарфакорона истифода бурдани нерӯи барқ дар фасли зимистон маблағи муайян пардохт карда мешавад, яъне хоҷагиҳое, ки то 360 кВт қувваи барқро дар як моҳ истеъмол мекунанд, аз тарафи ширкат 80% маблағ ҳамчун субсидия пардохт карда мешавад.

Ҳаҷми барқи қабулгардида дар шаш моҳи соли 2021 дар вилоят 105,1 млн. кВт соатро ташкил намуда, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 2068 ҳаз. кВт соат (103,0) ё худ 10,02,% зиёд гардидааст.

Ин нишондиҳанда дар шаҳри Хоруғ +4,9 млн. кВт соат (53,7/48,8) ва ноҳияҳои Дарвоз +645,3 ҳаз. кВт соат (7,0/6,4) ва Ванҷ +176,0 ҳаз. кВт соат (5,7/5,5) зиёд гардидааст, ки аз фаъолияти пурсамари масъулини соҳа шаҳодат медиҳад.

Аммо, дар ноҳияҳои Шуғнон -1,4 млн. кВт соат (11,8/13,2), Ишкошим – 882,4 ҳаз. кВт соат (8,1/9,0), Роштқалъа -635,2 ҳаз. кВт соат (5,7/6,3), Мурғоб – 8,5 ҳаз. кВт соат (1970,0/1979,3) ва Рӯшон – 0,15 ҳаз. кВт соат (8,0/8,1) кам гардидааст.

Дар ноҳияи Рӯшон 11 адад нерӯгоҳҳои хурдии барқӣ фаъолият дошта, 3 адади онҳо дар тавозуни ширкати "Помир Энерҷӣ", 7 адади онҳо дар тавозуни ҷамоатҳои деҳот мебошанд.

Деҳаҳои Ақташ, Барчидив, Япшорв, Нисур, Рухч, Ҷизеви ноҳияи Рӯшон ҳамагӣ 206 хоҷагӣ ва 1041 аҳолӣ дошта, то ҳол қувваи барқ надоранд.

Инчунин, нерӯгоҳи барқии обии "Ориён"-и ноҳияи Ванҷ айни замон фаъолияти худро ба тарзи параллелӣ ба системаи маркази умумиҷумҳуриявӣ пайваст мебошанд.

Дар давраи ҳисоботи фоизи талафоти қувваи барқ дар миқёси вилоят ба 10,09% баробар шуд, ки ин назар ба ҳамин давраи соли 2020 (10,03%) ба андозаи + 0,06% зиёд мебошад.

Нишондиҳандаи талафоти барқ дар ноҳияҳои Ванҷ 9,5% (+1% нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта), Ишкошим 7,7% (+0,2%) ва Мурғоб 6,42% (+2,09) зиёд гардидааст, ки мебоист дар зимистони соли ҷорӣ ба фаъолияти рушди энергетика дар маҳал таъсир расонад.

Ин нишондиҳанда дар шаҳри Хоруғ 10,49% (-0,56% нисбат ба соли гузашта) ва ноҳияҳои Шуғнон 8,64% (-1,71%), Дарвоз 8% (-0,5%) ва Роштқалъа 7,72% (-1,8%)-ро ташкил додааст, ки барои таъмини рушди энергетика шароит фароҳам оварда, самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо ба назар расида, нишондиҳандаи пешбининамудаи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 таъмин карда шудааст.

Дар ноҳияи Рӯшон бошад нишондиҳандаи талафоти барқ 8,8% (-+0%)-ро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли 2020 бетағйир боқӣ мондааст.

Дар нимсолаи аввали соли 2021 дар вилоят таъминоти муштариёнро бо таҷҳизоти замонавии ченкунии сарфиёти барқ зери назорати қатъӣ қарор дода, дар миқёси вилоят 37009 адад ҳисобкунакҳои нави электронӣ васл шудаанд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта +847 зиёд гардида, ин 100%-и шумораи умумии муштариёнро дар бар мегирад.

Боиси қайд аст, ки дар вилоят 100% муштариён, шаҳри Хоруғ 100%, ноҳияҳои Дарвоз 100%, Роштқалъа 100%, Шуғнон 100%, Ишкошим 100%, Ванҷ 99% ва Рӯшон 95% бо ҳисобкунакҳои электронӣ таъмин мебошанд, ки дақиқ баҳисобгирии истифодаи қувваи барқ ба роҳ монда шудааст, ки заминаи таъмини нишондоди рушди энергетика гузошта шудааст.

## 6.2. Рафти пардохти маблағи ҳаққи қувваи барқ ва мавҷудияти бақияи қарзи истифодаи қувваи барқ

Дар нимсолаи аввали соли 2021 қарзи умумии истифодаи қувваи барқ дар ВМКБ ба 9,3 млн. сомонӣ расидааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта - 171,2 ҳазор сомонӣ кам мебошад.

Қарзи мавҷудбудаи истифодаи қувваи барқ дар нимсолаи аввали соли 2021 дар шаҳри Хоруғ 7,8 млн. сомониро ташкил додааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2020 +727,4 ҳаз. сомонӣ зиёд гардида, ин нишондиҳанда дар ноҳияҳои Шуғнон 903,4 ҳаз. сомонӣ (+87,4 ҳаз. сомонӣ), Дарвоз 458,4 ҳаз. сомонӣ (440,3 ҳаз. сомонӣ), Рӯшон 342,8 ҳаз. сомонӣ (+71 ҳаз. сомонӣ), Ишкошим 254,0 ҳаз. сомонӣ (+50 ҳаз. сомонӣ) ва Мурғоб 59,7 ҳаз. сомониро ташкил медиҳад, мутаассифона нисбат ба ҳамин давраи соли 2020 +58,3 ҳаз. сомонӣ, ташкил додааст, ки пурзур намудани фаъолиятро дар ин самт талаб менамояд.

Ин нишондиҳанда дар ноҳияҳои Ванҷ 294,0 ҳаз.сомони (-17,7 ҳаз.сомонӣ) ва Роштқалъа 49,6 ҳаз. сомонӣ (-13 ҳаз. сомонӣ) кам гардидааст, ки аз сифатнокии фаъолият дар ин самт дарк медиҳад.

Ҳамзамон, қарзи мавҷудбудаи истифодаи қувваи барқ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят зиёд гаштааст, ки аз бемасъулиятии шахсони мутасаддӣ дар ин самтро инъикос менамояд.

Дар нимсолаи аввали соли 2021 доир ба қарздории дебитории корхонаҳои буҷавии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон маълумот пешниҳод нагардидааст.

Мушкилот: Ба таъмири асосӣ ва азнавсозӣ ниёз доштани зеристгоҳҳо ва хатҳои интиқоли барқ дар ноҳияҳои вилоят  ва ҷамоатҳои онҳо:

Масъалаи дигаре, ки ба мавсими зимистонгузаронӣ дар вилоят вуҷуд дорад, ин боло рафтани нархи қурби доллари амрикоӣ дар баробари сомонӣ мебошад, ки аз аввали моҳи октябр ва ноябри соли 2020 ба андозаи 9 то 9,7 % баланд шуда, мутаносибан нархи 1 кВт барқро аз 28 дирам ба 31 дирам боло бурд мешавад ва имконияти воқеии пардохтпазирии муштариён ва афзоиши қарздориро назди ширкати “Помир Энерҷӣ” ба вуҷуд меоварад.

Пешниҳод: Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон бо дастгирии Ҳукумати Ҷуҳмурии Тоҷикистон ва дар ҳамкорӣ бо Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷуҳмурии Тоҷикистон, ширкати “Помир Энерҷӣ” ва дигар сохторҳои марбута, роҳҳои ҳаллӣ қувваи барқро воқеъбинона таҳлилу баррасӣ намуда, барои соддатар намудани қиммати барқ дар вилоят аз ҳамаи имкониятҳо истифода баранд.

**7. Маълумот оид ба ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолии мамлакат ба ғизои хушсифат:**

**7.1.Ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти кишоварзӣ дар соҳаи растанипарварӣ ва чорводорӣ, истеҳсоли маҳсулотҳои асосии соҳа, 7.2. Истифодабарии заминҳои корам ҷиҳати бунёд ва барқароркунии боғу токзор ва бунёди боғҳои интенсивӣ ва суперинтенсивӣ ва зиёд намудани ҳосилнокии дарахтони мевадиҳанда, 7.3. Захира намудан ва истифодаи тухмиҳои аълосифат, 7.4. Зиёд намудани майдони гармхонаҳои доимоамалкунанда, инчунин баланд бардоштани ҳосилнокии онҳо, 7.5.Афзун намудани ҳаҷми содироти маҳсулоти кишоварзӣ, ҷалби сармояи хориҷӣ ва ташкили марказҳои логистикӣ тибқи талаботҳои бозор ва стандартҳои байналмилалии сифат ба роҳ мондани коркард, басту банд ва содироти маҳсулоти кишоварзӣ, 7.6. Зиёд намудани шумораи сардхонаҳо барои нигохдории маҳсулоти кишоварзӣ, 7.7. Ташкил додани кластерҳои агросаноатӣ бо коркарди пурраи нахи пахта, пӯст, пилла, ангур, мева, зироатҳои равғандиҳанда ва дигар намудхои маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ, 7.8. Ташкили фермаҳои парвариши чорвои гӯштӣ ва ширӣ, 7.9. Рушди босуръати соҳаи парвандапарварӣ ва зиёд намудани истеҳсоли тухм ва гӯшти парранда, васеъ намудани парвариши онҳо дар ҳамаи бахшҳои хоҷагидорӣ, 7.10. Таъмини иҷрои чорабиниҳои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Доир ба тадбирҳои беҳтар намудани вазъи мелиоративии заминҳои обёришавандаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019 - 2023” ва нақшаи барқарорсозии шабакаҳои обёрӣ, пойгоҳҳои обкашӣ ва заҳбуру заҳкашҳо, 7.11. Дар ҷараёни кишти зироатҳои кишоварзӣ, аз ҷумла кишти такрорӣ, зиёд намудани майдони кишт ва бо истифодаи тухмиҳои хушсифат гирифтани то се ҳосил, арзёбӣ гардиданд.**

**7.1. Ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти кишоварзӣ дар соҳаи растанипарварӣ ва чорводорӣ, истеҳсоли маҳсулотҳои асосии соҳа**

Дар давраи ҳисоботӣ кишоварзони вилоят ҷиҳати рушди соҳа тадбирҳои судманд андешидаанд, ки дар натиҷа ба ҳолати 1 июли соли ҷорӣ дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ ба маблағи 130370,0 ҳаз. сомонӣ расонида шудааст, ки ин нишондиҳанда нисбати ҳамин давраи соли гузашта (129236,0 ҳаз. сомонӣ) +1134 ҳаз. сомонӣ (100,9%) зиёд буда, суръати афзоиш таъмин карда шудааст.

Нишондиҳандаи баланди ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ дар шаҳри Хоруғ 100,5% ва ноҳияҳои Мурғоб 144%, Ишкошим 124%, Ванҷ 118%, Рӯшон 103,4%, Роштқалъа 101,2%, Шуғнон 100%-ро ташкил намуда, ноҳияи Дарвоз 94,8% таъмин намудааст.

Дар ин давра истеҳсоли гӯшт (бо вазни зинда) 3518 тонна, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта (33 тонна) зиёд гардида, тухм 2441 ҳаз дона (20 ҳазор дона), шир 7714 тонна (126 тонна) зиёд истеҳсол карда шудааст, ки ба суръати афзоиши истеҳсоли маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ таъсири мусбӣ расонидааст.

Дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидории вилоят 116864 сар ҳайвони калони шохдор, ки аз он 41916 сарро модагов, 27227 сар қутос ташкил дода, 374645 сар бузу гӯсфанд, 102977 сар парранда, 334 сар асп, 7205 оилаи занбури асал мавҷуд

мебошанд. Дар хоҷагиҳои мазкур 26617 сар насли гӯсола ва 127318 сар насли бараю бузғола ба қайд гирифта шудаст.

Нишондиҳандаи баланди истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ дар ин давра дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар ноҳияҳои Рӯшон 104,2%, Дарвоз 102,8%, Роштқалъа 102,4%, Шуғнон 100,2%, Ванҷ 100%, Ишкошим 100% ва Мурғоб 100% таъмин гардидааст, ки ҷиҳати афзоиш додани маҷмӯи маҳсулоти кишоварзӣ таъсири мусбӣ расонидааст.

## 7.2 . Истифодабарии заминҳои корам ҷиҳати бунёд ва барқароркунии боғу токзор ва бунёди боғҳои интенсивӣ ва суперинтенсивӣ ва зиёд намудани ҳосилнокии дарахтони мевадиҳанда (паём банди 30), (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2021, №14, банди 6, сархатҳои 3,4)

Дар ҳудуди вилоят ҷиҳати бунёд ва барқароркунии боғу токзор дар заминҳои бекорхобидаву доманакуҳҳо тадбирҳои судманд андешида шуда, ба ҳолати 1 июли соли 2021 дар ҳамаи сохторҳои хоҷагидории майдони 23,1 гектар боғи нав бунёд гардида, корҳо дар ин самт идома доранд.

Ин нишондиҳанда дар шаҳри Хоруғ майдони 0,85 гектар ва дар ноҳияҳои Ванҷ 14,29 гектар, Рӯшон 5,9 гектар, Ишкошим 3,5 гектар, Дарвоз 2 гектар, Шуғнон 1,0 гектар ва Роштқалъа 0,20 гектар нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта зиёд ба назар мерасад, ки ин омил барои баланд бардоштани маҷмуи маҳсулоти дохилӣ замина мегузорад.

Соли равон дар ноҳияи Рӯшон дар майдони 861,3 га кишти баҳории зироатҳои кишоварзӣ гузаронида шудааст. Ғалладонагиҳо дар майдони 382 га, ки аз он гандуми баҳорӣ 158,3 га, ҷав 40 га, лубиёгиҳо 184 га ва ҷуворимакка 26 га, инчунин дар майдони 280 га картошка, 160 га сабзавот ва 13 га кишти бедаи холис гузаронида шудааст.

Азхудкунии заминҳои нави обёришаванда дар мавзеи дашти Шитами Ҷамоати деҳоти Вери ноҳияи Шуғнон бо маблағи 15,0 хазор сомонӣ дар майдони 1,60 га ба охир расидааст.

Қитъаи беҳдошти замин ва обёрии ноҳияи Ванҷ дар нимсолаи якуми соли 2021 корҳои зеринро ба иҷро расонидааст. Дар 73 иншоотҳои обтаъминкуние, ки дар мувозинаи қитъаи беҳдошти замин ва обёрӣ ҳастанд, ба тариқи ҳашарчигӣ корҳои таъмиркунӣ ташкил ва гузаронида, иншоотҳо барои обтаъминкунӣ омода сохтаанд. Барои таъмири иншоотҳои обрасонӣ бо дастгирии ташкилоти ғайридавлатии Глобал Портнерс каналҳои Ваҳдат, Лахш ва Хумроғи Ҷамоати деҳоти Водхуд аз таъмир бароварда шудаанд.

Мувофиқи ҳисоботҳои оморӣи ноҳияи Дарвоз ба ҳолати 1 июли соли 2021 ҷамъоварии ҳосили зироатҳои кишоварзӣ аз 435 гектар ғалладонагиҳо 10 гектар ҷамъоварӣ гардида, дар майдони 3 гектар кишти такрорӣ гузаронида шуда, ҷамъоварӣ дар баъзан қисматҳои ҷамоатҳо идома дорад.

Дар ноҳияи Роштқалъа соли ҷорӣ аз тарафи кишоварзони ноҳия дар майдони 1349 гектар кишти зироати хоҷагии қишлоқ гузаронида шудаст, ки аз ин 670 ( 2020- 666) га ғалла ва лубиёгиҳо, 300 (2020-298) га картошка, 63 (2020-62) га сабзавот, 316 (2020-323) га ба хӯроки чорво рост меояд. Дар соли ҷорӣ 0,20 га боғи нав бунёд гардида, 1-га боғҳои кӯҳна барқарор гардидаанд.

Аз рӯйи ҳисоботҳои оморӣ ба ҳолати 1 июли соли 2021 дар ҳудуди ноҳияи Ишкошим ҳамагӣ 218,1 га майдони боғҳои мевадиҳанда мавҷудбуда, 135,7 гектари онро дарахтони намуди донакдор ва 82,4 гектарро дарахтони тухмдор ташкил медиҳанд.

Гарчанде, ки ноҳияи Мурғоб қайд намудааст, ки дар қаламрави ноҳия боғу токзор ва дарахтони мевадиҳанда вҷуд надорад, аммо шаҳри Хоруғ ва ноҳияи Шуғнон доир ба банди зикргардида маълумот пешниҳод накардаанд.

**7.3. Захира намудан ва истифодаи тухмиҳои аълосифат (банди 30 паём)**

Барои мавсими кишту кори баҳорӣ соли 2021 дар ҳамаи сохторҳои хоҷагидории вилоят ба миқдори 825 тонна ғалладонагиҳо, 2 тонна ҷуворимакка ва 3095 тонна тухмии картошка захира карда шуда, мавриди истифода қарор дода шуданд. Тавассути БҶИИМК-и Хазинаи Оғохон ба миқдори 337 тонна тухмии хушсифати картошка, ки аз он 97 тонна тухмии репродуксияи элитаи навъи “Бигроза” дар анборхонаҳо захира карда шудааст. Аз тарафи роҳбарияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба унвонии Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дастрас намудани 150 тонна навъҳои тухмии картошкаи «Ред Скарлет”, 100 тонна «Беллароза» ва 250 тонна навъи «Кардинал»- дархост ирсол гардидааст.

Дар ноҳияи Ванҷ давоми нимсолаи аввали соли 2021 бо дастгирии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят аз тарафи Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон 15 тонна тухмии сифати элита, навъи «Манифест» аз Ҷумҳурии Белоруссия ба ноҳия дастрас гардида, дар панҷ Иттиҳодияҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ кишт карда шуда, нашъу намо ва афзоиши картошка ба роҳ монда шудааст.

Дар ноҳияи Рӯшон мувофиқи ҳисоботи Бозрасии назорати давлатии тухмии ноҳия, тухми ғалладонагиҳои захирашуда аз ташхиси лабораторӣ ба миқдори 870 сентнер гузаронида шудааст, ки 74% захираи тухмиро ташкил медиҳад, аз он гандум 650 сентнер 87%, ҷав 40 сентнер 50%, лубиёгиҳо 70 сентнер 79% ва ҷуворимакка 20 сентнер 100% мебошанд. Ташхиси лаборатории тухмиҳои картошка, ки захираи он 9750 сентнерро ташкил медиҳад, ба талаботҳои агротехникӣ мувофиқ мебошад. Дар анборхонаҳои мавҷуда ба ғайр аз тухмии картошкаи дар хоҷагиҳои шахсӣ захирашуда, 121 тоннаро ташкил медиҳад, ки 2,4 тоннаи он тухмии элита ва 45 тонна репродуксияи якум мебошад. Аз ҷониби БҶИИМК-и хазинаи Оғохон дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон барои хоҷагиҳои ноҳия 47 тонна картошкаи тухмӣ дастрас гардида, кишт карда шуд.

Инчунин, ҷиҳати назорати карантинии тухмиҳои мавҷуда ва ба ноҳия дохилшаванда, ниҳол ва дигар маводи барои кишти зироатҳои кишоварзӣ лозим аз ҷониби мутахассисони бахши фитосанитарӣ ва карантинии растаниҳо ва тухмии Маркази таъминоти бехатарии озуқаворӣи ноҳия корҳои фаҳмондадиҳӣ, аз назаргузаронӣ, тафтишотӣ, ташхисӣ, дастурдиҳӣ ва иҷозатномадиҳӣ саривақт гузаронида мешаванд.

Дар ҳудуди ноҳияи Дарвоз хоҷагиҳои тухмипарварӣ мавҷуд набуда, аксари тухмиҳои кишоварзиро соҳибкорон аз вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ворид месозанд.

Мувофиқи маълумоти бахши кишоварзии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Ишкошим муайян гардид, ки соли ҷорӣ дар ҳудуди ноҳия 91,8 тонна тухмии картошка захира карда шудааст, ки 17,8 тонна картошкаи навъи “Бигроза” аз давлати Олмон, 7,7 тонна аз Ҷумҳурии Қирғизистон ва зиёда аз 4,1 тонна навъи картошкаи “Манифест” аз Ҷумҳурии Белорусия ва дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ дастрас гардидааст

Дар маълумотҳои пешниҳоднамудаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Хоруғ ва ноҳияҳои Рошткалъа, Шуғнон (шакли пешина) ва оид ба захира намудан ва истифодаи тухмиҳои аълосифат маълумоти муфассал дарҷ нагардидааст.

**7.4 Зиёд намудани майдони гармхонаҳои доимоамалкунанда, инчунин баланд бардоштани ҳосилнокии онҳо (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2021, №14, банди 6, сархати 1);**

Айни ҳол дар миқёси вилоят 118 адад гармхонаи мавсимӣ ва 1 адад гармхонаи доимамлкунанда дар масоҳати 0,64 гектар ташкил гардида, дар онҳо парвариши кабудиҳои барвақтӣ ва баъзе сабзавот ба роҳ монда шудааст.

Дар шаҳри Хоруғ 10 адад гармхона дар майдони 2,27 га, ноҳияҳои Ванҷ 4 адад гармхона дар майдони 0,30 га, Рӯшон 24 адад гармхона дар майдони 0,72 га, Ишкошим 53 адад гармхона дар майдони 0,76 га , Рошткалъа 3 адад гармхона дар майдони 0,3, Шуғнон 0,21 дар майдони, Дарвоз 5 адад гармхона дар майдони 0,30 га гармхонаҳо барои кишти сабзавоти барвақтӣ фаъолият мекунанд, ки шумораи гармхонаҳо нисбати ҳамин давраи соли гузашта зиёд мебошанд.

Дар давоми шаш моҳи соли ҷорӣ дар ноҳияи Дарвоз дар майдони 0,15 гектар 180 адад дарахтони лимӯ ва дар майдони 0,15 гектар сабзавотҳои гуногун парвариш ёфта истодаанд. Инчунин, аз ҳисоби гармхонаи Парки саноатию технологии ноҳия 3,2 тонна бодиринг ва 5,2 тонна помидор ба бозори дохилӣ бароварда шудааст.

Дар ҳудуди ноҳияи Рошткалъа соли ҷорӣ бунёди 17 адад гармхона дар ҳамкорӣ бо Барномаи ҷонибдории инкишофи иҷтимоии манотиқи кӯҳистони Хазинаи Фонди Оғохон дар назар дошта шудааст.

Инчунин, дар Ҷамоати шаҳраки Мурғоби ноҳияи Мурғоб бо дастгирии Барномаи ҷонибдории инкишофи иҷтимоии манотиқи кӯҳистони Хазинаи Фонди Оғо хон 1 адад гармхона сохта ба истифода дода шуд.

Ҳамчунин, соли ҷорӣ аз ҷониби Барномаи ҷонибдории инкишофи иҷтимоии манотиқи кӯҳистони Хазинаи Оғохон сохтмони 64 адад гармхонаҳои хурд дар шаҳру ноҳияҳои вилоят ба нақша гирифта шудааст.

**7.5.Афзун намудани ҳаҷми содироти маҳсулоти кишоварзӣ, ҷалби сармояи хориҷӣ ва ташкили марказҳои логистикӣ тибқи талаботҳои бозор ва стандартҳои байналмилалии сифат, ба роҳ мондани коркард, басту банд ва содироти маҳсулоти кишоварзӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2021, №14, банди 27 ва паём банди 32);**

Мувофиқи маълумотҳои расмии бахши Раёсати Кумитаи бехатарии озуқаворӣ дар сарҳади давлатӣ ва нақлиёти Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар асоси сертификати фитосанитарӣ ба АКФ-Афғонистони дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон барои интиқол додани 12 тонна тухми зироатхои кишоварзӣ ва 14 ҳазор дона бех ниҳол ба Давлати Исломии Афғонистон бо риояи талаботҳои карантинӣ иҷозат дода шуд. Тавассути нуқтаи гузаргоҳи байнисарҳадии "Хумроғӣ"-и ноҳияи Ванҷ аз тарафи соҳибкорони инфиродӣ Каюнув П. ва Нуралиев С. 142 тонна орд ба Давлати Исломии Афғонистон содирот карда шуд.

Дар ноҳияи Шуғнон маҳсулоти кишоварзии ба содирот равонашуда аз ҳисоби коргоҳҳои шарбаттайёркунӣ, меваи хушк ва ширкати барқии Помир ба роҳ монда шудааст. Инчунин, ҶДММ "Тути Помир" маҳсулотро барои содирот ба давлатҳои Федератсияи Россия ва Аврупо истеҳсол намуда истодааст.

Дар давраи ҳисоботӣ аз ноҳияи Мурғоб ба дигар шаҳру ноҳияҳои вилоят ва ноҳияҳои ҷумҳурӣ 27405 кг гӯшт, 5 сар моли шохдори калон ва 828 сар моли майда ба таври зинда содирот карда шудааст.

Ҷиҳати ба роҳ мондани коркард басту банд ва содироти маҳсулоти кишоварзӣ дар миқёси вилоят коргоҳҳои хурди коркарди маҳсулоти меваю сабзавот аз ҷумла, дар ноҳияи Роштқалъа 1 адад, Рӯшон 3 адад, Шуғнон 2 адад, Ванҷ 2 адад ва Дарвоз 1 адад корхонаи коркарди асал фаъолият карда истодаанд.

**7.6. Зиёд намудани шумораи сардхонаҳо барои нигоҳдории маҳсулоти кишоварзӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2021, №14, банди 6, сархати 3)**

Дар ҳудуди вилоят барои нигоҳдории маҳсулоти кишоварзӣ 35 анборхона бо иқтидори 1665 тонна ва 3 адад сардхонаи замонавӣ бо иқтидори 229 тонна мавҷуд буда, дар ҳолати коршоям қарор доранд, ки асосан барои захираи маҳсулоти кишоварзӣ бахусус картошка, меваю сабзавот истифода бурда мешаванд. Инчунин маркази логистики Агентии захираҳои моддии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Рӯшон фаъолият дорад.

Дар шаҳри Хоруғ ду сардхонаи хусусӣ мавҷуданд. Сардхонаи соҳибкори маҳаллӣ бо масоҳати 700 $м^2$ (2100 метри кубӣ) ва сардхонаи ҶДММ "Тиҷорати Помир" 525 $м^2$ (1575 метри кубӣ)-ро ташкил медиҳанд. Дар онҳо намудҳои гуногуни маҳсулот, аз қабили гӯшт, картошка, пиёз, сабзӣ, карам ва дигар намуди меваҷот нигоҳдорӣ карда мешаванд.

Дар ҳудуди ноҳияи Рӯшон 6 анборхона бо иқтидори 90 тонна, 4 таҳхона барои 300 тонна, 2 сардхона бо ғунҷоиши 50 тонна мавҷуд буда, дар ҳолати коршоям қарор доранд, ки асосан барои захираи маҳсулоти кишоварзӣ истифода бурда мешаванд.

Инчунин, аз тарафи Агентии захираҳои моддии давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷамоати деҳоти Назаршо Додхудоев барои захираи

маҳсулоти кишоварзӣ сохтмони 1 адад маркази логистикӣ ба маблағи 17160,0 ҳазор сомонӣ ба охир расонида шуд. Сардхонаҳо дар Ҷамоти деҳоти Бартанг ва маркази ноҳияи Рӯшон соли равон мавриди истифода қарор дода шуданд. Соли 2021 таъмири ва азнавсозии таҳхонаи нигоҳдории маҳсулоти кишоварзии хоҷагии деҳқонии ”Рӯшон ”дар назар аст.

Дар ҳудуди ноҳия Роштқалъа барои нигоҳдории маҳсулоти кишоварзӣ 9 адад сардхонаҳо бо иқтидори 100 тонна мавҷуд буда, дар ҳолати коршоям қарор доранд, ки асосан барои захираи маҳсулоти кишоварзӣ бахусус картошка, меваю сабзавот истифода бурда мешаванд ва дар ҳамкорӣ бо Барномаи ҷонибдории инкишофи иҷтимоии манотики куҳистони хазинаи Фонди Оғохон сохтмони 1 анбор бо иқтидори 20 тонна идома доранд.

Бояд қайд кард, ки соли равон тавассути БҶИИМК-и Хазинаи Оғохон сохтмони 2 адад сардхона дар ноҳияҳои Рӯшон ва Ишкошим ва 5 адад анборхона дар ноҳияҳои Ванҷ, Рӯшон, Роштқалъа ва Ишкошим ба нақша гирифта шудааст.

**7.7. Ташкил додани кластерҳои агросаноатӣ бо коркарди пурраи нахи пахта, пӯст, пилла, ангур, мева, зироатҳои равғандиҳанда ва дигар намудхои маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2021, №14, банди 6, сархати 4);**

Дар ҳамкорӣ бо БҶИИМК-и Хазинаи Оғохон дар ноҳияи Роштқалъа сохтмони корхонаи коркарди тибит бо иқтидори 20 тонна дар 1 сол оғоз гардида, то охири сол мавриди истифода қарор дода мешавад.

Дар шаҳри Хоруғ як коргоҳи саноатӣ ҶДММ “Насим” ба қайд гирифта шудааст, ки 5 намуд маҳсулот аз меваҳои хушки маҳаллӣ истеҳсол менамояд.

Дар давраи ҳисоботӣ дар ҳудуди ноҳияи Рӯшон бо дастгирии Барномаи ҷонибдории инкишофи иҷтимоии манотиқи кӯҳистони Хазинаи Оғохон 5 кластери агросаноатӣ таъсис дода шудааст, ки маҳсулоти кишоварзиро коркард менамоянд. Инчунин, бо ташаббуси соҳибкор коргоҳи хурди коркарди меваи хушк ва сабзавот ташкил карда шуда, давоми шаш моҳи соли ҷорӣ ба маблағи 6,5 ҳазор сомонӣ маҳсулот истеҳсол намуд.

Дар ноҳияи Ишкошим кластерҳои агросаноатӣ бо коркарди пурраи маҳсулотҳои номбаршуда низ то ҳол дар ноҳия ташкил нагардидааст. Сабаби асосии ташкил ва роҳандозӣ нагардидани кластерҳои агросаноатӣ дар ноҳия ин мавҷуд набудани сарчашмаи маблағгузорӣ ва омили дигар ин истеҳсол нагардидани аксарияти ин номгӯи маҳсулоти кишоварзӣ дар ноҳия ба ҳисоб меравад.

Вобаста ба банди мазкур аз ҷониби мақомоти иҷроии маҳаллии ҳокимияти давлати ноҳияҳои Ванҷ ва Шуғнон маълумот пешниҳод нагардидааст.

**7.8. Ташкили фермаҳои парвариши чорвои гӯштӣ ва ширӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2021, №14, банди 6, сархати 4)**

Баъди амалӣ намудани ислоҳоти кишоварзӣ, ташкилотҳои давраи шӯравӣ таҷдид гардида, бар ивази онҳо сохторҳои самарабахши истеҳсолӣ ташкил наёфтанд. Чунин тартиби кор боиси ба вуҷуд омадани фазои маҳдуди (вакуумӣ) сохторӣ гардид. Дар замони ҳозира бо норасогии захираҳои молиявӣ, ин

мушкилотҳо бештар ба назар мерасанд. Ташкили хоҷагиҳои деҳқонии хурду миёна дар ихтиёрашон захираи молиявӣ надошта, заминҳои ҳудудашон ба аҳолӣ тақсим карда дода шуд.

Барои ташкили фермаҳои парвариши чорвои гӯштӣ ва ширӣ, заминаи мустаҳками хӯроки чорво зарур мебошад. Аз ин лиҳоз хоҷагиҳои деҳқонӣ имконияти таъмини захираи хӯроки чорво надоранд. Ҳолати воқеии чорводорӣ дар ноҳияҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон имконият намедиҳанд, ки фермаи парвариши чорвои гӯштӣ ва ширӣ ташкил карда шавад.

Мувофиқи Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Рӯшон барои солҳои 2021-2025 дар занҷири мантиқии соҳаи кишоварзӣ ташкили фермаҳои парвариши чорвои гӯштӣ ва ширӣ ба нақша гирифта шудааст. Сохтмони бинои фермаи моли майда дар деҳаҳои Шуҷанд, Даржомч, Бопасор, Рошорв ва Ғудара барои 200 сар аз ҷумлаи онҳо мебошанд.

Фермаҳои парвариши чорвои гӯштӣ ва ширӣ ба ҳолати 1 июли соли 2021 дар ҳудуди ноҳия Ишкошим ба қайд гирифта нашудааст. Аммо алоҳида нафарон нақшаҳои тиҷоратиро ба ин мақсад омода намудаанд ва ҷиҳати дарёфт намудани сарчашмаи маблағгузорӣ онҳоро ба ташкилотҳои ғайридавлатии молиявӣ пешниҳод намудаанд, ки то ҳол онҳо дар баррасӣ қарор доранд.

Ҳамзамон, иқлими ҷамоатҳои болоии ноҳияи Роштқалъа барои парвариши чорво бисёр муфид аст. Дар ноҳия фермаҳои хусусии парвариши чорво дар мавзеи Ҷавшангоз вуҷуд дорад.

Доир ба банди мазкур аз ҷониби масъулини ноҳияҳои Ванҷу Шуғнон маълумот пешниҳод нагардидааст.

**7.9. Рушди босуръати соҳаи паррандапарварӣ ва зиёд намудани истеҳсоли тухм ва гӯшти парранда, васеъ намудани парвариши онҳо дар ҳамаи бахшҳои хоҷагидорӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2021, №14, банди 6, сархати 2)**

Рушди паррандапарварӣ аз таъмини доимии хӯроки консентратӣ вобаста буда, дар рафти истеҳсоли маҳсулоти парранда ба қувваи барқи доимӣ ниёз дорад.

Дар асоси маълумотҳои оморӣ дар шаш моҳи соли 2021, 102977 (+209) ҳаз сар парранда ва 2441,0 (+20,0) ҳазор дона тухм истеҳсол карда шудааст, ки ин асосан ба хоҷагиҳои аҳолӣ таалуқ дорад.

Дар шаҳри Хоруғ саршумори парранда дар давраи ҳисоботӣ 660 сарро (соли 2020, 480) ташкил дода ва 4000 ҳазор дона тухм истеҳсол карда шудааст.

Шумораи умумии парранда дар ноҳияи Рӯшон мувофиқи маълумотҳо 20170 сарро ташкил медиҳад, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта 450 сар зиёд мебошад, инчунин истеҳсоли тухми хушсифат 944 (+52) ҳазор донаро ташкил медиҳад. Бо мақсади рушди соҳаи паррандапарварӣ бо ташаббуси соҳибкори ватанӣ фермаи паррандапарварӣ барои 500 сар паранда ба маблағи 120 ҳазор сомонӣ дар мавзеи «Ҷангал» сохта ба истифода дода шудааст. Инчунин, барои ин паррандапарвар аз ҳисоби КВД "Паррандаи Тоҷикистон" 1000 сар чуҷаи зотӣ тариқи грантӣ дода шудааст.

Дар давраи ҳисоботӣ дар ноҳияи Дарвоз саршумори парранда дар ҳама соҳаҳои хоҷагии халқ 18965 (+245) сарро ташкил дода, истеҳсоли тухм дар ин

давра 461 ҳазор донаро ташкил дод. Аз ҷониби соҳибкори ватанӣ усули дар хона парвариш ва истеҳсол кардани гӯшти мурғи парҳезӣ ташкил карда шуда, тибқи маълумотҳо 12 тонна маҳсулоти гӯштӣ пешкаши мизоҷон гардонида шудааст.

Бо мақсади таъмини аҳолӣ бо ғизои хушсифат дар ноҳияи Шуғнон ду адад мурғхона ба истифода дода шуда, саршумори паррандаро дар сектори ҷамъиятӣ ва фермерӣ ба 5935 сар расонида шудааст.

Бо мақсади рушди минбаъдаи соҳаи паррандапарварӣ ва истеҳсоли тухми хушсифат дар ноҳияҳои Шуғнон ва Рошткалъа лоиҳаҳои сохтмони фермаҳои мурғпарварӣ пешниҳод карда шуданд.

Вобаста ба банди мазкур ноҳияҳои Мурғоб, Ванҷ, Ишкошим ва Рошткалъа маълумот пешниҳод нагардидааст.

**7.10. Таъмини иҷрои чорабиниҳои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Доир ба тадбирҳои беҳтар намудани вазъи мелиоративии заминҳои обёришавандаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019 - 2023" ва нақшаи барқарорсозии шабакаҳои обёрӣ, пойгоҳҳои обкашӣ ва заҳбуру заҳкашҳо (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2021, №14, банди 30, сархати 1);**

Дар соли ҷорӣ тибқи нақшаи Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон беҳтар гардонидани ҳолати мелиоративии заминҳои кишоварзӣ дар ноҳияҳои Рушон 20 га ба маблағи 28 ҳазор сомонӣ, Шуғнон 10 га ба маблағи 14 ҳазор сомонӣ, Ишкошим 20 га ба маблағи 28 ҳазор сомонӣ ва шаҳри Хоруғ ба маблағи 14 ҳазор сомонӣ ба нақша гирифта шудааст.

Дар нимсолаи аввали соли 2021 дар ноҳияи Ванҷ дар 73 иншооти обтаъминкунӣ ба тариқи ҳашар корҳои таъмиркунӣ гузаронида шуда, иншоотҳои мазкур мавриди истифодабарӣ қарор дода шуданд. Ҷиҳати истифодаи самараноку сарфакоронаи об барои обёрии ба заминҳо бо дастгирии шарикони рушд каналҳои Лахш, Техарв, Шаврӯ, Ускуроғ ва Роғ аз таъмири капиталӣ баровarda шуданд. Каналҳои деҳаи Ваҳдат ва мавзеи Хумроғи Ҷамоати деҳоти Водхуд бо дарози 1 км ва дар ҳаҷми беш аз 2600 метри кубӣ аз қуму шағал тоза карда шуданд. Инчунин, дар қисми пӯшидаи канали деҳаи Ваҳдат қубури обгузари асбестосементии қутраш 400 мм бо дарозии 15 метр барқарор карда шудааст.

Инчунин, дар ин давраи ҳисоботӣ ҷиҳати омода намудани иншоотҳои обтаъминкунӣ аз тарафи шуъбаи беҳдошти замин ва обёрӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 9,1 тонна масолеҳи сохтмонӣ, аз қабили семент ба ноҳияи Ишкошим ҷудо ва дастрас гардида, корҳои бетонрезӣ дар ҷойҳои муайяншуда ба анҷом расонида шуданд.

Аз тарафи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Шуғнон сарҷуи канали Миёншаҳри Ҷамоати деҳоти Ванқалъа ва канали Вери Ҷамоати деҳоти Вер барқарор карда шуда, корҳои таркишӣ дар каналҳои Миёншаҳр, Патхур, Пиш, Нишусп ба миқдори 73$м^3$ ба анҷом расонида шуданд. Инчунин, аз тарафи Барномаи ҷонибдории инкишофи иҷтимоии манотиқи кӯҳистони Хазинаи Оғохон канали Живроҷи Ҷамоати деҳоти Сучон дар масофаи 200 метр бетонпӯш гардида, барои канали Чоҳкандези Ҷамоати М. Ширинҷонов 525 метр қубурҳои полиэтилении қутрашон 315 мм ва 250 мм, каналҳои Шичозг

ва Нишусп 3306 метр қубури қутрашон 110 мм дастрас карда шуда, корҳои васлкунӣ дар арафаи анҷомёбӣ қарор доранд.

Дар ноҳияи Дарвоз барои беҳтар намудани вазъи мелиоративии заминҳои обёришавандаи кишоварзӣ 3,15 $м^3$ каналу ҷуйборҳо ба тариқи ҳашар тоза карда шуданд.

Дар маълумотҳои пешниҳоднамудаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Хоруғ, ноҳияҳои Рӯшон, Роштқалъа ва Мурғоб оид ба тадбирҳои беҳтар намудани вазъи мелиоративии заминҳои обёришаванда маълумоти муфассал дарҷ нагардидааст.

**7.11. Дар ҷараёни кишти зироатҳои кишоварзӣ, аз ҷумла кишти такрорӣ, зиёд намудани майдони кишт ва бо истифодаи тухмиҳои хушсифат гирифтани то се ҳосил (банди 30 паём);**

Барои самаранок истифода бурдани замин ва аз он рӯёндани ду ҳосил тибқи нақшаи дурнамо соли равон дар вилоят дар майдони 96 гектар кишти такрории зироатҳои кишоварзӣ гузаронида мешаванд.

Дар ноҳияи Дарвоз ба ҳолати 1 июли соли 2021 дар майдони 3 гектар кишти такрорӣ гузаронида шудааст.

Дар хоҷагиҳои ноҳияи Ванҷ баъди ҷамъоварии ҳосил кишти такрории зироатҳо гузаронида мешаванд.

Ҷиҳати аз сатҳи баҳр баланд ҷойгир будани вилоят ва иқлими нисбати дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ хунук доштанаш гирифтани се ҳосил аз имкон берун мебошад.

Мушкилот:

Таъмини хоҷагиҳои кишоварзии вилоят аз навъи тухмии картошкаи аълосифат, зиёда аз 6 сол барои хоҷагиҳои кишоварзии вилоят тухмии аълосифати картошка аз тарафи Вазорати кишоварзӣ ҷудо нашудааст.

Дастгирии давлатӣ оид ба ташкил намудани корхонаҳои хурди коркарди меваю сабзавот ва бунёди сардхонаю амборхонаҳо барои захираи меваю сабзавот.

Таъсис додани «Маркази хизматрасонии таъминоти нуриҳои минералӣ ва дигар маводҳои ниёзи деҳқон» дар вилоят.

Дастгирӣ намудани хоҷагиҳои махсуси тухмипарварӣ. (Ванҷ – самти ғаллакорӣ, хоҷагии деҳқонии Рӯшони ноҳияи Рӯшон -самти ғаллакорӣ, хоҷагии деҳқонии Дзержинский ноҳияи Шуғнон картошкапарварӣ ва ноҳияи Ишкошим-картошкапарварӣ)

Соҳаи дигари афзалиятнок дар вилоят ин моҳипарварӣ мебошад, кулҳои табии ноҳияҳои Мурғоб, Шуғнон ва Роштқалъа дорои захираи бузурги моҳӣ мебошанд, вале ҷиҳати мавҷуд набудани роҳи дурусти нақлиёт ва дастгирӣ наёфтани хоҷагиҳои моҳипарварӣ бо таҷҳизоти истеҳсолӣ, хӯрокиҳои моҳӣ ва кирминамоҳиҳо пешрафт дар соҳа тамоман нест.

Самти дигари афзалиятнок ин занбури асалпарварӣ мебошад, ки ҷиҳати мавҷуд будани гиёҳҳои ҳархелаи шифобахш ва буттаҳо имконияти истеҳсоли асали аз ҷиҳати экологӣ тоза дар вилоят мавҷуд мебошад. Лекин дар доираи Барномаи фаъолияткунанда, барои зиёд намудани оилаи занбӯри асал, чорабиниҳои амалии ин самт, аз оғози Барнома дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони

Бадахшон амалӣ нашуда истодаанд.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва шаҳру ноҳияҳои он дар ҳамкорӣ бо Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташкилотҳои хориҷӣ барои таъмини суръати афзоиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, истифодаи оқилонаи обу замин ва ба гардиши кишоварзӣ даровардани заминҳои бекорхобида, баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳо ва таъминот бо тухмиҳои хушсифат, зиёд намудани масоҳати гармхонаҳо ва таъмини заминаи содирот ва воридотивазкунӣ, таъсиси фермаҳои парвариши чорвои гӯштӣ ва ширӣ, таъмини инфрасохтор ҷиҳати зиёд кардани ҳаҷми истеҳсоли молҳо, пурзӯр намудани иҷрои ваколатҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва татбиқи сиёсати давлатии соҳаи кишоварзӣ мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи амнияти озуқаворӣ” ҷиҳати рушди интенсивии соҳаи кишоварзӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои нав мусоидат намоянд.

**8. Маълумот оид ба рушди сохаи сохтмон ва меъморӣ;**

**8.1. Ба истифодадиҳии манзилҳои истиқоматӣ ва афзоиши манзили зист ба ҳар як сари аҳолӣ ва вазъи таъминоти аҳолӣ бо қитъаи замини наздиҳавлигӣ, дараҷаи қонеъгардонии мурoҷиати шаҳрвандон бо қитъаи замини наздиҳавлигӣ, 8.2. Вобаста ба ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон рафти бунёди иншооти маорифу тандурустӣ, фарҳангу муассисаҳои иҷтимоӣ, роҳҳо, корхонаҳову коргоҳҳои истеҳсолӣ, ободу зебо гардонидани маҳалли зист ва анҷом додани корҳои дигари созандагӣ, аз ҷумла боғҳо, боғхои фарҳангию фароғатӣ, гулгаштҳо, толор ва майдончаи варзишӣ ва бозиҳои кӯдакон, ҳавзҳои шиноварӣ, 8.3. Бо мақсади беҳтар намудани шароити корӣ ва дастгирии мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот сохтмон ва таъмиру тармими биноҳои маъмурӣ, 8.4. Ҷиҳати гиромӣ доштан ва ҳимоя кардани истиқлолу озодии давлати тоҷикон, таҳкими ваҳдати миллӣ, амалӣ намудани корҳои ободонӣ ва сазовор истиқбол намудани 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёд намудани Нишон ва Парчами миллӣ дар марказҳои шаҳру ноҳияҳо ва шаҳраку деҳот, 8.5. Сохтмон ва таъмиру тармими манзилҳои истиқоматии шахсони яккаву танҳо, маъюбон, пирони барҷомонда, ятимон ва оилаҳои камбизоат, арзёбӣ гардиданд.**

**8.1.Ба истифодадиҳии манзилҳои истиқоматӣ ва афзоиши манзили зист ба ҳар як сари аҳолӣ ва вазъи таъминоти аҳолӣ бо қитъаи замини наздиҳавлигӣ, дараҷаи қонеъгардонии муроҷиати шаҳрвандон бо қитъаи замини наздиҳавлигӣ, арзёбӣ гардиданд.**

Дар шаш моҳи соли 2021 қайд кардан зарур аст, ки дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 97 адад манзилҳои истиқоматӣ ба маблағи 7543,0 ҳазор сомонӣ сохта ба истифода дода шуданд. Шумораи муроҷиати шаҳрвандон оид ба ҷудо намудани қитъаи замин барои сохтмони хонаҳои истиқоматӣ дар вилоят 358 адад буда, дар шаш моҳи соли равон барои 230 нафар шаҳрвандон 25,85 га қитъаи замин ҷудо гардид.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Шуғнон аз ҳисоби заминҳои хоҷагиҳои деҳқонии “Болшевик”-5,45 га, “Шотемур” 1,66 га, “Ватан” 13,76 га, “Дзержинский” 2,46 га ва “ Иттифоқ” –и ноҳияи Шуғнон -11,17 га, ки дар маҷмуъ масоҳати умумӣ 34,68 га-ро ташкил медиҳад, барои сохтмони хонаҳои истиқоматӣ ба оилаҳои эҳтиёҷманд ҷудо намудааст.

Дар ноҳияи Рӯшон шумораи муроҷиати шаҳрвандон оид ба ҷудо намудани қитъаи замин дар 6 моҳи соли 2021 165 адад, шумораи дархостҳои қонъекардашуда 79 адад ё 47,8 % ва қитъаи замини ҷудокардашуда 1,4 га–ро ташкил медиҳад.

Тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2012, №392 ба ноҳияи Ванҷ 76,34 га замин барои сохтмони хонаҳои истиқоматӣ ҷудо карда шудааст, ки то ин муддат дар 10 мавзеъ лоиҳаҳои тарҳи гурӯҳи маскунии ин маҳаллаҳо барои ҷойгиркунии 250 хонаҳои истиқоматӣ тартиб дода шуда, ба 245 оилаҳои эҷтиёҷманд қитъаҳои замин ҷудо карда шудааст.

Дар ноҳияи Дарвоз бошад дар нимсолаи якуми соли 2021 12 хонаи истиқоматии шаҳрвандон дар масоҳати 1568 $м^2$ мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шудааст, ки ба сари ҳар як хоҷагӣ 130 $м^2$ рост меояд. Дар ин давра 200-адад мактубу муроҷиатномаҳо ворид шуда, 186-адад аризаҳо барои иҷозат додан барои сохтмони биноҳои истиқоматӣ, ба итмомрасида эътироф намудани биноҳои истиқоматӣ, биноҳои ёрирасон ва 14 адад мактубҳои вазорату кумитаҳо буда, мавриди санҷиш қарор гирифта, дар доираи қонунҳои амалкунанда баррасӣ гардидаанд. Аз ин шумора 120 ададашон қонеъ карда шудаанд.

Мувофиқи маълумоти ноҳияи Мурғоб муайян гардид, ки барои сохтмони хонаи истиқоматӣ ба 42 нафар аҳолии ноҳия қитъаи замин ҷудо карда шудааст.

Аз ҷониби бахши меъморӣ ва шаҳрсозии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Ишкошим барои сохтмони манзили истиқоматӣ ба 7 нафар иҷозатнома дода шудааст, ки ба ҳисоби миёна масоҳати умумии манзилҳои зист 392,0 метри мураббаъро ташкил медиҳанд.

Аз ҷониби масъулини шаҳри Хоруғ ва ноҳияи Рошткалъа вобаста ба банди мазкур маълумоти дақиқ пешниҳод нагардидааст.

## 8.2. Вобаста ба ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон рафти бунёди иншооти маорифу тандурустӣ, фарҳангу муассисаҳои иҷтимоӣ, роҳҳо, корхонаҳову коргоххои истеҳсолӣ, ободу зебо гардонидани маҳалли зист ва анҷом додани корҳои дигари созандагӣ, аз ҷумла боғҳо, боғхои фарҳангию фароғатӣ, гулгаштҳо, толор ва майдончаи варзишӣ ва бозиҳои кӯдакон, ҳавзҳои шиноварӣ (банди 73 паём)

Вобаста ба ҷашни 30 – солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёди иншоотҳои маорифу тандурустӣ дар шаҳри Хоруғ сохтмони Донишгоҳи давлатии шаҳри Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев бо арзиши харҷномавии 54300,0 ҳазор сомонӣ, бинои иловагии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №28 дар ноҳияи Шуғнон бо арзиши харҷномави 3200,0 ҳазор сомонӣ, омӯзишгоҳи литсеи касбии техникӣ дар маркази ноҳияи Ванҷ бо арзиши харҷномави 8200,0 ҳазор сомонӣ, азнавсозии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №23 деҳаи Жаки ҷамоати деҳоти Нулванд бо арзиши харҷномави 100,0 ҳазор сомонӣ, сохта ба истифода додани 4 синфхонаи иловагӣ дар назди

муассисаи таҳсилоти асосии деҳаи Ширговади деҳоти Нулванди ноҳияи Дарвоз бо арзиши харҷномави 34,0 ҳазор сомонӣ, муассисаи таҳсилоти умумии ибтидоии №29 – и деҳаи Равгадаи ҷамоати деҳоти Техарви ноҳияи Ванҷ бо арзиши харҷномави 150,0 ҳазор сомонӣ, синфхонаҳои иловагӣ дар деҳаи Шипади ҷамоати деҳоти М. Абдулвосиеви ноҳияи Рӯшон бо арзиши харҷномави 40,0 ҳазор сомонӣ, кӯдакистон дар маркази ноҳияи Шуғнон барои 80 кӯдак бо арзиши харҷномави 4600,0 ҳазор сомонӣ, маркази инкишофи барвақтии кӯдак дар деҳаи Пашори Ҷамоати деҳоти Поршнев бо арзиши харҷномави 250,0 ҳазор сомонӣ ва сохтмони бунгоҳи тиббии деҳаи Вибисти Ҷамоати деҳоти Навободи ноҳияи Шуғнон бо арзиши 250,0 ҳазор сомонӣ идома доранд.

Дар соҳаи фарҳанг бошад, сохтмони бинои хонаи фарҳанг дар деҳаи Лангари ноҳияи Ишкошим бо арзиши 1500,0 ҳазор сомонӣ, таъмири капиталии клуби деҳаи Курговади ноҳияи Дарвоз бо арзиши харҷномави 50,0 ҳазор сомонӣ, таъмири асосии хонаи фарҳанг дар деҳаи Рангкули ноҳияи Мурғоб бо арзиши харҷномави 80,0 ҳазор сомонӣ, инчунин таъмир ва азнавсозии роҳҳо, ободу зебо гардонидани маҳалли зист ва анҷом додани корҳои дигари созандагӣ, аз ҷумла боғҳои фарҳангию фароғатӣ, гулгаштҳо, толор ва майдончаҳои варзишӣ ва бозиҳои кӯдакон идома доранд.

### 8.3. Бо мақсади беҳтар намудани шароити корӣ ва дастгирии мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот сохтмон ва таъмиру тармими биноҳои маъмурӣ

Бо мақсади беҳтар намудани шароити корӣ ва дастгирии мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот сохтмон ва таъмиру тармими биноҳои маъмурӣ дар шаҳру ноҳияҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба роҳ монда шудааст.

Дар шаҳри Хоруғ сохтмони бинои маъмурии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Хоруғ аз ҷониби ҶДММ "Ҷовид" бо маблағи 38740,0 ҳазор сомонӣ идома дорад.

Инчунин, сохтмони бинои маъмурии Ҷамоати деҳоти Навободи ноҳияи Шуғнон, сохтмони бинои маъмурии Ҷамоати деҳоти Сағридашти ноҳияи Дарвоз, сохтмони бинои маъмурии Ҷамоати деҳоти Рӯшони ноҳияи Рӯшон ва сохтмони бинои маъмурии Ҷамоати деҳоти Роштқалъаи ноҳияи Роштқалъа, ки аз буҷети давлати маблағгузорӣ мешаванд, сохтмонашон идома дорад.

Дар ноҳияи Ванҷ соли 2020 сохтмони бинои маъмурии ҷамоати деҳоти Язгулом аз тарафи ҶДММ "Шодмон" бо маблағи 2690,0 ҳазор сомонӣ мавриди истифода қарор гирифт.

Доир ба банди мазкур аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти даввлатии ноҳияҳои Роштқалъа ва Мурғоб маълумот пешниҳод нагардидааст.

## 8.4.Ҷиҳати гиромӣ доштан ва ҳимоя кардани истиқлолу озодии давлати тоҷикон, таҳкими ваҳдати миллӣ, амалӣ намудани корҳои ободонӣ ва сазовор истиқбол намудани 30-солагии истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёд намудани Нишон ва Парчами миллӣ дар марказҳои шаҳру ноҳияҳо ва шаҳраку деҳот (банди 73 наём)

Ба хотири пос доштани арзишҳои миллӣ ва сазовор ҷашн гирифтани 30- солагии истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёд намудани Нишон ва Парчами миллӣ дар марказҳои шаҳру ноҳияҳо ва шаҳраку деҳот қайд кардан лозим аст, ки дар шаҳри Хоруғ ва ноҳияҳои Рӯшон, Дарвоз ва Ванҷ Парчамҳои миллӣ сохта мавриди истифода қарор дода шуданд.

Бо икдоми ширкати ҶСК “Помир-энерҷӣ” дар маркази ноҳияи Роштқалъа корҳои сохтмони дар Боғи Парчами миллӣ идома дошта, то ин давра маблағи зиёда аз 200 ҳазор сомонӣ аз худ карда шудааст.

Инчунин, сохтмони Нишон ва Парчами миллӣ дар маркази ноҳияи Мурғоб низ идома дошта, то ҷашни 30-солагии истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баҳрабардорӣ қарор дода мешаванд.

Мутаассифона аз сабаби маҳдуд будани имкониятҳои молиявии буҷети маҳаллии ноҳияи Ишкошим сохтмони Нишон ва Парчами миллӣ оғоз нагардидааст.

## 8.5.Сохтмон ва таъмиру тармими манзилҳои истиқоматии шахсони яккаву танҳо, маъюбон, пирони барҷомонда, ятимон ва оилаҳои камбизоат (Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06.03.2019 с., №АП-1176, банди 27 Нақша- чорабиниҳои “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ”);

Дар шаш моҳи соли 2021 дар миқёси вилоят шумораи оилаҳои ба сохтмони манзилҳои истиқоматӣ ниёзманд 710 нафар ва ба таъмири манзилҳои истиқоматӣ 728 нафарро ташкил медиҳанд. Дар давраи ҳисоботӣ аз ҷониби шаҳру ноҳияҳои вилоят барои сохтмону таъмири манзил 28100 равона гардидааст.

Ҳамзамон, таваҷҷуҳи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қишри осебпазири ҷомеа диққати махсус зоҳир намуда, ҳамаҷониба дастгирӣ мегарданд.

Ноҳияи Роштқала низ доир ба ин масъала эҳтибори хоса дода, соли ҷорӣ барои сохтмону таъмири маъюбон ва оилаҳои камбизоат ба маблағи 238,5 ҳазор сомонӣ дастгирӣ кардааст.

Хотиррасон бояд кард, ки мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Хоруғ ва ноҳияҳои Ишкошим, Дарвоз, Мурғоб, Ванҷ, Рӯшон ва Шуғнон маълумоти нопурра доир ба банди мазкур пешниҳод намуданд, ки барои муайян намудани шумора ва ҳаҷми маблағи сохтмон ва таъмиру тармими манзилҳои истиқоматӣ ба шахсони осебпазир монеъа эҷод менамояд.

Пешниҳод: Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва шаҳру ноҳияҳои он ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳо аз қабили надоштани лоиҳаи бино ва аз ташхиси давлатӣ нагузаштани онҳо, бе қарори раисони шаҳру ноҳияҳо оғоз намудан ба корҳои

сохтмонӣ ва назорати сусти сармеъморони шаҳр ва ноҳияҳо аз иншоотҳои сохташаванда, чораҳои таъхирнопазир андешанд.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва шаҳру ноҳияҳоро мебояд, ки ҳамкориро бо Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дастрас намудани нақшаи муфассали тарҳрезии (ПДП) Нақшаи генералии маркази шаҳру ноҳияҳо, марказҳои ҷамоатҳои деҳот бо як тартиби муайян тарзи ҷобаҷогузории бинову иншоотҳои маъмуриву ҷамъиятӣ ва хизматрасонӣ ба роҳ монад.

**9.Маълумот оид ба рушди инфрасохтор ва нақлиёт:**

**9.1.Андешидани чораҳо барои ҷалби соҳибкорон ва аҳолии деҳот ҷиҳати барқароркунии пулҳо, таъмин ва асфалтпӯш кардани роҳҳо (Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06.03.2019 с. №АП-1176, банди 23 - и Нақша-чорабиниҳои “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва хунарҳои мардумӣ”, таъмиру таҷдиди роҳҳои маҳаллӣ 9.2. Дастрасии аҳолӣ ба хизмати нақлиёти ҷамиятӣ/хусусӣ дар ҳудуди шаҳру ноҳия, шаҳраку деҳот, 9.3. Ҳаҷми мусофиркашонӣ ва боркашонӣ, арзёбӣ гардиданд.**

**9.1.Андешидани чораҳо барои ҷалби соҳибкорон ва аҳолии деҳот ҷиҳати барқароркунии пулҳо, таъмин ва асфалтпӯш кардани роҳҳо**

Дар солҳои 2019-2020 аз ҷониби соҳибкорон ва шариконии рушд дар вилоят дар маҷмӯъ 26 км роҳҳо ба маблағи 5,5 млн. сомонӣ сангфарш, 3 пул ба маблағи 1,6 млн. сомонӣ аз таъмир бароварда шуданд.

Айни ҳол дар шаҳри Хоруғ таъмири хати канализатсия, ки қад-қади роҳ ҷойгиранд рафта истода, баъди ба итмом расидани кор дар ин самт роҳ асфалтпуш карда мешавад.

Бояд қайд намуд, ки масофаи 22 км роҳҳои мошингарди шаҳри Хоруғ дар мувозинаи муассисаҳои нигаҳдории давлатии роҳҳои автомобилгарди ноҳияҳои Рошткалъа ва Шуғнон қарор дошта, таъмири ҷорӣ ва сари вақт тоза кардани онҳо дар мавсими зимистон аз тарафи муассисаҳои зикршуда ба иҷро расонида намешавад, ки ин амал бехатарии ҳаракат дар роҳро халалдор месозад.

Ҳамзамон, дар деҳоти Манеми ноҳияи Шуғнон аз ҷониби шариконии рушд ва аҳолӣ барқароркунии пул ба маблағи 241 ҳазор сомонӣ идома дорад.

Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди ноҳияи Ванҷ мувофиқи накша дар шаш моҳи соли 2021 барои таъмир ва нигаҳдории роҳҳо аз ҳисоби Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон 47933 сомонӣ мувофиқи нақшаи пешбинишуда, ба ҳолати 1 июли соли 2021 100 фоиз маблағгузорӣ шудааст. Мувофиқи нақша дар давраи ҳисоботӣ аз ҳисоби буҷети ноҳия маблағи 34645 сомонӣ барои таъмир намудани роҳҳои маҳаллӣ ҷудо гарида, пурра пардохт шуданд.

Бинобар сабаби дар сатҳи зарурӣ рушд накардани фаъолияти соҳибкорӣ, бахусус соҳибкории истеҳсолӣ ба ҳолати имрӯза бо ҷалби соҳибкорон ва аҳолии деҳот барқароркунии пулҳо, таъмин ва асфалтпӯш кардани роҳҳои ҳудуди ноҳия Ишкошим ба қайд гирифта нашудааст.

Дар ин давра ду деҳаи ноҳияи Дарвоз, ки дарозии роҳҳои маҳаллиашон 7 км ташкил мекунад, пурра таъмир карда шуданд. Инчунин, дар шафати роҳҳо шиору овезаҳо аз тарафи мақомотҳои худфаъолиятии ҷамъиятӣ насб гардида,

байни деҳаҳо барои рушноӣ фурӯзонакҳо насб гардида, ба хотири таҷлили ҷашни бошукӯҳи 30 солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои бунёдкорию созандагӣ бо маром идома дорад.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Рӯшон барои иҷрои ин банд тадбирҳои зарурӣ андешида, соли 2020 сохтмони купруки Нисур ва барқарорсозии роҳи автомобилгарди Рушон-Бартангро бо маблағгузории Вазорати нақлиёти Ҷуҳмурии Тоҷикистон ва Агентии Оғохон оид ба макони зист дар Ҷуҳмурии Тоҷикистон ба истифода доданд. Сохтмони роҳи Рамадон-Равшарв дар масофаи 5км ба маблағи 1568,0 ҳазор сомонӣ ва купрук дар деҳаҳои Барушону Даржомч ба маблағи 26592,0 ҳазор сомонӣ идома доранд.

Мутаассифона, дар шаҳру ноҳияҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон аз тарафи соҳибкорон ҷиҳати барқароркунии пулҳо ва асфалтпӯш кардани роҳҳо бо сабаби мушкилотҳои молиявӣ ягон кор анҷом наёфтааст.

### 9.2. Дастрасии аҳолӣ ба хизмати нақлиёти ҷамиятӣ/хусусӣ дар ҳудуди шаҳру ноҳия, шаҳраку деҳот

Дар ҳудуди вилоят 61 хатсайри мусофиркашонӣ фаъолият менамоянд, ки аз онҳо 50 адад наздишаҳрӣ, 2 адад байналмилалӣ, 5 адад байнишаҳрӣ ва 4 адад дохилишаҳрӣ мебошанд. Дар ҳамаи ноҳияҳо ва шаҳри Хоруғ терминалҳо ва ҷамъиятҳо ташкил карда шуда, ба мизоҷон хизмат расонда истодаанд. Дар шаш моҳи соли 2021 шумораи нақлиёти мусофиркашонӣ ба 1003 адад расид, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта 206 адад зиёд мебошад.

Дар доираи андешидани чораҳои зарурӣ оид ба дастрасии аҳолӣ ноҳияи Ванҷ бо нақлиёти ҷамъиятӣ ва хусусӣ ҶДММ "Раҳмати Илҳом" кору фаъолият дошта, корхонаи мазкур ба ҳамлу нақли мусофирон машғул мебошад. Қайд кардан ба маврид аст, ки дар ноҳия зиёда аз 65 автомашинаи мусофиркаш мавҷуд мебошад. Дар ин давра бо 50 адад мошинаи мусофиркаши сабукрав шартномаи тарафайн баста шуда, хатсайри Ванҷ- Душанбе ва Ванҷ-Хоруғ амал мекунанд. Терминал то ин давра ба 540 нафар мизоҷон ба маблағи 5850 сомонӣ хизматрасони ба иҷро расонидааст.

Ҳамзамон, ҷиҳати иҷрои Кодекси Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ" дар ҳудуди вилоят нисбати 442 нафар шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ протоколҳои ҳуқуқвайронкунӣ тартиб дода шуда, маблағи 64,9 ҳазор сомонӣ ба буҷет ворид гардид. Дар маҷмӯъ аз ҳисоби иҷозатномадиҳӣ ва ҷаримабандӣ ба буҷет маблағи 233,7 ҳазор сомонӣ ворид гардид, ки ин нисбати соли 2020, 2,1 баробар зиёд мебошад.

Тибқи маълумотҳои пешниҳодкарда дар ноҳияи Дарвоз 805 адад воситаҳои нақлиёт, аз ҷумла 89 адад воситаҳои нақлиёти давлатӣ ва 716 адад воситаҳои нақлиёти хусусии шаҳрвандон, ки 45 ададаш дар ҶДММ "Дилшод" дар асоси патент ва иҷозатнома ба ҳамлу нақли мусофирон машғуланд, мавҷуд мебошад. Инчунин, ҳаррӯза аз деҳотҳо тариқи нақлиётҳои хусусӣ аҳолиро ба маркази ноҳия ҳамлу нақл медиҳанд, ки дар ин ҷода мушкилот мавҷуд нест.

Аҳолии ноҳияи Ишкошим ба хизматрасонии нақлиётӣ пурра дастрасӣ дошта, ин намуди хизматрасонӣ ба воситаи нақлиётҳои хусусӣ роҳандозӣ гардидааст, аммо дар ноҳия нақлиётҳои ҷамъиятӣ, аз қабили автобусҳо ва микроавтобусҳо вуҷуд надорад.

Мусофирбарӣ дар ноҳияи Мурғоб аз тарафи ҶДММ “Мурғобнақлёт” ба самти Мурғоб-Хоруғ ва Мурғоб-Ош бо ҷалби 10 воситаи техникӣ таъмин гардида, ба аҳолӣ хизмат мерасонанд.

Дар шаҳри Хоруғ 290 мошини тамғаи “Чан-Хау” (“Тангем”) ва 5 микроавтобуси “Мерседес” ба мусофиркашонӣ машғул ҳастанд.

Дар ноҳияи Рӯшон дастрасии аҳолӣ ба хизмати нақлиёт тариқи 146 нафар ронанда тавассути 1 нуқтаи мусофиркашонӣ ба тарафи Душанбе ва Хоруғ анҷом дода мешавад.

### 9.3. Ҳаҷми мусофиркашонӣ ва боркашонӣ

Дар давоми шаш моҳи соли 2021 ҳаҷми мусофиркашонӣ 3607,8 ҳазор мусофир ва ҳаҷми боркашонӣ 317,8 ҳазор тоннаро ташкил дода, нисбати ҳамин давраи соли 2020, мусофиркашонӣ мутаносибан 3120,9 ё 115,6% ва боркашонӣ мутаносибан 185,7 ё худ 171,1%-ро ташкил медиҳанд.

Ин нишондиҳандаҳо дар шаҳри Хоруғ боркашонӣ 178% ва мусофирашонӣ 121%, ноҳияҳои Ванҷ боркашонӣ 106% ва мусофиркашонӣ 101%, Ишкошим боркашонӣ 104% ва мусофиркашонӣ 108,3%, Шуғнон 137% ва 104%, Роштқалъа 188% ва 110%, Мурғоб боркашонӣ 267% ва мусофиркашонӣ 167%, ташкил додааст.

Ин нишондиҳанда дар ноҳияҳои Дарвоз 100% ва 59%, Рӯшон 100% ва 66,6% ба назар мерасад.

Ҷиҳати тақвият бахшидан ва баланд бардоштани сатҳи мусофиркашонӣ дар ноҳияҳои Дарвоз ва Рӯшон мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳои зикргардида тадбирҳои зарурӣ роҳандозӣ намоянд.

Нишондиҳандаи баланди боркашонӣ ва мусофиркашонӣ дар шаҳри Хоруғ ва ноҳияҳои Мурғоб, Роштқалъа, Ванҷ, Шуғнон ва Ишкошим ба назар мерасад, ки афзоиши суръати гардиши савдо таъмин шуда, ба рушди иқтисодӣ мусоидат намудааст.

Ҳамзамон, хизматрасонии нақлиёти ҳавоӣ қаноатбахш набуда, беҳбудиро талаб менамояд.

Мушкилот: Баланд гардидани нархи сӯзишвории дизелӣ дар соли ҷорӣ аз 6,5 сомонӣ то 9,5-10 сомонӣ боиси он мегардад, ки муассисаи назоратии давлатии роҳҳои автомобилгарди шаҳру ноҳияҳо ба мушкилиҳои молиявӣ дучор мегарданд, арзиши сӯзишвории дизелӣ дар арзиши аслии нигаҳдории роҳҳо 80 фоизро ташкил медиҳад, ки ин ба коҳиш ёфтани ҳаҷми корҳои таъмир ва нигаҳдории роҳҳо мегардад. Инчунин бо баландшавии нархи сузишворӣ нархи воситаҳои нақлиёти мусофиркашонӣ низ баланд шуда истода, ин ба норозигии аҳолӣ оварда мерасонад;

Нокифоя будани маблағҳо барои таъмир ва нигаҳдории роҳҳои вилоят, ки солона 3,9 млн. сомониро ташкил медиҳад. ки ба 1 км роҳи вилоят 1442 сомонӣ рост меояд, ки барои нигаҳдорӣ ва таъмири роҳҳои кӯҳсори (2778 км.) ВМКБ бисёр ҳам нокифоя мебошад.

-пешбинӣ нашудани маблағҳо барои таъмир ва нигаҳдории роҳҳои маҳаллӣ, ки дар солҳои 2018-2019 ба тавозуни муассисаи назоратии давлатии роҳҳои автомобилгарди ноҳияи Шуғнон (11,7 км.) Бартанг(14км.) Роштқалъа (1км.) қабул гардидаанд то ҳол аз тарафи мақомотҳои маҳаллӣ ва Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳали худро наёфтааст.

набудани техникаҳои махсус, аз қабили автомошинаҳои барфтозакунӣ ва қумпошакҳои махсус дар базаи автомобилии ноҳияҳои вилоят, дар вақти зимистон боиси сари вақт тоза нагардидан ва қум напошидани ҷойҳои хатарноки роҳҳо мегардад;

нокифоя будани маблағҳо барои таъмир ва нигоҳдории роҳҳои ноҳия, ки вобаста ба баланд шудани нархи сӯзишвории дизелӣ, равғанҳои молиданӣ ва қисмҳои эҳтиётӣ;

ба талаботи стандартӣ ҷавогӯй набудани роҳҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ.

Пешниҳод: Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъмин намудани зерсохторҳои худ бо воситаҳои нақлиёт, қисмҳои эҳтиётӣ, чораҷӯӣ намуда, барои барқароркунии пулҳо ва лавозимоти зарурӣ мусоидат намояд.

мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ ва шаҳру ноҳияҳои он дар ҳамкорӣ бо Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷалби соҳибкорон ҷиҳати таъмиру азнавсозии роҳҳои дохилии шаҳру ноҳияҳо, зиёд намудани ҳаҷми маблағгузории барои таъмири роҳҳо ва барои беҳтар намудани таъминоти муассисаҳои хоҷагиҳои роҳи вилоят ва дастрасии аҳолӣ ба хизматрасонии нақлиётӣ ва афзоиши ҳаҷми мусофиркашонӣ, боркашонӣ чораҳои заруриро роҳандозӣ намоянд.

мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва шаҳру ноҳияҳои он дар ҳамкорӣ бо Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷалби соҳибкорон ҷиҳати таъмиру азнавсозии роҳҳои дохилии шаҳру ноҳияҳо, зиёд намудани ҳаҷми маблағгузории барои таъмири роҳҳо ва барои беҳтар намудани таъминоти муассисаҳои хоҷагиҳои роҳи вилоят ва дастрасии аҳолӣ ба хизматрасонии нақлиётӣ ва афзоиши ҳаҷми мусофиркашонӣ, боркашонӣ чораҳои заруриро роҳандозӣ намоянд.

**10. Маълумот оид ба рушди соҳаи алоқа ва технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ;**
**10.1.Ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ ҳамзамон кам намудани гардиши ҳуҷҷатгузории қоғазии барои иҷро намудани барномаҳои муосири иттилоотӣ дар ин самт, 10.2.Шумора ва номгӯи хизматрасониҳои давлатие, ки дар шакли электронӣ пешкаш карда мешаванд, аз ҷумла истифодаи шакли электронии дафтари хоҷагидорӣ, арзёбӣ гардиданд.**

**10.1.Ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ ҳамзамон кам намудани гардиши ҳуҷҷатгузории қоғазии барои иҷро намудани барномаҳои муосири иттилоотӣ дар ин самт (қарори ҲҶТ аз 6 феврали соли 2021, №14, банди 1, сархати 2)**

Тибқи ҳисоботи пешниҳоднамудаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон барои пешбурди фаъолияти корӣ ва иҷрои барномаҳои муосири иттилоотӣ мувофиқи имкониятҳои ҷойдошта аз технологияҳои иттилоотӣ истифода бурда, гардиши ҳуҷҷатгузорӣ тариқи почтаи электоронӣ амалӣ гардида истодааст.

Боиси қайд аст, ки тамоми идораву муассисаҳои вилоятӣ дорои почтаи электронии хусусӣ буда, барои гардиш ва дастрасии саривақтии ҳуҷҷатҳо манфиати зиёд руи кор овардааст.

Утоққои кории кормандони дастгоҳи мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатии шаҳри Хоруғ бо компютер ва принтер муҷаҳҳаз буда, 10 утоқи корӣ дорои шабакаи интернетӣ мебошанд.

Дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Дарвоз, нозироти андоз, раёсати молия, бахши агентии омор, шабакаи барқ, филиалҳои бонкҳо ба шабакаи интернет пайваст буда, муовинони раиси ноҳия, роҳбари дастгоҳ, шуъбаю бахшҳои дастгоҳ ва мақомоти маҳаллӣ тавассути модем бо интернет кор мекунанд ва маълумотҳои зарурииро ба таври электронӣ ба мақомотҳои болоӣ ирсол ва ё қабул мекунанд.

Пайвастшавӣ дар ҷамоатҳои деҳоти ноҳия Рӯшон ба интернет қаноатбахш буда, аз ҷумла дар Назаршо Додхудоев, 80,9 %, Рушон 70,4%, Муъминшо Абдулвосиев 50,6 %, Пастхуф 39,6%, Басид 32,2%, Бартанг 19,4%, ва Савноб ҳамагӣ 18,2% муштариён аз он васеъ истифода мебаранд.

Ҷиҳати ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ ҳамзамон кам намудани гардиши ҳуҷҷатгузории қоғазӣ дар ноҳияи Ишкошим ҳанӯз мушкилот ҷой дорад, зеро алоқаи ягонаи интернетӣ дар сатҳи зарурӣ таъмин карда нашудааст. Хизматрасонии интернетӣ алҳол аз тарафи ширкатҳои мобилӣ, аз ҷумла “TceII” ва “Megafon” ба роҳ монда шуда, ки он ҳам пурра ба талабот ҷавобгӯ будан наметавонад, хизматрасонӣ умуман дар сатҳи хело паст қарор дорад. Аз ин лиҳоз, ҳанӯз гардиши ҳуҷҷатӣ ба тарзи қоғазӣ роҳандозӣ гардида истодааст.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар ҳисоботҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳои Ванҷ, Роштқалъа, Мурғоб ва Шуғнон вобаста ба банди мазкур маълумоти пурра пешниҳод накарданд.

### 10.2.Шумора ва номгӯи хизматрасониҳои давлатие, ки дар шакли электронӣ пешкаш карда мешаванд, аз ҷумла истифодаи шакли электронии дафтари хоҷагидорӣ (Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06.03.2019с. №АП-1176, банди 21-и Нақша- чорабинихои “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунархои мардумӣ”)

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Роштқалъа зиёда аз 10 намуди ҳисоботро дар шакли электронӣ пешкаш андозсупорандагон менамояд, инчунин, баъзе аз намудҳои андоз низ ба тариқи электронӣ пеш бурда мешаванд.

Кормандони нозироти андози ноҳияи Рӯшон тибқи “Барномаи компютеркунонии системаи иттилоотии андоз” ба шабакаи интернет пайваст мебошанд ва ин модули Барномаи мазкур имконият медиҳад, ки андозсупорандагон аксарияти амалҳои худро барои иҷрои ӯҳдадорӣ дар назди буҷети давлатӣ бе ҳозир шудан ба мақомоти андоз ба тариқи ”Онлайн “ анҷом диҳанд. Филилаи бонкҳо, идораи Кумитаи заминсозӣ ва бақайдгирии молу мулк дар ноҳия фаъолиятдошта суроғаи электронии худро дошта, ба интернет тавассути модем пайваст мебошанд ва аз он чӣ гуна ҷойгиркунии маълумот истифода мебаранд.

Айни ҳол хизматарсонии давлатӣ аз ҷумла, истифодаи шакли электронии дафтари хоҷагӣ дар ҷамоатҳои деҳоти ноҳияи Рӯшон ҷорӣ карда нашуда, оид ба

ин масъала мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия корҳои омодагиро бурда истодааст.

Дар шаҳри Хоруғ ҷамоатҳои шаҳраки И.Сомонӣ ва Ш.Шоҳтемур аз дафтари электронии хоҷагидори истифода бурда, барои халқ хизмат расонида истодаанд, аз ҷумла маълумот аз ҷои зист, маълумот оид ба замини назди ҳавлигӣ, маълумоти оморӣ ва ғайра истифода бурда истодаанд.

Маълумот доир ба банди мазкур аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳои Мурғоб, Дарвоз, Ванҷ ва Шуғнон дарҷ нагардидааст.

Мушкилот: маблағгузорӣ намудани филиали ҶСП "Тоҷиктелеком" ҷиҳати дар деҳаҳои вилоят ташкил ва пайваст намудани нуқтаҳои телефонӣ

-ҷиҳати тез-тез канда шудани кабели нахи нурӣ алоқаи телефонҳои байнишаҳрӣ бо ширкатҳои мобилӣ канда мешавад.

-суръати мавҷи интернет дар ноҳия ба талаботи муштариён ҷавобгӯ нест.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва шаҳру ноҳияҳои он дар якҷоягӣ бо Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати таъмини дастрасии аҳолии ноҳияҳои Ишкошим ва Рӯшон ба шабакаи интернет, ҷиҳати ҷорӣ намудани пешбурди шакли электронии дафтари хоҷагидорӣ дар ҷамоатҳои деҳоти шаҳру ноҳияҳо чораҷӯӣ намоянд.

## 11. Маълумот оид ба вусъати шуғли пурмаҳсул:

**11.1. Ҳолати бозори меҳнат ва муҳоҷирати меҳнатӣ, 11.2. Амалисозии низоми таълим ва таҳкими заминаи моддиву техникии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, таҷдиди назар кардани барномаву нақшаҳои таълимӣ, касбҳои коргарӣ ва ҳунарҳои мардумӣ, таъмини муассисаҳои зикршуда бо китобҳои дарсӣ, 11.3. Рафти таъсиси ҷойҳои корӣ, 11.4. Андешидани чораҳо ҷиҳати паст кардани шиддати муҳоҷирати меҳнатӣ, маҳаллӣ масъалаҳои диверсификатсияи муҳоҷирати меҳнатӣ, арзёбӣ гардиданд.**

### 11.1. Ҳолати бозори меҳнат ва муҳоҷирати меҳнатӣ

Давоми шаш моҳи соли 2021 ба раёсат, шуъбаю бахшҳои Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят 4341 шаҳрванд муроҷиат намуданд, ки аз ин 1679 нафарашон занон мебошанд. Аз ҳисоби муроҷиаткунандагон 2961 нафар ҳамчун корҷӯй дар сохторҳои мақомоти шуғли аҳолӣ ба қайд гирифта шуданд.

Дар давраи ҳисоботӣ бо мақсади бо кор таъмин намудани корҷӯён, бекорон ва муҳоҷирони меҳнатии ба Ватан баргашта 36 ярмаркаи ҷойҳои кории холӣ гузаронида шуда, дар ин ярмаркаҳо 140 адад корхонаю ташкилот иштирок карда, 296 адад ҷойҳои кории холиро пешниҳод намуданд. Тавассути ин ярмаркаҳо 158 нафар корҷӯён ва бекорон ба ҷойҳои кории доимӣ таъмин гашта, 790 нафар ба касбомӯзӣ ва 270 нафар ба корҳои ҷамъиятии музднок сафарбар шудаанд. Ҷамъи шаҳрвандони бекори ба воситаи ярмаркаи ҷойҳои кории холӣ ба шуғл ҷалбшуда 1218 нафарро ташкил медиҳад.

Дар давраи ҳисоботӣ шумораи бекорони расман ба қайдгирифта, нисбат ба аввали соли ҷорӣ дар ноҳияҳои Дарвоз +65 нафар (1491 нафар) ва Мурғоб +37 нафар (1991 нафар) зиёд гаштааст, ки андешидани чораҳоро барои паст намудани сатҳи бекорӣ тақозо менамояд.

Ин нишондиҳанда дар шаҳри Хоруғ -167 нафар (1903 нафар) дар ноҳияҳои Шуғнон -570 нафар (8003 нафар), Рӯшон -531 (6381 нафар), Рошткалъа -320 нафар (6864 нафар), Ванҷ -7 (4446 нафар) ва Ишкошим -3 нафар (5038 нафар) ҳамагӣ шумораи бекорон кам гардидаст, ки дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани фаъолияти мақомотҳои дахлдор дар таъмини бекорон бо ҷойҳои корӣ дарак медиҳад.

Вазъи қиёсии шумораи муҳоҷирони меҳнатии ба қайд гирифташуда нисбат ба аҳолии қобилияти меҳнатӣ дошта дар шаҳру ноҳияҳои вилоят ноҳияи Рошткалъа 2 баробар зиёд (ҳамагӣ 6864 нафар дар муҳоҷирати меҳнати қарор доранд), Шуғнон 2 баробар зиёд (8003 нафар), Рӯшон 111,4% (6381нафар), Хоруғ 96,1% (1903 нафар), Ишкошим 78,5% (5038 нафар), Ванҷ 60,3 % (4446 нафар), Мурғоб 49,9% (1991 нафар) ва Дарвоз 12,5% (1491 нафар)-ро ташкил медиҳад.

Вазъи қиёсии баланди шумораи муҳоҷирони меҳнатии нисбат ба аҳолии қобилияти меҳнатӣ дар шаҳру ноҳияҳои Рошткалъа, Шуғнон ва Рӯшон ба назар расида, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳоро зарур аст, ки дар таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва беҳтар намудани вазъи рушди иҷтимоию иқтисодӣ чораҳои иловагӣ андешанд.

## 11.2. Амалисозии низоми таълим ва таҳкими заминаи моддиву техникии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, таҷдиди назар кардани барномаву нақшаҳои таълимӣ, касбҳои коргарӣ ва ҳунарҳои мардумӣ, таъмини муассисаҳои зикршуда бо китобҳои дарсӣ (банди 50 паем);

Вобаста ба таҳкими заминаи моддиву техникии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии ноҳияи Рӯшон қайд кардан ба маврид аст, ки дар натиҷаи нагузаронидани таъмири асосӣ 40% биноҳо таъмирталаб буда, қисми зиёд дар ҳолати садамавӣ қарор доранд. Инчунин, ба шабакаи муосири гармидиҳӣ пайваст набудани синфхонаҳо, норасогии шумораи китобҳои фаннӣ, маҳдудияти таъминоти барқ хусусан дар муассисаҳои ибтидоии водии Бартанг ва Ҷамоати деҳоти Абдулвасиев яке аз мушкилотҳои асосӣ ба шумор меравад.

Дар корхонаи дузандагӣ ва бофандагӣ, ки дар ноҳияи Мурғоб фаъолят доранд, зиёда аз 15 нафар занону ҷавондухтарони хонанишин ба шуғли доимӣ таъмин гардиданд.

Дар ноҳияи Шуғнон дар ин давра 4 маротиба ярмаркаи ҷойҳои кории холӣ гузаронида шуда, 65 нафар ба касбомӯзӣ роҳхат гирифтанд. Барои рушди соҳибкории хурду миёна ба 23 нафар шахсони бекор ба маблағи 68400 сомонӣ қарзи имтиёзнок дода шудааст.

## 11.3. Рафти таъсиси ҷойҳои корӣ

Давоми шаш моҳи соли 2021 дар вилоят 3324 адад ҷоҳои нави корӣ таъсис дода шуда, нисбати нишондиҳандаҳои аввали соли 2021 1733 адад ё худ 67,5% кам мебошад.

Ин нишондиҳанда дар шаҳри Хоруғ 104% (377/361) ва ноҳияҳои Роштқалъа 4 маротиба зиёд (50/11), Мурғоб 2 маротиба зиёд (18/7), Шуғнон 150,2 % (350/233), Ванҷ 142,2% (64/45), Рӯшон 104% (512/492) Ишкошим 79% (771/975) ва Дарвоз 39,4% (220/557) ташкил намудааст.

Дар ноҳияи Рӯшон таъсиси ҷойҳои корӣ нисбати шумораи бекорони расман бақайдгирифташда ба 52,1% (ҷойҳои кории таъсисдода шуда 512 адад, шумораи бекорони расман ба қайдгирифташуда 267 нафар) баробар буда, дар ноҳияҳои Мурғоб 0% (18/0), Ванҷ 156,2% (64/100), Шуғнон 136,2% (350/477), Ишкошим 42,6% (771/329), Роштқалъа 6 маротиба кам (50/3051) ва Дарвоз 2 маротиба кам (220/560) ташкил намуда, барои бекорони расман ба қайд гирифташуда шумораи ҷойҳои кории нав нокифоя буда, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои болозикр дар якҷоягӣ бо вазоратҳои саноат ва технологияи нав, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъсис додани ҷойхои нави корӣ фаъолиятро пурзур намоянд.

Дар ин давра шуъба ва бахшҳои Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар шаҳри Хоруғ ва ноҳияҳои вилоят 36 маротиба ярмаркаҳои ҷойҳои корӣ бо иштироки 140 адад корхонаю муассисаҳо бо пешниҳоди 296 адад ҷойи кории холӣ гузаронида, дар онҳо 2321 нафар иштирок намуданд.

## 11.4. Андешидани чораҳо ҷиҳати паст кардани шиддати муҳоҷирати меҳнатӣ, ҳалли масъалаҳои диверсификатсияи муҳоҷирати меҳнатӣ

Бо мақсади паст намудани шиддати бекорӣ ва муҳоҷирати меҳнатӣ дар бозори меҳнат ба шаҳрвандони бекоре, ки хоҳиши фаъолияти соҳибкорӣ доранд, аз тарафи шуъба ва бахшҳои Агентӣ дар шаҳри Хоруғ ва ноҳияҳои вилоят барои рушди соҳибкорӣ ба 256 нафар ба маблағи 737804 сомонӣ қарзи имтиёзнок дода шуд. Аз ҷумла дар шаҳри Хоруғ ба 44 нафар маблағи 152000 сомонӣ, ноҳияи Ванҷ ба 20 нафар маблағи 77 000 сомонӣ, ноҳияи Рӯшон ба 57 нафар маблағи 145600 сомонӣ, ноҳияи Шуғнон ба 42 нафар маблағи 126900 сомонӣ, ноҳияи Роштқалъа ба 45 нафар маблағи 93200 сомонӣ, ноҳияи Ишкошим ба 48 нафар маблағи 143104 сомонӣ дода шудааст.

Инчунин, давоми шаш моҳи соли 2021 дар шаҳри Хоруғ 30 нафар ва ноҳияҳои Рӯшон 50 нафар, Роштқалъа 50 нафар, Шуғнон 40 нафар, Дарвоз 35 нафар, Ванҷ 30 нафар, Ишкошим 20 нафар ва Мурғоб 10 нафар дар маҷмӯъ 265 нафар ба корҳои муздноки ҷамъиятӣ ҷалб гардиданд.

Бахшу шуъбаҳои Хадамоти муҳоҷират дар шаҳри Хоруғ ва ноҳияҳои вилоят дар ҳамкорӣ бо ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот ҷиҳати дақиқ намудани шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ пурсиши ҳавлигӣ гузаронида дар натиҷа муайян карда шуд, ки ба ҳолати 1 июли соли ҷорӣ 35373 нафар (12547 зан) муҳоҷирон дар хориҷӣ кишвар кору фаъолият намуда истодаанд.

Ҳамзамон, 1684 нафар (369 зан) ҳамчун муҳоҷири меҳнатӣ ба хориҷи кишвар сафар намуда, 815 нафар (351 зан) ба ҳудуди вилоят баргаштанд.

Тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 ноябри соли 2020, №648 “Дар бораи Нақшаи миёнамӯҳлати муташаккилона кӯчонидани муҳоҷирони экологӣ барои солҳои 2021-2023” дар қаламрави вилоят 8 хоҷагӣ (ҳамин давраи соли гузашта 41 хоҷагӣ) ҳамчун муҳоҷирони экологӣ ба қайд гирифта шудаанд.

Инчунин, шумораи муҳоҷирони хориҷие, ки дар қаламрави вилоят фаъолият менамоянд 48 нафарро (соли 2020 -46 нафар) ташкил медиҳанд, аз ин шумора, 28 нафар Ҷумҳурии халқии Чин, 9 нафар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, 4 нафар Ҷумҳурии Қирғизистон, 5 нафар Озарбойҷон, 2 нафар шаҳрвандони Ҳиндустон мебошанд.

Маълумоти пешниҳодгардидаи ноҳияи Дарвоз доир ба банди мазкур (дар шакли матн) нопурра мебошад.

Мушкилот: Таъмирталаб будани бинои маъмурии шуъбаи Хадамоти муҳоҷират дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва надоштани воситаи нақлиёти хизматӣ;

-аз ҷониби бархе аз корфармоён, идораю муассисаҳо, ташкилот, новобаста аз шакли моликият иҷро накардани талаботҳои қарори раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон аз 27 апрели соли 2009, №129 оид ба иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 апрели соли 2009 № 205 «Дар бораи Қоидаҳои аз ҷониби корфармоён пешниҳод намудани маълумот дар бораи мавҷуд будани ҷойҳои кории ишғолнагардида ба мақомоти шуғли аҳолӣ» ба ҳисоб меравад.

Пешниҳод: Ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва шаҳру ноҳияҳои он зарур аст, ки дар ҳамкорӣ бо Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои баланд бардоштани дараҷаи бо ҷойи кор таъмин намудани шаҳрвандони корҷӯй ва бекор, таъмини самаранокии гузаронидани ярмаркаҳои ҷойи кории холӣ, васеъ намудани фарогирии шаҳрвандон ба омӯзиши касбу ҳунарҳо ва вусъат додани ҳунарҳои мардумӣ тадбирҳои мушаххас андешанд.

**12. Маълумот оид ба рушди сармояи инсонӣ (маориф):**

**12.1. Бунёди мактабҳои нав, сохтмони синфхонаҳои иловагӣ, рафти таъсиси муассисаҳои томактабӣ ва барқарорсозии муассисаҳои таълимии садамавӣ ва инфрасохтори муассисаҳои таълимӣ хусусан дар деҳоти дурдаст, 12.2. Васеъ намудани фоизи фарогирии кӯдакон дар муассисаҳои томактабӣ, ба роҳ мондани таҳсилоти ғайрианъанавӣ ва алтернативӣ омода намудани кӯдакон, 12.3. Амалӣ намудани чораҳои мушаххас ҷиҳати соҳибкасбу соҳибҳунар гардидани ҳар як ятими кулл, соҳиби ҷойи кор ва зиндагии мустақилона шудани онҳо, 12.4. Андешидани чораҳо барои бунёди як муассисаҳои томактабӣ дар як деҳа ва маҳалҳои аҳолинишине, ки аз 100 хоҷагӣ зиёд доранд (бо иловаи маълумоти шумораи маҳалҳои аҳолинишин, ки зиёда аз 100 хоҷагӣ доранд ва мавҷудияти муассисаҳои томактабӣ дар онҳо), 12.5. Ба муассисаҳои таҳсилоти олӣ бидуни имтиҳон қабул намудани ғолибони озмунҳои “Тоҷикистон – ватани азизи ман”, “Фуруғи субҳи доноӣ”, “Илм – фурӯғи маърифат” аз рӯи интихоби худашон ва аз ҷиҳати моддиву маънавӣ ҳавасманд гардонидани омӯзгорон ва падару модарони**

**онҳо, 12.6. Корҳои анҷомдода барои баланд бардоштани сифати таълим дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот (кабинетҳои фаннӣ) ва бартараф намудани норасоии кадрҳои омӯзгорӣ, ҳавасмандгардонии омӯзгорони ҷавон, арзёбӣ гардиданд.**

### 12.1. Бунёди мактабҳои нав, сохтмони синфхонаҳои иловагӣ, рафти таъсиси муассисаҳои томактабӣ ва барқарорсозии муассисаҳои таълимии садамавӣ ва инфрасохтори муассисаҳои таълимӣ хусусан дар деҳоти дурдаст

Дар соли 2021 барои рушди соҳаи маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 159 млн. сомонӣ пешбинӣ гардид, ки нисбати соли 2020, 19 млн сомонӣ ё 14% зиёдтар мебошад. Маблағи зикригардида барои таҳкими заминаи моддӣ – техникӣ ва таълимии муассисаҳои таълимии вилоят равона карда шуда, дар самти сохтмону таъмири муассисаҳои соҳа корҳои назаррас ба иҷро расонида шуданд.

Дар шашмоҳаи аввали соли 2021 аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон сохтмони муассисаи таҳсилоти умумии рақами 25 –и ноҳияи Рӯшон, толори варзишӣ дар назди муассисаи таълимии №28-и ноҳияи Шуғнон бо арзиши сметавӣ 2,3 млн сомонӣ ва сохтмони кӯдакистон бо арзиши харҷномавии 8,5 млн сомонӣ барои 200 нафар кӯдак дар ноҳияи Ванҷ аз ҷониби Дирексияи сохтмони иншооти ҳукуматии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин ба ифтихори ҷашни бошукӯҳи 30-солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон сохтмони бинои муассисаи таҳсилоти умумии рақами 29 дар ҷамоати деҳоти Сағирдашти ноҳияи Дарвоз бо маблағи 1730,0 млн сомонӣ идома доранд.

Ҳамзамон, дар ноҳияи Ишкошим Маркази инкишофи кӯдак бо арзиши харҷномавии 3,2 млн сомонӣ барои 90 нафар кӯдаки аз 3 то 6 сола бо таҷҳизоти замони муосир бо маблағгузории шарикони рушд ба анҷом расида, мавриди истифодабарӣ қарор дода шудааст.

Дар 297 марказҳои инкишофи барвақтии кӯдакони синни томактабии шаҳру ноҳияҳои вилоят 6191 нафар кӯдак таълиму тарбия гирифта истодаанд ва ба таълиму тарбияи онҳо 497-нафар омӯзгор – мураббӣ машғуланд, ки 90% онҳо аз курси такмили ихтисос гузаштанд.

Ҳамзамон, дар вилоят 68 адад, ноҳияҳои Ванҷ 15 адад, Рошткалъа 12 адад, Ишкошим 9 адад, Шуғнон 7 адад, Дарвоз 5 адад ва Рӯшон 2 адад мактабҳо дар ҳолати садамавӣ қарордошта, ҳамчун омили боздорандаи рушди соҳа ба ҳисоб мераванд.

### 12.2. Васеъ намудани фоизи фарогирии кӯдакон дар муассисаҳои томактабӣ, ба роҳ мондани таҳсилоти ғайрианъанавӣ ва алтернативӣ омода намудани кӯдакон

Дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳои вилоят талаботи мардум барои ба таълиму тарбия фаро гирифтани фарзандонашон дар муассисаҳои томактабӣ ва Маркази инкишофи барвақтии кӯдакон зиёд шуда истодааст. Дар вилоят кӯдакони то синни 5-сола 25123 нафарро ташкил дода, аз ин теъдод 2144 нафар кӯдак ба кӯдакистон ва 6491-нафар кӯдак ба марказҳои рушди барвақтии кӯдакон фаро

гирифта шуда, 16488 нафар кӯдакони синни томактабӣ ба кӯдакистон ниёз доранд.

Дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон фарогирии кӯдакони синни 1-6-сола 33,4 фоиз ва кӯдакони 3-6-сола 41,9% -ро ташкил медиҳад.

Дар шаш моҳи соли 2021 дар шаҳри Хоруғ шумораи умумии кӯдакон 1858 нафар (нисбати соли гузашта +8 нафар) буда, ин нишондиҳанда дар ноҳияҳои Ванҷ 804 нафар (+27 нафар), Мурғоб 275 нафарро (+98 нафар) ташкил додааст, ки дар Роштқалъа 60 нафар (+25 нафар), Рӯшон 315 нафар (-+0 нафар) ва Дарвоз 92 нафар (+50 нафар) бетағйир боқӣ мондааст, ки аз самаранокии фаъолияти соҳаи мазкур шаҳодат медиҳад.

Ин нишондиҳанда дар ноҳияҳои, Шуғнон 1260 нафар (-78 нафар), Ишкошим 308 нафар (-4 нафар) баробар буда, дар ҳисоботҳои пешниҳоднамудаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо вилоят шумораи умумии кӯдакон дарҷ нагардидааст, аз ин сабаб баровардани фоизи фарогирии кӯдакон дар муассисаи таҳсилоти томактабӣ бароямон мушкил гашт.

## 12.3.Амалӣ намудани чораҳои мушаххас ҷиҳати соҳибкасбу соҳибҳунар гардидани ҳар як ятими кулл, соҳиби ҷойи кор ва зиндагии мустақилона шудани онҳо дар (банди 49 наём)

Имрӯз дар муассисаҳои таълимии вилоят шумораи ятимони кулл 61 нафар (32 нафар духтар), ятими яктарафа 1774 (813 нафар духтар) ва маъюбон 589 нафар (249 нафар духтар) – ро ташкил дода, ягон нафари онҳо аз таҳсил берун намондааст. Соли гузашта 12 нафар ятими кулл ба мактабҳои олӣ дохил шуданд. Соли 2020, 4 нафар ятими кулл баъди хатми мактаби олӣ бо ихтисосҳои омӯзгорӣ бо ҷойи корӣ таъмин гардиданд.

Ҳамзамон, ятимони кулл пайваста таҳти дастгирии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Ишкошим қарор дошта, дар баробари дигар ҳамсолони худ дар муассисаҳои таълимӣ таҳсил доранд. Инчунин, тибқи қарори раиси ноҳия ятимони кулл ба идораву муассисаҳо вобаст гардида, барояшон дар филиали БДА "Амонатбонк -72" суратҳисоби махсус кушода шуда, ҳармоҳа ба ин суратҳисобҳо аз ҷониби маъсулин маблағ гузаронида мешавад.

Инчунин, аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Хоруғ ва шахсони саховатпеша ба 383 нафар ятимону бепарастор, маъюбу камбизоат дар шаш моҳи соли 2021 ба маблағи умумии 154 ҳазору 125 сомонӣ кӯмакҳои молиявӣ ва моддӣ расонида шудааст. Оилаҳои маъюбон, ятимон ва бепарасторон бо қарори раиси шаҳр ба идораву муассисаҳо вобаст карда шуда, аз ҷониби идораю муассисаҳои шаҳр, соҳибкорон ва шахсони алоҳида ба табақаҳои ниёзманд дар давоми сол, аз ҷумла, дар ҷашну маросимҳои давлатӣ ва миллӣ кӯмак расонида мешавад.

Дар муассисаҳои таълимиии шаҳри Хоруғ 15 ятими кулл таҳсил намуда истодаанд.

Дар ноҳияҳои Дарвоз 2 нафар ва Рӯшон 8 нафар ятимони кулл мавҷуд буда, айни замон дар муассисаҳои таълимии ноҳия таҳсил намуда истоданд.

Доир ба банди мазкур аз ҷониби ноҳияҳои Ванҷу Шуғнон маълумот пешниҳод нагардидааст.

**12.4. Андешидани чораҳо барои бунёди як муассисаҳои томактабӣ дар як деҳа ва маҳалҳои аҳолинишине, ки аз 100 хоҷагӣ зиёд доранд (банди 85 паём), (бо иловаи маълумоти шумораи маҳалҳои аҳолинишин, ки зиёда аз 100 хоҷагӣ доранд ва мавҷудияти муассисаҳои томактабӣ дар онҳо);**

Дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон деҳаҳо ва маҳалаҳои аҳолинишине, ки аз 100 хоҷагӣ зиёд доранд, кам нестанд. Масъалаи таъсиси кӯдакистонҳоро дар маҳалҳои аҳолинишин Раёсати маорифи вилоят ҳануз 12 сол пеш бардошта будааст, аммо аз сабаби набудани шароити молиявӣ, ин иқдом роҳандозӣ нагардидааст. Дар ин замина таъсиси Марказҳои рушди барвақтии кӯдак ба миён омада, хушбахтона, таъсиси Марказҳои рушди барвақтии кӯдакон дар маҳалҳои аҳолинишин бо ташаббуси шарикони рушд чанд сол пеш оғоз гардида, ҳоло дар ҳамаи маҳалҳои аҳолинишини вилоят ин марказҳо фаъолият доранд. Ба ин тартиб, дар вилоят ба ҷуз 26 кӯдакистон бо фарогирии 2144 нафар тарбиягиранда ва 297 Маркази рушди барвақтии кӯдак бо фарогирии 6491 – кӯдак фаъолият карда истодаанд. Сол ба сол миқдори ин Марказҳо дар деҳаҳо зиёд шуда истода, то соли 2030 сохтмони 33 адад марказҳои рушди барвақтии кӯдакон дар назар дошта шудааст.

Мувофиқи маълумотҳои оморӣ дар ҳудуди ноҳияи Рӯшон аз 43 адад деҳаи мавҷудбуда дар 17 ададӣ онҳо зиёда аз 100 хоҷагиҳо ба қайд гирифта шудаанд. То соли 2030 бунёди муассисаҳои то мактабӣ дар ҷамоатҳои деҳоти Н. Додхудоев 4 адад, М.Абдулвосиев, Рӯшон, Пастхуф, Бартанг ва Басид 2 адад ба нақша гирифта шудааст.

Дар ноҳияи Рошткалъа маҳалҳои аҳолинишине, ки аз 100 хоҷагӣ зиёд доранд ба қайд гирифта нашудаанд. Вале деҳаҳое бо теъдоди ками хоҷагиҳо вуҷуд доранд, ки муассисаҳои томактабӣ надошта, аз мактабҳои деҳоти ҳамсоя дар масофаи дур ҷойгиранд, аз ҷумла деҳаи Римвоҷи Ҷамоати деҳоти Рошткалъа ва деҳаи Хушкриҷеви Ҷамоати деҳоти Сежд ба ҳисоб меравад.

Дар ҳудуди ноҳияи Ишкошим 45 адад деҳаҳои аҳолинишин мавҷуд буда, дар 16 ададӣ ин деҳаҳо зиёда аз 100 хонавода ба қайд гирифта шудааст. Дар деҳаҳои мазкур дар назди муассисаҳои таҳсилотӣ умумӣ марказҳои рушди барвақтии кӯдак таъсис дода шуда, инчунин дар 4 деҳа марказҳои томактабӣ фаъолият менамоянд.

Дар ноҳияи Дарвоз ба ҳолати шашмоҳаи соли 2021 1 адад муассисаи томактабӣ бо фарогирии 92 нафар тифлакон ва дар назди 30 адад муассисаҳои таълимӣ синфхонаҳои алоҳидаи томактабӣ бо фарогирии 560 нафар кӯдакону наврасон кору фаъолият мекунад.

Инчунин, аз тарафи Фонди Хазинаи Оғохон дар деҳаи Ёгеди Ҷамоати деҳоти Нулванд ноҳияи Дарвоз сохтмони бинои ду ошёнаи муассисаи томактабӣ барои дар ду баст фаро гирифтани 100 нафар тифлакон ба маблағи 850,0 ҳазор сомонӣ оғоз гардида, то арафи ҷашни 30- солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба истифода дода мешавад.

Ба ҳолати имрӯза дар ҳудуди ноҳияи Ишкошим 45 адад деҳаҳои аҳолинишин мавҷуд буда, аз ин шумора 16 адад ин деҳаҳо зиёда аз 100 хонавода доранд. Дар деҳаҳои мазкур дар назди муассисаҳои таҳсилотӣ марказҳои рушди

барвақтии кӯдак таъсис дода шуда, инчунин дар 4 деҳа боғча фаъолият доранд, ки кӯдакон дар ин марказҳои томактабӣ фаро гирифта шудаанд.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Хоруғ ва ноҳияҳои Шуғнон, Ванҷ ва Мурғоб доир ба банди мазкур маълумоти дақиқ пешниҳод накардаанд.

### 12.5.Ба муассисахои таҳсилоти олӣ бидуни имтиҳон қабул намудани ғолибони озмунҳои "Тоҷикистон - ватани азизи ман", "Фуруғи субҳи доноӣ", "Илм - фурӯғи маърифат" аз рӯи интихоби худашон ва аз ҷиҳати моддиву маънавӣ ҳавасманд гардонидани омӯзгорон ва падару модарони онҳо (банди 38 паём).

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар баргузории озмуни имсолаи "Тоҷикистон – Ватани азизи ман" низ тайёрии ҳаматарафа дида истодааст. Озмун дар сатҳи ҷамоатҳо моҳи май баргузор гардида, ғолибони ин давр ба даври ноҳиявӣ роҳхат гирифтанд. Дар шаҳру ноҳияҳои вилоят озмуни "Тоҷикистон – Ватани азизи ман" аз 1 июн то 22 июни соли 2021 баргузор гардида, 200 нафар иштирокчиёни озмуни мазкур роҳхат ба даври вилоятӣ гирифтанд. Ғолибони озмун аз тарафи роҳбарияти шаҳру ноҳияҳо бо ифтихорномаҳо, диплом ва мукофотпулӣ қадрдонӣ карда шуданд.

Робита ба ин семинар –машварат баргузор гардид, ки тарзи дуруст ба роҳ гузоштани ҳуҷҷатгузории довталабон, риояи ҳатмии қоидаҳои пӯшидани сару либос дар озмун, саволу ҷавоби аъзои ҳакамон бо довталабони озмун мебошад.

Тибқи нақшаи тасдиқгардидаи раиси вилоят аз 1 июни соли ҷорӣ дар тамоми шаҳру ноҳияҳо тибқи ҷадвал озмуни мазкур баргузор гардида, 240 нафар ба даври вилоятӣ роҳхат гирифтанд.

Озмуни ҷумҳуриявии "Илм – фурӯғи маърифат" дар асоси Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 феврали соли 2021, №АП-44 бо мақсади амалисозии "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф" аз соли 2021 сар карда ҳамасола дар ҷумҳурӣ гузаронида мешавад.

Дар даври дуюми озмуни "Илм – фурӯғи маърифат" дар шаҳру ноҳияҳо тибқи маълумоти раисони шаҳру ноҳияҳо 1179 нафар довталаб аз рӯи 7 номинатсия иштирок намуда, 283 нафар, ки аз инҳо 31 нафар омӯзгор роҳхат ба даври вилоятӣ гирифтанд.

Даври шаҳрии озмунҳои ҷумҳуриявии "Тоҷикистон – Ватани азизи ман", "Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст" ва "Илм – фурӯғи маърифат" баргузор гардиданд, ки аз рӯи ҳар як озмун 30 нафар ғолиб ба даври вилоятӣ роҳхат гирифтанд. Даври вилоятӣ ва ниҳоии озмунҳо дар нимсолаи дуюм баргузор мегардад, ки ғолибони даври шаҳрӣ айни ҳол ба он омодагӣ дида истодаанд.

Инчунин дар моҳи май озмуни ҷумҳуриявии "Фуруғи субҳ доноӣ китоб аст" дар шаш ҷамоатҳои ноҳияи Роштқалъа гузаронида шудаста , ки дар он зиёда аз 320- нафар хонандагон иштирок намуда, 77-нафар хонандагон аз руи 5-номинатсияҳо ба даври ноҳиявӣ роххат гирифтанд ва дар таърихи аз 17 то 19.06.2021 озмуни ноҳиявии "Фуруғи субҳ доноӣ китоб аст" баргузор мегардад.

## 12.6. Корҳои анҷомдода барои баланд бардоштани сифати таълим дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот (кабинетҳои фаннӣ) ва бартараф намудани норасоии кадрҳои омӯзгорӣ, ҳавасмандгардонии омӯзгорони ҷавон

Дар шашмоҳаи аввали соли ҷорӣ 2 маротиба ҷаласаи мушовараи васеи раёсати маориф дар шаҳри Хоруғ баргузор гардид, ки дар он 9 масъалаи марбут ба вазъи таълиму тарбия бо иштироки кормандони шуъбаҳои маориф, директорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва омӯзгорони эҷодкору нававари шаҳру ноҳияҳо мавриди муҳокима қарор дода шудааст. Инчунин 3 масъала дар машварати васеъ ва назоратии назди Раиси вилоят, 3 масъала дар ҷаласаи маҳдуди муовини раиси вилоят, 43 масъала дар машварати назоратии сардори раёсати маорифи вилоят баррасӣ гардиданд.

Дар нимсолаи якуми соли равон ба раёсати маорифи вилоят 20 аризаи шаҳрвандон ворид гардид, ки ба 17 адади онҳо сари вақт ҷавоб гардонида шуда, талаби 10 шаҳрванд қонеъ гардонида шуда, 4 нафар барои кор номнавис гардиданд.

Дар шашмоҳаи аввали соли 2021 аз тарафи Агентии хадамоти давлатии назоратии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилоят 38 адад муассисаи таълимиро аз аттестатсия ва 17-муассисаи таълимиро аз аккредитатсияи давлатӣ гузаронида, барои фаъолияти минбаъдаи онҳо иҷозатнома ва шаҳодатномаи аккредитатсияи давлатӣ дода шуд. Дар ин давра сатҳи сифати дониши 10953 адад хонанда мавриди санҷиш қарор дода шуд. Аз натиҷаи санҷиш маълум гардид, ки сатҳи сифати дониши хонандагони вилоят 50,1% ва азхудкунӣ 92%-ро ташкил медиҳад.

Муассисаҳои таҳсилоти умумии ноҳияҳои Ишкошим, Рӯшон, Шуғнон ва шаҳри Хоруғ бо кадрҳои омӯзгорӣ пурра таъмин мебошанд. Норасоии кадрҳои омӯзгорӣ бештар дар ноҳияи Дарвоз 19 нафар (махсусан аз фанни забони англисӣ) ноҳияи Роштқалъа 10 нафар (математика, химия, забони англисӣ ва русӣ), ноҳияи Мурғоб 5 нафар (математика, информатика, забони русӣ) ва ноҳияи Ванҷ 4 нафар (математика, забони англисӣ) – ро ташкил медиҳад. Сабаби асосӣ ин кам будани сарбории фан, дурии роҳ ва албатта мавҷуд набудани шароити зист мебошад.

Мушкилот:

Яке аз масъалаҳои ҳалталаб вобаста ба маблағгузории сарикасӣ аст, зеро мактабҳо ҳарчанд мустақилияти молиявӣ дошта бошанд ҳам, эҳтиёҷоти худро қонеъ карда наметавонанд, чунки аз сабаби кам будани шумораи хонандагон, муассисаҳои таълимӣ маблағи кофӣ надоранд. Бахусус, муассисаҳои таҳсилоти умумии асосӣ ва ибтидоӣ дар масъалаи маблағ вазъи мураккаб доранд, чунки онҳо филиали мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ буда, ҷиҳати камчинии маблағ мушкили худро ҳал карда наметавонанд;

-мутобиқи қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар мактабҳои дубаста ба як бухорӣ 18 кг ангишт ва ба мактабҳои якбаста ба як бухорӣ 12 кг, ба як бухорӣ дар интернатҳои наздимактабӣ 25 кг муқаррар гардидааст, лекин таҳлилу мушоҳидаҳо нишон доданд, ки соли сипаришуда ба як бухорӣ дар ҳамаи мактабҳо 12 кг ҷудо намуданд, ки ин эҳтиёҷоти муассисаҳои маорифро бароварда карда натавонист.

Пешниҳод: Талаботи сокинон нисбати сохтмони муассисаи таълимии шакли нав дар ноҳияҳои Шуғнон, Роштқалъа, Рӯшон ва шаҳри Хоруғ бо назардошти талаботҳои замони муосир, бо ташкили хобгоҳ барои кӯдакон аз деҳоти дурдаст зиёд шуда истодааст;

-таҳким бахшидан ба такмили таълими забони русӣ ва англисӣ дар муассисаҳои таълимии вилоят бо назардошти мустаҳкам намудани базаи моддӣ- техникӣ;

-мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва шаҳру ноҳияҳои он, дар ҳамкорӣ бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои таъмиру таҷдиди муассисаҳои таҳсилоти садамавӣ, бартараф намудани норасоии омӯзгорон ва китобҳои дарсӣ, васеъ намудани фарогирии кудакон ба муассисаҳои томактабӣ ва иштироки омӯзгорон дар семинару конфронсҳои илмӣ – назариявии ҷумҳуриявӣ, баланд бардоштани дараҷаи таъминоти хонандагон бо либосҳои мактабии ватанӣ чораҷӯӣ намоянд.

## 13. Маълумот оид ба рушди сармояи инсони (тандурусти ва ҳифзи иҷтимоӣ)

**13.1.Бунёди беморхонаву марказхои саломатӣ ва дигар иншооти тандурустӣ, таъмини таҷҳизоти озмоишӣ ва ташкили муҷаҳҳазгардонӣ дар шаҳру ноҳияҳо, шаҳрак ва деҳот ва ҳалли масъалаҳои норасоии кадрҳои тиббӣ дар маҳалҳо ва деҳоти дурдаст, 13.2. Андешидани тадбирҳои иловагӣ ҷиҳати пешгирии бемориҳо, махсусан, бемории коронавирус ва дигар бемориҳои сироятии ВНМО/ВНМБ ва сил, арзёбӣ гардидан.**

**13.1.Бунёди беморхонаву марказхои саломатӣ ва дигар иншооти тандурусти, таъмини таҷҳизоти озмоишӣ ва ташкили муҷаҳҳазгардонӣ дар шаҳру ноҳияҳо, шаҳрак ва деҳот ва ҳалли масъалаҳои норасоии кадрҳои тиббӣ дар маҳалҳо ва деҳоти дурдаст (баиди 68 наём), (Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06.03.2019 с. №АП-1176 Нақша - чорабиниҳои бахшида ба солҳои 2019-2021 “Соли рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” банди 26)**

Дар вилоят 34 адад шифохонаҳо, 58 адад марказҳои саломатӣ ва 171 адад бунгоҳҳои тиббӣ фаъолият намуда, дар онҳо ба аҳолии шаҳру ноҳияҳо хизматрасонии тиббӣ ба роҳ монда шудааст.

Аз шумораи умумии табибони ҳамаи ихтисосҳо дар вилоят дараҷаи табибони дорои тахассуси олӣ дар вилоят 42,7%, дар шаҳру ноҳияҳои Рӯшон 54,5%, Хоруғ 52,2%, Ишкошим 46,8%, Ванҷ 15,5%, Дарвоз 31%, Шуғнон 100% ташкил дода, дар ноҳияҳои Роштқалъа 27,7%, ва Мурғоб 13,6% мебошад, ки аз ин ҳисоб хизматрасонии сифатноки тиббӣ ба аҳолӣ расонида намешавад.

Дар як вақт норасоии табибон дар вилоят 211 нафар, ноҳияҳои Дарвоз 16 нафар, Ванҷ 14 нафар, Шуғнон 12 нафар, Рӯшон 11 нафар, Ишкошим нафар 10,

Роштқалъа 6 нафар ва Мурғоб 3 нафар ба назар мерасад, ки барои бартараф намудани он андешидани чораҳои заруриро ба миён омадааст.

Фарқияти нишондиҳандаи мазкур нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар вилоят -36 нафар ва ноҳияи Роштқалъа -5 нафар кам гардидааст.

Ин нишондод дар ноҳияҳои Ишкошим +3 нафар, Ванҷ +2 нафар, Мурғоб ва Дарвоз +1 нафар зиёд гардида, дар шаҳри Хоруғу ноҳияҳои Рӯшон ва Шуғнон фарқият нисбат ба ҳамин давраи соли сипаригардида, бетағйир боқӣ мондааст.

Дар соли 2021, маблағи 91914,4 ҳазор сомонӣ барои соҳаи тандурустии вилоят пешбинӣ гардидааст, ки маблағгузорӣ нисбат ба ҳамин давраи соли 2020, 14,3% зиёдтар аст. Сохтмони Беморхонаи замонавӣ дар шаҳраки Ваҳдати ноҳияи Шуғнон бо маблағгузории Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 22778,0 ҳазор сомонӣ идома ёфта, ба ҳолати ҳозира корҳои сохтмонӣ ба андозаи 2941,0 ҳазор сомонӣ ба анҷом расонида шудаанд.

Бо дастгирии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷҳизотҳои замонавии ташхисии тиббӣ ба маблағи 19,2 млн. сомонӣ дастрас гардонида шуданд, ба монанди дастгоҳи замонавии компютери магнитию - резонансӣ ба маблағи 10,1 млн. сомонӣ барои маркази ташхисии беморхонаи вилоятӣ ва 8 адад дастгоҳҳои рентгени рақамӣ барои ноҳияҳои Дарвоз, Ванҷ, Рӯшон, Роштқалъа, Шуғнон, Ишкошим, Маркази саломатии шаҳри Хоруғ ва маркази бемориҳои дил ва рагҳои хунгарди вилоят ба маблағи 9,06 млн. сомонӣ дастрас гардонида шуданд.

Инчунин, баҳри беҳтар гардонидани заминаҳои моддию техникии муассисаҳои КАТС-и вилоят бо дастгирии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо маблағгузории Барномаи Созмони Рушди Миллали Муттаҳид “ПРООН” дар вилоят сохтмони бунгоҳҳои тиббӣ дар ноҳияҳои Дарвоз (ба маблағи 706,200 сомонӣ дар деҳаи Умрак), Ванҷ (ба маблағи 729,200 сомонӣ дар деҳаи Бунай), Рӯшон (ба маблағи 702,700 сомонӣ дар деҳаи Дерзуд), Шуғнон (ба маблағи 748,800 сомонӣ дар деҳоти Чошкандез) ва сохтмони анбор барои нигаҳдории ваксина барои филиали Маркази ҷумҳуриявии иммунопрофилактика дар вилоят ба маблағи 805100 сомонӣ идома ёфта истодааст. Инчунин, сохтмони бунгоҳҳои тиббии деҳаи Миденвед дар ноҳияи Роштқалъа, деҳаи Гармчашмаи ноҳияи Ишкошим ва деҳаи Чечекдеҳ дар ноҳияи Мурғоб дар арафаи лоиҳакашии сохтмонӣ мебошанд.

### 13.2. Андешидани тадбирҳои иловагӣ ҷиҳати пешгирии бемориҳо, махсусан, бемории коронавирус ва дигар бемориҳои сироятии ВНМО/ВНМБ ва сил (паём банди 46)

Мувофиқи маълумотҳои пешниҳоднамудаи вилоят дар соли ҷорӣ, гирифторони бемории сил 414 нафарро ташкил дода, номутобиқати бо маълумотҳои шаҳру ноҳия (242) мушоҳида мегардад.

Дар давраи ҳисоботӣ шумораи беморони касалии сил дар шаҳри Хоруғ 97 нафар ва ноҳияҳои Рӯшон 22 нафар, Ишкошим 20 нафар, Шуғнон 14 нафар, Роштқалъа 8 нафар, Мурғоб 5 нафар, Дарвоз 4 нафар, Ванҷ 2 нафарро ташкил додааст.

Зиёдшавии ин нишондиҳанда нисбати аввали соли ҳисоботӣ дар ноҳияҳои Ишкошим +9 нафар, Рӯшон +3, Шуғнону Ванҷ +2 ва Мурғоб +1 нафарро ташкил дода, ҷиҳати пешгирии бемории мазкур мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳои болозикр фаъолиятро пурзӯр намуда, ҳамкориро бо Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ҷоннок намоянд.

Ин нишондиҳанда дар шаҳри Хоруғ -8 нафар ва ноҳияҳои Роштқалъа -17 нафар, Дарвоз -5 нафар кам гаштааст, ки самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияро инъикос менамояд.

**ВНМО**

Мувофиқи ҳисоботи вилоят сироятёфтагони бемории ВНМО - БПНМ 742 нафар ба қайд гирифта шуда, номутобиқати бо маълумотҳои шаҳру ноҳияҳо (312) мушоҳида мегардад.

Ин нишондиҳанда дар давраи ҳисоботӣ дар шаҳри Хоруғ 195 нафар ва ноҳияҳои Шуғнон 140 нафар, Роштқалъа 42 нафар, Ишкошим 33 нафар, Дарвоз 13 нафар ва Мурғоб 7 нафар буда, дар ноҳияҳои Рӯшон ва Ванҷ ба қайд гирифта нашудааст.

Зиёдшавии ин нишондиҳанда нисбати аввали соли ҳисоботӣ дар шаҳри Хоруғ +177 нафар ва ноҳияҳои Шуғнон +12 нафар, Ишкошим +4 нафар, Роштқалъа +3 нафар ва Мурғоб +1 нафарро ташкил дода, дар ноҳияи Ванҷ маълумот бетағйир боқӣ монда аст, ки ҷиҳати пешгирии бемории мазкур мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо тадбирҳои саривақтӣ роҳандозӣ намоянд.

Ин нишондиҳанда дар ноҳияи Рӯшон -2 нафар кам гашта, дар ноҳияи Ванҷ бошад аз аввали сол то инҷониб сироятёбӣ ба қайд гирифта нашудааст, ки самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияро инъикос менамояд.

Аз тарафи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ваксинаи зидди сирояти КОВИД-19 “ASTRA ZENECA” ба миқдори 5750 адад дастрас гардида дар марҳилаи аввал 98,8% кормандони соҳаи тибби шаҳри Хоруғ ва 72% кормандони соҳаи тиб дар маркази ноҳияҳои вилоят ба ваксинасия фаро гирифта шуданд.

Ба ҳолати ҳозир гурӯҳи мақсадноки аҳолӣ аз 60 сола боло дар шаҳри Хоруғ ба ваксинасия фаро гирифта шуда истодааст, ки 3992 нафарро ташкил медиҳад ва аз ин теъдод 2859 нафар ба ваксинасия зидди сирояти КОВИД-19 фаро гирифта шуданд, ки 71,6% ро ташкил медиҳад ва захираи ваксина ба ҳолати имрӯз дар вилоят мавҷуд нест.

## Соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ

## 13.4.Ҳалли масъалаҳои иҷтимоии аҳолии кишвар ва корҳои анҷомдода ҷиҳати расонидани кӯмак, ҳалли масъалаҳои иҷтимоии гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ, дар навбати аввал ятимону маъюбон шахсони бесарубонмондаву эҳтиёҷманд ва нафақахурону собиқадорон (банди 2 паем);

Дар нимсолаи аввали соли 2021 410 адад воситаҳои техники тавонбахшӣ ба маъюбони шаҳру ноҳияҳои вилоят тақсим карда шуд, ки аз ин 137 адад аробачаи маъюбӣ, 228 адад пойафзол, 1 адад таҷҳизоти ҳаракаткунанда ва 44 адад протезу отрез ташкил медиҳад.

Ҳамзамон, 4 нафар маъюб барои гирифтани протези пой ва ортез ба корхонаи давлатии заводи протезию ортопедии шаҳри Душанбе фиристода шуданд.

Дар давраи ҳисоботӣ аз тарафи мақомотҳои иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо ва идораю муассисаҳои онҳо ба 1353 нафар шаҳрвандони ниёзманд ба маблағи 445105 сомонӣ ва аз ҷониби шахсони саховатпеша ба 849 нафар ниёзманд ба маблағи 440959 сомонӣ, дар маҷмӯъ дар вилоят дар нимсолаи якуми соли 2021 ба 2202 нафар ниёзмандон (маъюбон, пиронсолон, ятимони кулл, иштирокчиёни ҶБВ, оилаҳои камбизоат ва дигар табақаҳои осебпазири вилоят) ба маблағи 886064 сомонӣ кумакҳои хайриявӣ расонида шудаанд.

Шумораи оилаҳои камбизоат дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳои вилоят 10445 нафарро ташкил медиҳад, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 4924 нафар зиёд гардидаанд.

Шумораи оилаҳои камбизоат дар ноҳияҳои Ванҷ +626 нафар (1180 нафар), Рӯшон +552 нафар (1580 нафар), Дарвоз +389 (769 нафар) ва Шуғнон +58 нафар (771 нафар) нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта зиёд ба қайд гирифта шуда, ин барои бартараф намудани тамоюли манфӣ тадбирҳои иловагӣ андешида шаванд.

Камшавии шумораи оилаҳои камбизоат дар шаҳри Хоруғ -764 (1699 нафар), ноҳияҳои Ишкошим -560 нафар (1307 нафар), Роштқалъа -518 нафар (1228 нафар) ва Мурғоб -398 нафар (910 нафар) ба назар расида, аз беҳтар гардидани ҳолати иҷтимоии сокинони ин ноҳия шаҳодат медиҳад.

## 13.5 Ичроиши барномаҳои қабулшуда дар самти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, аз ҷумла расонидани хизматрасонии тиббӣ дар хона

Дар вилоят як қатор барномаҳои давлатӣ, ки ба самти соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ мансубанд, аз ҷумла "Барномаи кӯмаки унвонии иҷтимоӣ ба шаҳрвандон ва оилаҳои камбизоат", "Барномаи миллӣ оид ба муқовимат ба эпидемияи вируси норасоии масунияти одам дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2020" ва "Нақшаи миллии амалҳо оид ба омодагии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ва амалисозии Конвенсия дар бораи ҳуқуқи маъюбон" амалӣ шуда истодаанд.

Дар доираи Барномаи кӯмаки унвонии иҷтимоӣ, дар нимсолаи аввали соли 2021 дар шаҳру ноҳияҳо ба 5068 – оилаҳо ва шаҳрвандон мақоми камбизоатӣ (шаҳри Хоруғ -822 оила ва ноҳияҳои Рушон- 865 оила, Шуғнон-734 оила, Роштқалъа- 686 оила, Ванҷ-630 оила, Ишкошим-649 оила, Дарвоз – 363 оила ва Мурғоб- 319 оила) дода шуд.

Бо мақсади иҷрои Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2013 № 293 "Дар бораи тартиб ва шартҳои пардохти кӯмакпулӣ барои дафн ба аъзои оилаи камбизоат" дар шаҳри Хоруғ ва ноҳияҳои Роштқалъа, Мурғоб, Ишкошим ба 69 нафар шаҳрвандон аз оилаҳои камбизоат ба маблағи 98112 сомонӣ кӯмакпулӣ барои дафни аъзои фавтидаи оила дода шуд.

Дар соли ҷорӣ шумораи умумии нафақахӯрон, дар миқёси шаҳру ноҳияҳои вилоят 29089 нафарро ташкил медиҳад, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 112 нафар зиёд гардидааст.

Нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта шумораи умумии нафақахӯрон дар ноҳияҳои Дарвоз -36 нафар (2519 нафар), Ванҷ-36 нафар (3464 нафар), Ишкошим -32 нафар (3520нафар), Роштқалъа -15 нафар (3449 нафар) ва ин шумора дар шаҳри Хоруғ +103 (4199) ва ноҳияҳои Шуғнон +107 нафар (5220 нафар), Мурғоб +67 нафар (3145 нафар), Рӯшон +48 нафар (3616 нафар) зиёд гардидааст, ки андешидани чораҳои зарурӣро барои назорати таъмини пардохти саривақтии нафақаи онҳо тақозо менамояд.

Мушкилот: Дар сатҳи зарурӣ бо сабаби маблағгузорӣ нагардидан, амалӣ нагаштани аксарияти барномаҳои соҳавие, ки аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст, ки тибқи қарорҳои Раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон барои иҷро дар муассисаҳои шифоиву пешгирии вилоят зери назорат гирифта шудаанд.

Базаи моддию техникии беморхонаҳои марказии ноҳияҳо ва беморхонаҳои минтақавии ноҳияҳо ба талаботи ҳозиразамон ҷавобгӯ нестанд.

Шӯъбаҳои ёрии таъҷилии беморхонаҳои марказии ноҳияҳои Ванҷ, Рӯшон, Шуғнон ва ноҳияи Роштқалъа ба нақлиёти ёрии таъҷилӣ ниёз доранд.

Пешниҳод: Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои байналмилалӣ ва дигар сарчашмаҳои мавҷудаи худ ба зерсохторҳои худ дар вилоят барои таъмин намудани онҳо бо нақлиёти ёрии таъҷилӣ, баъзаи модию техникӣ мусоидат намояд;

мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дастгирии моддию молиявии гурӯҳҳои осебпазир, кам намудани шумораи оилаҳои камбизоат ва фароҳам овардани муҳити дастрас барои маъюбон ҳамкориҳоро тақвият бахшанд.

## 14. Маълумот оид ба вазъи соҳаи фарҳанг:

### 14.1. Бунёд, азнавсозӣ, таҷдиди инфрасохтор, таҳкими пояҳои моддию техникии муассисаҳои соҳаи фарҳанг (китобхонаҳо, шумораи китобҳо), инчунин мактабҳои мусиқии бачагона ва таъмини онҳо бо таҷҳизотҳо (Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистоноҷикистон аз 06.03.2019с. №АП-1176 Нақша-чорабиниҳо бахшида ба солҳои 2019-2021 "Соли рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" банди 28)

Дар ҳудуди вилоят то ба ин давраи ҳисоботи 4 адад қасри Фарҳанг , 47 адад хонаҳои фарҳангӣ, 5 адад театр, 10 адад мактаби мусиқӣ - рассомӣ, 58 адад клубҳо, 180 адад китобхона, 10 адад осорхонаҳо, 5 адад боғи фарҳангӣ – фароғатӣ, 644 адад ёдгориҳои таърихӣ - табиӣ ва монументалӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят кору фаъолият намуда истодаанд.

Дар шаҳри Хоруғ 4 адад китобхона театри вилоятии муосир, осорхона, маркази фарҳангӣ, хонаи методӣ, клуби сайёр, мактаби санъати ба номи Ноёбшоев Қурбоншо, боғҳои фарҳангӣ ва фароғатӣ, ботаникӣ, Ғалаба, ансамбли тарона ва рақси “Гулдаста” ва “Наврас” ва ноҳияҳои Шуғнон 34 адад китобхона, 8 адад хонаҳои фарҳангӣ, 7 адад клуб, 2 адад осорхонаи хусусӣ, 2 мактабҳои санъат , қасри фарҳанг, ансамблҳои “Фалак” ва “Умед”, Рӯшон 36 адад китобхона, 9 хонаи фарҳангӣ, 16 адад клуб, 71 адад муассисаи фарҳангӣ, қасри фарҳанг, театри халқӣ, осорхонаи хусусӣ, боғи фарҳангӣ- фароғатӣ ва мактаби санъат, Мурғоб 13 адад китобхона, 1 театр, 3 хонаи фарҳанг, 3 мактаби мусиқӣ, 8 клуб, 1 осорхона ва 1 боғи фарҳангӣ – фароғатӣ, Роштқалъа 19 адад китобхона, 8 хонаи фарҳангӣ, 6 клуб, мактаби санъат, осорхона, клуби сайёр, ансанбли тарона ва рақс, Ишкошим 27 адад китобхона, Ванҷ 24 китобхона, 8 хонаи фарҳангӣ дар ҷамоатҳои деҳот, Қасри фарҳанг, театри халқӣ фаъолият менамоянд.

Сохтмони наврӯзгоҳ дар деҳаи Сежди ноҳияи Роштқалъа идома ёфта, дар деҳаи Шошбувад ба анҷом расидааст. Таъмири китобхонаи марказӣ, бунёди осорхонаи ҳунарҳои мардумӣ ва сохтмони хонаи фарҳанг дар маркази ноҳия дар назар аст.

Дар ноҳия бошад 35 муассисаи фарҳангӣ, ки аз онҳо бо теъдоди 125 нафар (бо назардошти коркунони техникӣ) фаъолият намуда истодаанд.

Дар ҳудуди ноҳияи Ишкошим дар давраи ҳисоботӣ бунёдкориву азнавсозӣ ва таҷдиди инфрасохтор ба роҳ монда нашудааст ва то ин вақт ба муассисаҳои фарҳангии қаламрави ноҳия таҳҷизотҳо харидорӣ нагардидаанд.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Дарвоз дар ҳамбастагӣ бо соҳибкорони ватандӯсти диёр бо мақсади ба истироҳату фароғат фаро гирифтани сокинони ноҳия як боғи фарҳангию фароғатӣ дар деҳаи Умарак бо номи “Вомар-ленд” бо тамоми таҷҳизотҳо муҷаҳҳаз барои бозии кӯдакону наврасон сохта ба истифода дода шудааст. Ҳамзамон, аз тарафи соҳибкорони маҳаллӣ дар деҳаи Зиғар ва Паткуноб бунёди китобхона бо маром идома доранд.

Ба ҳолати имрӯза дар ноҳия 23 китобхонаҳо, 8 клуб, 5 –хонаи фарҳангӣ, қасри фарҳанг, мактаби мусиқӣ ва ансамбли тарона ва рақс амал карда истодаанд. Ҷиҳати ҳарчи бештар ҷалб намудани кӯдакону наврасон ва иштироки фаъолонаи онҳо дар чорабиниҳои фарҳангӣ ва озмуни ҷумҳуриявии “Тоҷикистон- Ватани азизи ман” бо супориши роҳбарияти Вазорати саноат ва технологияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки масъули Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба 30 - солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳия мебошад, ба маблағи зиёда аз 100,0 ҳазор сомонӣ асбобҳои тақвиятдиҳандаи овоз харидорӣ шуда, ба мактаби мусиқии ноҳия тақдим карда шудааст. Инчунин, барои хонаи фарҳангии деҳаи Ёгеди Ҷамоати деҳоти Нулванд 117 адад курсӣ барои фароҳам овардани шароити мусоид ба ин хонаи фарҳанг дастрас карда шудааст.

Мушкилот: 1. Хариди асбобхои тақвияти овоз барои шуъбаи фарҳанги вилоят.

Бо нақлиёт таъмин намудани шуъбаи фарҳанги вилоят ва театри вилоятӣ.

Ба шабакаи интернет пайваст намудани китобхонаҳои марказии шаҳру ноҳияҳои вилоят.

Таъмини дастаҳои ҳунарии «Навои Бадахшон» ва «Эҳё» бо асбобҳои мусиқӣ.

Хонаҳои фарҳанги ва клубҳои деҳаҳои Шидз, Барушон, Нисур, Савноб, Рухч ва Ғудараи ноҳия дар ҳолати садамавӣ қарор дошта, ба таъмири асосӣ эҳтиёҷ доранд.

Китобхонаҳои деҳаҳои Бодом, Риҷист, Тавдем, Советобод, Шошбувад, хонаҳои фарҳанги деҳаи Тусён ва Занудҷ таъмирталаб буда, клуби деҳаи Ҷавшангози ноҳияи Роштқалъа дар ҳолати садамавӣ қарор дорад.

Пешниҳод: Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар ҳамкорӣ бо Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шарикони рушд доир ба бартараф сохтани мушкилоти муассисаҳои фарҳангӣ, ҳамаҷониба чораандешӣ намоянд.

Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба таъсис додани коллеҷи санъат дар маркази вилоятро чораандозӣ намояд.

## 15. Маълумот оид ба таъмини аҳолӣ бо оби тоза, беҳдошт ва дастрасӣ ба хизматрасониҳои коммуналӣ:

**15.1. Нишондиҳандаҳои таъмини аҳолӣ бо оби тоза (ҳиссаи дастрасии аҳолӣ ба оби ошомиданӣ дар сатҳи ҷамоатҳо ва маҳаллаҳои аҳолинишин дар муқоиса ба нишондиҳандаҳои ҳамин давраи соли гузашта ва бо фоиз нисбат ба шумораи умумии аҳолӣ, рафти пардохти ҳаққи истифодаи оби ошомиданӣ ва бақияи қарзи он), 15.2. Корҳои анҷомдодашуда, ҷиҳати баланд бардоштани дастрасии аҳолӣ бо оби ошомиданӣ, хусусан дар деҳоти дурдаст ва ҷалби сармояи ватанию хориҷӣ, соҳибкорони маҳаллӣ (банди 34 паём);**

**Беҳдошт ва дастрасӣ ба хизматрасониҳои коммуналӣ:**

**15.3. Ҷорӣ намудани низоми ҷамъоварии партовҳои сахти маишӣ дар шаҳру ноҳия, деҳот, ҳавасмандгардонии “Шуғли сабз”, вусъатдиҳӣ ва дастгирии давлатии низоми соҳибкорони экологӣ ва бозори хизматрасониҳои экологӣ (Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06.03.2019 с. №АП-1176 Нақша-чорабиниҳои бахшида ба солҳои 2019-2021 “Соли рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” банди 30)**;

### 15.1. Нишондиҳандаҳои таъмини аҳолӣ бо оби тоза

Дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар нимсолаи аввали соли 2021 аз рӯи ҳисоботҳои пешниҳодгардида шумораи аҳолӣ 231,0 ҳазор нафар буда, аз он 170,2 ҳазор нафари аҳолӣ бо оби ошомиданӣ таъмин буда, дар вилоят 73,6%-ро ташкил додааст.

Нишондиҳандаи баланди дараҷаи таъминоти аҳолӣ бо оби тоза дар шаҳри Хоруғ 61,7% ва ноҳияҳои Мурғоб 100%, Дарвоз 90,4%, Рӯшон 81,6%, Шуғнон 66,7%, Ванҷ 66,0%, Ишкошим 63,0% ва Роштқалъа 54,5%, ба назар расида, ҷиҳати дастрасии аҳолӣ ба оби тозаи ошомиданӣ замина гузошта шудааст.

Бояд қайд кард, ки номутобиқатии ҳисоботи вилоят бо шаҳру ноҳияҳои он дар самти таъминоти аҳолӣ бо оби тоза ба назар расида, гарчанде, ки дар ҳисоботҳои болозикр шаҳру ноҳияҳо чунин маълумот дода бошанд, масъулини вилоят таъминоти аҳолӣ бо оби ошомиданӣ дар шаҳри Хоруғ 74,0%, ва ноҳияҳои Рушон 90,0%, Шуғнон 86,0 %, Дарвоз 86,0%, Ишкошим 71,0%, Ванҷ 63,0%, Роштқалъа 54,0% ва Мурғоб 44,0%- ро нишон додаанд.

Ин нишондиҳанда дар ноҳияи Роштқалъа 54,5% баробар мебошад, ки мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин ноҳияро зарур аст, ки ҷалби сармоягузории беруна ва дохиларо ба роҳ монда, ҳамкориҳоро бо мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ ва соҳибкорони маҳаллӣ вусъат бахшанд.

Бояд қайд намуд, ки дар вилоят дар 51 деҳа (23987 нафар) ба оби нӯшокӣ дастрасӣ надошта, дар 81 деҳа (31187 нафар) қисман ба оби нӯшокӣ дастрасӣ доранд, аз ҷумла, дар ноҳияҳои Шуғнон 23 деҳа (6339 нафар), Роштқалъа 21 деҳа (6105 нафар), Дарвоз 16 деҳа (6100 нафар), Ванҷ 9 деҳа (6230 нафар), Рӯшон 6 деҳа (2898 нафар), Ишкошим 3 деҳа (1412 нафар) ва шаҳри Хоруғ дар 3 маҳаллаи аҳолинишин (2103 нафар) қисман ба оби нӯшокӣ дастрасӣ надоранд, инчунин дар ноҳияи Ишкошим дар 15 деҳа (12681 нафар), Рушон дар 14 деҳа (5009 нафар), Роштқалъа дар 8 деҳа (1008 нафар), Мурғоб 5 деҳа (395 нафар), Ванҷ дар 4 деҳа (2442 нафар), Шуғнон дар 2 деҳа (534 нафар) ва шаҳри Хоруғ дар 3 маҳаллаи аҳолинишин (1918 нафар) ба оби нӯшокӣ дастрасӣ надоранд.

Барои аз оби нӯшокӣ таъмин намудани истеъмолкунандагон корхонаи таъминоти об ва канализатсияи шаҳри Хоруғ аз чор манбаи обтаъминкунӣ истифода мебарад. Аз ҷумла, чашмаи Хуфак, оби деҳаи Сиёб, Боғевдара ва чор адад чоҳҳои амудӣ истифода бурда мешавад.

Истеҳсоли оби нӯшокӣ аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳо ва манбаъҳои обтаъминкунии шаҳр дар як шабонарӯз 12 510 $м^3$ ташкил медиҳад ва нисбат ба талабот (8000 $м^3$) зиёдтар аст.

Даромади корхонаи таъминоти об ва канализатсияи шаҳри Хоруғ аз ҳисоби хизматрасонӣ ба аҳолӣ ва корхонаҳо дар 6 моҳи соли 2021 маблағи 999 хазору 509 сомониро ташкил додааст.

Дар шаҳри Хоруғ ҳолати вазнини молиявии корхонаи фаръии таъминоти об ва канализатсияи шаҳр ба назар мерасад ва қарзи кредитории корхона 7,4 млн. сомониро ташкил медиҳад, аз он ҷумла дар назди Ширкати “Помир Энерҷӣ” 2 млн. 753 ҳазор сомонӣ, дар назди БАТР 3 млн 917 ҳазор сомонӣ, андозҳо 799,0 ҳазор сомонӣ қарздор мебошад. Қарзҳои дебитории КФОТ-и шаҳри Хоруғ бошад, маблағи 1728,7 ҳазор сомониро ташкил медиҳад, аз ҷумла, аз ҳисоби корхонаҳои буҷавӣ 1097,8 ҳазор сомонӣ, корхонаҳои тиҷоратӣ 53,4 ҳазор сомонӣ, аҳолӣ 32,5 ҳазор сомонӣ ва аҳолии имтиёздошта 545 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.

Қайд кардан зарур аст, ки шахсони имтиёздор тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон хизматрасониҳои оби нӯшокӣ ва канализатсия саривақт ва пурра таъмин карда мешаванд, вале маблағҳои сарфгардида аз тарафи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи 35-40% ҷудо карда мешаванд, ки ба вазъи молиявии Корхона таъсири ҷиддӣ мерасонанд.

Рафти пардохти ҳаққи истифодаи оби ошомиданӣ аз тарафи аҳолӣ, идораву муассисаҳо тибқи тартиби муқарраргардида ба роҳ монда шуда, ҷамъоварии маблағҳо аз ҳисоби ҳаққи истифодаи об дар ноҳия ба уҳдаи КВД “Хоҷагии манзилию коммуналӣ”– и ноҳия вогузор гардидааст. Дар асоси маълумотҳои пешниҳоднамудаи ин муассиса ба ҳолати 1 июли соли 2021 бақияи қарзи истифодаи оби нӯшокӣ 19,7 ҳазор сомониро ташкил медиҳад, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта ба андозаи 2,5 ҳазор сомонӣ зиёд гардидааст.

## 15.2. Корҳои анҷомдодашуда, ҷиҳати баланд бардоштани дастрасии аҳолӣ бо оби ошомиданӣ, хусусан дар деҳоти дурдаст ва ҷалби сармояи ватанию хориҷӣ, соҳибкорони маҳаллӣ (банди 34 паём)

Дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар партави дастгирӣ ва ташаббусҳои наҷибу созандаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати таъмини аҳолии деҳот бо оби тозаи ошомиданӣ ва мушкилоти мавҷудаи сокинони деҳаи Пашори ноҳияи Шуғнон бартараф карда шуда, арзиши лоиҳавии иншоот зиёда аз 1,3 млн сомониро ташкил додааст, ки аз ин маблағи 281,7 ҳазор сомонӣ саҳмӣ сокинони деҳа ва маблағи 1,07 млн сомонӣ саҳми Раёсати Шветсария оид ба рушд ва ҳамкорӣ дар Тоҷикистон ташкил дода, амаликунандаи лоиҳа Барномаи ҷонибдории инкишофи иҷтимоии манотиқи кӯҳистони Фонди Оғохон мебошад. Оби нӯшокӣ дар ин мавзеъ тариқи кандани чоҳи амудӣ аз чуқурии 39 метр ба воситаи насосҳои махсуси обкашӣ бароварда шуд, дарозии хати обугзар 15449 метр буда, аз он зиёда аз 90 хоҷагии деҳаи Пашор истифода хоҳанд бурд.

Бо мақсади таъмир ва барқарорсозии иншоотҳои обтаъминкунӣ ва канализатсияи шаҳри Хоруғ, аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Хоруғ, КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» дар ҳамкорӣ бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки Аврупоии таҷдид ва рушд дар моҳи декабри соли 2014 Созишномаи Лоиҳаи “Барқарорсозии системаи обтаъминкунии шаҳри Хоруғ марҳилаи -2” ба имзо расонида шуд. Маблағи лоиҳа 4,0 млн. доллари ИМА-ро дар бар мегирад, ки 2,0 млн. доллари ИМА қарз ва 2,0 млн доллар ИМА грантро ташкил медиҳад. Лоиҳа моҳи апрели соли 2019 оғоз гардида, моҳи июли соли 2021 бояд ба итмом расонда шудааст.

Ба ҳолати ҳозира аҳолии шаҳри Хоруғ бо 200 адад ва идораву муассисаҳои шаҳри Хоруғ бо 53 адад ҳисобкунакҳои об таъмин гардидаанд. Дар навбати дуюми барномаи “Беҳтар намудани шабакаҳои обтаъминкунӣ ва канализатсия дар шаҳри Хоруғ” васл намудани ҳисобкунакҳои об дар корхонаҳои тиҷоратӣ ва ғайрибуҷавӣ ба нақша гирифта шудааст.

Айни замон дар ноҳияи Шуғнон бо Барномаи “Швейтсария”, ки бо дастгирии Барномаи ҷонибдории инкишофи иҷтимоии манотиқи кӯҳистони Хазинаи Оғохон хатҳои оби нушокӣ дар деҳаҳои Ванқалъа, Имом, Варшез, Пиши Ҷамоати Ванқалъа ва деҳаи Деҳмиёнаи Ҷамоати деҳоти Вер хатҳои оби нушокӣ мавриди истифода қарор дода шудаанд.

Дар маркази ноҳияи Рӯшон таъмин, нигоҳубин ва танзими об аз ҷониби КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» ва аҳолии дигар сурат мегирад. Илова бар ин аксари деҳаҳои ноҳия аз сарчашмаҳои оби чашмаҳои мусаффои кӯҳӣ, рӯдхонаҳои аз байни деҳаҳо гузаранда ва дарёи Бартанг истифода мебаранд. Аз 26214 нафар аҳолии ноҳия бо хати оби марказонидашуда 5602 нафар, бо оби нӯшокӣ ғайримутамарказ 12157 нафар, бо оби нӯшокии кушод (ҷӯйборҳо, чашмаҳо) 6969 нафар ва аз оби нушокии соҳилҳо ва сойҳо 1486 нафар баҳравар мебошанд.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Дарвоз ҷиҳати баланд бардоштани дастрасии аҳолӣ бо оби ошомиданӣ, хусусан деҳотҳои дурдасти ноҳия пайваста чораандешӣ менамояд. Бояд қайд намуд, ки аз соли 2016 то соли 2020 ташкилоти ғайридавлатии “Миссияи Шарқ” дар ноҳия

фаъолият дошт, ки бо мусоидати ин ташкилот пеш аз ҳама бештари деҳаҳои дурдасти ноҳия бо оби ошомиданӣ таъмин гардиданд.

Намояндагии КВД "Хоҷагии манзилию коммуналӣ" дар ноҳияи Мурғоб аҳолиро сари вакт бо оби нӯшокӣ таъмин менамояд, ки дар ин давра 146 тонна об ба маблағи 6 131 сомонӣ дастрас гардид ва ба идораву муассисаҳо хизмат расонида мешавад. Деҳаҳо бо чоҳҳои обӣ бо насоси механики таъмин мебошанд.

Корҳои анҷомдодаи шаҳру ноҳияҳои Хоруғ, Ванҷ, Рӯшон, Ишкошим, Роштқалъа ва Дарвоз ҷиҳати баланд бардоштани дастрасии аҳолӣ бо оби ошомиданӣ, мусоидат намудааст.

**Беҳдошт ва дастрасӣ ба хизматрасониҳои коммуналӣ:**

**15.3. Ҷорӣ намудани низоми ҷамъоварии партовҳои сахти маишӣ дар шаҳру ноҳия, деҳот, ҳавасмандгардонии "Шуғли сабз", вусъатдиҳӣ ва дастгирии давлатии низоми соҳибкорони экологӣ ва бозори хизматрасониҳои экологӣ (Амри ПҶТ аз 06.03.2019 с. №АП-1176 Нақша-чорабиниҳои бахшида ба солҳои 2019-2021 "Соли рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" банди 30);**

Дар шаҳри Хоруғ ва маркази ноҳияҳои вилоят нуқтаҳои партовҳои маишӣ (полигон, свалка) мавҷуд буда, дар назорати доимии КВД "ХМК"-и шаҳру ноҳияҳо қарор доранд. Дар деҳотҳо асосан аз тарафи раисони Ҷамоатҳои деҳот ва раисони маҳаллаҳо ба тариқи ҳашар ҷамъоварии партовҳои сахти маишӣ сурат мегирад ва дар ҷойҳои бехавф зери хок карда мешаванд.

Аз ҷониби КДФ «ХМК»-и ноҳияи Рӯшон дар назди нуқтаҳои санитарӣ сандуқҳои ахлотпарто ва ҷойҳои махсуси ахлотпарто ташкил карда шуд. Дар маҷмӯъ ин нуқтаҳо дар маркази ноҳия 18 ададро ташкил медиҳанд. Дар тавозуни корхона 1 адад партовгоҳи умумӣ мавҷуд аст, ки аз маркази ноҳия 4,5 км дур мебошад. КДФ «ХМК»-и ноҳияи Рӯшон фаъолияташро дар асоси шартнома ба роҳ монда ба ҳолати 01.07.2021 дар маҷмуъ 632 шартномаро ба имзо расонидааст, ки аз онҳо идораву муассисаҳо 32 адад, хоҷагиҳои инфироди 600 ададро ташкил медиҳанд.

Дар маркази ноҳияи Роштқалъа даҳ нуқтаи партовҷамкунӣ қуттиҳо монда шуданд. Дар баробари ин қайд кардан зарур аст, ки дар ноҳия айни ҳол ягон корхонаи безараргардонии лампаҳои каммасрафи симобдори аз истифодабаромада вуҷуд надорад.

Дар ноҳияи Ишкошим мавҷуд набудани корхонаҳои калони истеҳсолӣ партовҳои сахти маишӣ низ ба назар намерасанд. Дар ноҳия ҷамъоварии партовҳои ба миёномада ба уҳдаи КВД "Хоҷагии манзилию коммуналӣ" вогузор гардида, аз тарафи ин муассиса мувофиқи реҷаи муайянгардида партофтани партовҳо ба роҳ монда шудааст.

Ҳаҷми баровардани партовҳо дар ноҳияи Дарвоз 1,1 ҳазор метри мураббаро ташкил дода, даромаднокӣ бошад, маблағи 63,4 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.

Бояд зикр намуд, ки Корхонаи воҳиди давлатии "Хоҷагию манзилию коммуналӣ" дар маркази ноҳия, аз ҷумла дар назди идораю муассисаҳо, мағозаҳо ва дигар ташкилотҳо қуттиҳои ахлотпарто ва ҷойҳои махсуси ахлотпарторо ташкил намудааст, ки ин нуқтаҳо дар маркази ноҳия 18 ададро ташкил медиҳанд.

Доир ба банди мазкур аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Шуғнон маълумот пешниҳод нагардидааст.

Мушкилот: Нарасидани техникаҳои коммуналӣ, фарсуда гардидани қубурҳои обгузар, таъмирталаб будани роҳҳои автомобилгард ва пиёдагард, вуҷуд надоштани хати ташноб дар марказҳои ноҳияҳо ва дар баъзе мавзеҳои шаҳри Хоруғ ва марказҳои ноҳияҳо мавӣуд набудани қуттиҳои ахлотпарто;

аз сабаби гузаштани мошинҳои боркаши вазнбардориашон аз вазни муқаррарӣ зиёд аз шоҳроҳи Кулоб- Хоруғ- Қулма ва зери хатари аз истифода бароамадани ду купруки мошинагард дар шаҳри Хоруғ;

дар ноҳияи Роштқалъа хати муттамаркази обтаъминкунӣ вуҷуд надошта, дар ноҳияи Мурғоб бошад иншооти обтаъминкунии маркази ноҳия аз соли 1993 то ҳол аз сабаби набудани қувваи барқ кор накарда истодааст. Иншооти обтаъминкунии ноҳияи Ванҷ ба азнавсозӣ ва таъмир ниёз дорад.

Пешниҳод: Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва шаҳру ноҳияҳои он, Вазорати молия, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, КВД "Хоҷагии манзилию коммуналӣ" ва шарикони рушд барои баланд бардоштани дараҷаи таъминоти аҳолӣ бо оби тоза, беҳтар намудани ҳолати молиявии Корхонаи давлатии фаръии обтаъминкунӣ ва канализатсияи шаҳри Хоруғ, ва ҷорӣ намудани низоми ҷамъоварии партовҳои сахти маишӣ дар шаҳру ноҳия, деҳот, ҳавасмандгардонии "Шуғли сабз", вусъатдиҳӣ ва дастгирии давлатии низоми соҳибкорони экологӣ ва бозори хизматрасониҳои экологӣ тадбирҳои зарурӣ пешбинӣ намоянд.

Таҳияи лоиҳа оид ба азнавсозӣ ва сохтмони хати коррезии шаҳр ва марказҳои ноҳияҳо;

Идоракунии партовҳои сахти маишӣ дар шаҳру ноҳияҳо;

азнавсозӣ ва таъмири роҳҳои мошинагард, пиёдагард ва купрукҳои дар мувозинаи корхонаҳои соҳа мавҷудбуда;

сохтмони иншооти обтаъминкунӣ дар марказҳои ноҳияҳои Роштқалъа ва Мурғоб.

**16. Маълумот оид ба таъмини устувори экологи ва рушди устувор:**

**16.1. Корҳои анҷомдода оид ба рафти корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ, пешгирии зарари офати табиӣ ба оилаҳои дар минтақахои хавфнок истиқоматкунанда, 16.2 Ташкили нуқтаҳои безараргардонӣ, ҷамъоварӣ, нигохдорӣ, интиқол ва коркарди лампаҳои симобдор (Ваколатҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ Қонун Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи муҳити зист" моддаи 10).**

### 16.1. Корҳои анҷомдода оид ба рафти корхои соҳилмустаҳкамкунӣ, пешгирии зарари офати табиӣ ба оилаҳои дар минтақахои хавфнок истиқоматкунанда

Аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар асоси Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 апрели соли 2021, №116 "Дар бораи Барномаи давлатии маҷмӯии рушди тарбия ва маърифати экологии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025", қарори раиси вилоят аз 6 майи соли 2021, №130 ва

нақша чорабиниҳо таҳия ва тасдиқ гардида, барои иҷро дастрасии шаҳру ноҳияҳои вилоят гардонида шудааст.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Хоруғ бо мақсади пешгирии офатҳои табии ва таъмини ҳифзи аҳолӣ ҳамкориро бо БҶИИМК ба роҳ монда, мувофиқи нақшаи тарҳрезишуда, мустаҳкамкунии соҳили дарёи Ғунд кӯчаи Н. Атобек ва мавзеъи Чинак ба роҳ монда мешавад.

Мувофиқи нақшаи миёнамӯҳлати ба ҷойҳои бехавф кӯчондани муҳоҷирони экологӣ дар ноҳияи Роштқалъа дар соли 2021 10 хоҷагӣ, аз он 2 хоҷагӣ Ҷамоати деҳоти М.Миршакар, 1 хоҷагӣ Ҷамоати деҳоти Барвоз, 2 хоҷагӣ Ҷамоати деҳоти Роштқалъа, 3 хоҷагӣ Ҷамоати деҳоти Қ.Гадолиев ва 2 хоҷагӣ Ҷамоати деҳоти Тусён ба нақша гирифта шуда, аз тарафи бахши муҳоҷирати ноҳия ҳуҷҷатнигории ҳамаи ҳоҷагиҳо мувофиқи тартиби муҳоҷиркунонӣ ба роҳ монда шуда, корҳои фаҳмондадиҳӣ дар ин самт гузаронида шудааст.

Дар ҳудуди ноҳияи Рӯшон 31 деҳа (72,1%), 208 хонавода (4,3%), 1260 нафар (4,7%) аҳолӣ дучори ҷараёнҳои геологии таҳдидкунанда мебошанд. Шумораи бештари аҳолӣ дар мавзеи хавфнок дар ҷамоатҳои Рӯшон (379 нафар) ва Бартанг (231 нафар) зиндагӣ мекунанд. Ҷамоатҳои осебпазир Бартанг (10,9%) ва Басид (9,1%) маҳсуб меёбанд. Дар ин раванд, ҳамасола аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии хокимияти давлатии ноҳия ҷиҳати ба ҷойҳои бехавф кучонидани аҳолии минтақаҳои хавфнок қитъаи замин барои сохтмони хонаҳои истиқоматӣ ҷудо карда мешавад.

Тибқи маълумоти бахши раёсати Кумитаи ҳолатҳои фавкулодда ва мудофиаи граждании дар ноҳияи Ишкошим, рӯйхати мавзеъҳои зери хатари офатҳои табиӣ қарордошта ва намудҳои он тартиб дода шуда, дар асоси он муайян гардид, ки ба ҳолати 1 июли соли 2021 2168 хонавода бо фарогирии 9887 нафар аҳолӣ дар минтақаҳои хатарнок зиндагонӣ мекунанд.

Мувофиқи маълумоти пешниҳоднамудаи ноҳияи Шуғнон 14 адад мавзеъҳои хавфнок дар Ҷамоати деҳоти Ванқалъа 183 хоҷагӣ, Вер 63 хоҷагӣ, Ҷамоати деҳоти Навобод 328 хоҷагӣ, Ҷамоати деҳоти Сучон 109 хоҷагӣ, Ҷамоати деҳоти Ғарибшо Шаҳбозов 234 хоҷагӣ, Ҷамоати деҳоти Мирзоҷон Ширинҷонов 211 хоҷагӣ, 1256 ва Ҷамоати деҳоти Поршинев 1207 хоҷагӣ ташкил медиҳанд.

Ҳамзамон, дар шаҳри Хоруғ 627 нафар, ноҳияҳои Ванҷ 950 нафар, Мурғоб 703 нафар, Дарвоз 478 нафар, ноҳияҳои Рӯшон 208 нафар, Ишкошим 9887 нафар, Роштқалъа 305 нафар, Шуғнон 21 нафар ва оилаҳо дар минтақаҳои хавфнок зиндагонӣ мекунанд.

## 16.2 Ташкили нуқтаҳои безараргардонӣ, ҷамъоварӣ, нигохдорӣ, интиқол ва коркарди лампаҳои симобдор (Ваколатҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҚҶТ "Дар бораи ҳифзи муҳити зист" моддаи 10)

Барои ҷамъоварии лампаҳои симобдор дар ноҳияи Дарвоз 1 адад, Ванҷ 7 адад, Рӯшон 5 адад, Шуғнон 1 адад, Роштқалъа 6 адад, Ишкошим 1адад Мурғоб 1 адад ва шаҳри Хоруғ 1 адад нуқтаҳои ҷамъоварӣ ташкил карда шудаааст. Дар ин давра дар нуқтаҳои қабули он 1049 адад лампаҳои симобдори аз истифода баромада ҷамъоварӣ шуданд ва тавассути соҳибкори инфиродӣ, ки дорандаи

иҷозатнома мебошад 5120 адад лампаҳои симобдори корношоям ба шаҳри Душанбе барои безараргардони интиқол дода шудааст.

Дар шаҳри Хоруғ барои ҷамъоварӣ ва супоридани лампаҳои аз истифодабаромада, корхонаи воҳиди давлатии «Хоҷагии манзилию коммунали» дар ҳудуди худ нуқтаҳои қабули лампаҳои симобдори аз истифодабаромадаро ташкил намуда, нигоҳдории онҳоро таъмин менамояд.

Дар ноҳияи Дарвоз аз тарафи Корхонаи воҳиди давлатии “Хоҷаги манзилию коммуналӣ” нуқтаи ҷамъоварӣ ва нигоҳдории лампаҳои симобдор ташкил карда шудааст. Корхонаи мазкур аз идораю муассиаҳо ва хоҷагиҳо лампаҳои симобдорро ҷамъоварӣ намуда, ҷиҳати дар ҷойҳои безарар нигоҳ доштан чораҷӯӣ карда истодааст. Дар ин давра 700 адад лампаҳоро ҷамъоварӣ намуда, дар нуқтаи безараргардонӣ нигоҳ дошта мешаванд.

Дар бораи тадбирҳо оид ба ташкил намудани системаи безараргардонӣ, ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, интиқол ва кокарди лампаҳои симобдор дар ноҳияи Шуғнон аз тарафи «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» 7 нуқтаи қабули лампаҳои аз истифода баромада дар ҷамоатҳои деҳоти ноҳия ташкил шуда, дар маҷмуъ 280 адад ҷамъоварӣ карда шудаанд. Аз тарафи корхона лампаҳои симобдори аз истифода баромадаро дар қуттиҳои махсус дар ҷои алоҳида барои онҳо ҷудо шуда, аз ҳамаи ҷамоатҳо ҷамъ намуда истодаанд.

Ҳамчунин, дар ноҳияҳои Ишкошим, Рӯшон, Ванҷ Мурғоб, ва Рошткалъа нуқтаҳои партови маишӣ дар маркази ноҳия мавҷуд буда, аз тарафи Корхонаи давлатии фаръии “Хоҷагии манзилию коммуналии ноҳия” мунтазам нигоҳ ва ба танзим дароварда мешаванд.

Вобаста ба банди мазкур дар ҳисоботҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои вилоят маълумотҳо нисбати соли 2020 бетағир боқӣ монданд.

Мушкилот: Коркарди партовҳо аз сабаби набудани имкониятҳои иқтисодӣ ба таври замонавӣ бароҳ монда нашудааст.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ ва шаҳру ноҳияҳои он, Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, КВД “Хоҷагии манзилию коммуналӣ” барои ҷамъоварии лампаҳои каммасраф ва ташкили коркарди онҳо, пешгирӣ намудани ҳолатҳои фавқуллода ва ҳалли масъалаҳои аҳолии дар минтақаҳои хавфнок истиқоматдошта ба ҳамоҳангсозии фаъолият тақвият дода шавад.

**17. Маълумот оид ба соҳаи кор бо ҷавонон ва варзиш:**

**17.1. Нишондиҳандаҳои соҳаи кор бо ҷавонон, 17.2. Рафти иҷрои нақшаи даъвати ҷавонон ба хизмати ҳарбӣ ва чорҳаои андешидашуда, барои баланд бардоштани ҳиссиватандӯстии ҷавонон, 17.3. Дар ҳар як деҳа ва маҳалли аҳолинишин, ки зиёда аз 100 хоҷагӣ доранд, бунёд кардани як толор ва як майдони варзишӣ (банди 82 паём) (бо иловаи маълумоти шумораи маҳалҳои аҳолинишин, ки зиёда аз 100 хоҷагӣ доранд ва мавҷудияти толор/майдончаи варзишӣ дар онҳо), 17.4. Таъмини рушди соҳаи варзиш, оммавигардонии он, ташаккули тарзи ҳаёти солим ҷалби боз ҳам бештари ҷавонон ба ҳаёти сиёсии ҷомеа, баланд бардоштани майлу рағбати онҳо ба илмомӯзиву навоварӣ, дарёфту дастгирӣ кардани истеъдодҳои ҷавон (банди 54 паём), 17.5. Рафти бунёди иншоотҳои варзишӣ аз ҷумла, бо ҷалби соҳибкорону тоҷирон, арзёбӣ гардиданд.**

## 17.1. Нишондиҳандаҳои соҳаи кор бо ҷавонон

Шумораи умумии ҷавонон дар вилоят 85048 нафарро ташкил медиҳад, ки вобаста ба ҷавонони роҳбарикунанда дар ҳисоботи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ маълумот пешниҳод нагардидааст.

Новобаста ба ин ҷавонони роҳбарикунанда дар ноҳияҳои Ишкошим +25 (38 нафар роҳбарикунанда), Мурғоб +1 нафар (96 нафар роҳбарикунанда), Рӯшон +1 нафар (5 нафар роҳбарикунанда) нисбати соли гузашта зиёд гардааст, ки ин нишондиҳандаи дастгирии ҷавонони лаёқатманд марҳила ба марҳила таъмин гардида истодааст.

Ҳамзамон, ин нишондиҳанда дар шаҳри Хоруғ -2 нафар (8 нафар роҳбарикунанда) ва ноҳияҳои Ванҷ -8 нафар (ҳамагӣ 89 нафар роҳбарикунанда), Шуғнон -1 нафар (ҳамагӣ 3 нафар роҳбарикунанда) ва Роштқалъа -1 (ҳамагӣ 35 нафар) нисбат ба давраи соли гузашта кам гардидааст, ки ба пурзӯр намудани фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои болозикрро барои баланд бардоштани нишондиҳандаи дастгирии ҷавонони лаёқатманд ба вазифаҳои роҳбарикунанда ба миён омадааст.

Инчунин, раёсатҳои кор бо ҷавонон ва варзиш, маориф ва илми вилоят нақша чорабиниҳоро дар самти баргузор намудани хонишҳои сиёсӣ таҳия намуда, аз 12 январи соли 2021 то 31 майи соли 2021, 276 - адад хонишҳои сиёсӣ бо ҷалби 15300 нафар доир гардида, то охири соли равон зиёда аз 600 хониши сиёсӣ бояд тибқи нақшаи мазкур баргузор карда шавад. Бо мақсади дар сатҳи баланд баргузор намудани хонишҳои сиёсӣ фаъолияти бахшҳо ҳар ҳафта таҳлил гардида, ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳо ба масъулин дастурҳо дода мешаванд.

## 17.2. Рафти иҷрои нақшаи даъвати ҷавонон ба хизмати ҳарбӣ ва чораҳои андешидашуда, барои баланд бардоштани ҳисси ватандӯстии ҷавонон

Бо мақсади иҷро намудани фармони Президенти Ҷумҳурии "Дар бораи ба эҳтиёт рухсат додани хизматчиёни ҳарбие, ки мӯҳлати муқарраргардидаи хизмати ҳарбиро адо намуданд ва даъвати навбатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои таваллуди 1993-2002 ба хизмати ҳарбӣ " солҳои охир байни

ҷавонон корҳои ташвиқотию тарғиботӣ дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда шуда, ин раванди кор боиси он гардаид, ки дар рӯзҳои аввали даъвати наваскарон ба хизмати ҳарбӣ, дар 2 соли охир ва дар даъвати баҳории соли 2021 нақшаи даъват дар як рӯз ва беш аз 105 фоиз иҷро гардидааст.

Даъвати ҷавонписарон ба хизмати ҳарбӣ яке аз маъракаҳои муҳими сиёсӣ буда, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон аввалин шуда, даъвати ҷавонписарон дар мӯҳлати муқарраргардида иҷро гардида, теъдоди наваскарон 246 нафарро ташкил додааст.

Бо мақсади баланд бардоштани ҳисси Ватандӯстии ҷавонон аз ҷониби Раёсати кор бо ҷавонон ва варзиш, инчунин сохторҳои маҳаллии он 171 суҳбату вохӯриҳо, 41 озмун, 17 мусобиқаи ҳарбӣ – варзишӣ бо фарогирии 22256 ҷавон гузаронида шудааст, ки ин боис гардид, ки ҷавонон аз шароити хизмат воқиф гарданд ва ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил шаванд.

### 17.3. Дар ҳар як деҳа ва маҳалли аҳолинишин, ки зиёда аз 100 хоҷагӣ доранд, бунёд кардани як толор ва як майдони варзишӣ (банди 82 паём) (бо иловаи маълумоти шумораи маҳалҳои аҳолинишин, ки зиёда аз 100 хоҷагӣ доранд ва мавҷудияти толор/майдончаи варзишӣ дар онҳо)

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон вобаста ба иҷрои супориши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҷиҳати бунёд намудани як толор ва як майдончаи варзишӣ дар деҳаҳое, ки зиёда аз 100 хоҷагӣ дорад, дар ҳамкорӣ бо соҳибкорон ва шахсони эҳсонкор тадбирҳои зарурӣ андешида, дар давом исолҳои 2019-2021 дар вилоят 24 майдончаи варзишӣ ва 4 толори варзишӣ сохта ба истифода дода шудааст ва то соли 2030 бунёди 81 майдонча ва 87 толори варзишӣ дар деҳаҳое, ки аз 100 хоҷагӣ зиёд доранд ба нақша гирифта шудааст.

Ҳамзамон, дар шаҳри Хоруғ бо дастгирии Президенти Федератсияи футболи Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ, маблағгузории ташкилоти ватанӣ ва шарикони рушд 9 адад майдончаи варзишӣ ба истифода дода шуда, сохтмони 5 адад майдончаи варзишӣ давом дорад.

Барои бунёд намудани як толор ва як майдончаи варзишӣ дар деҳаҳое, ки зиёда аз 100 хоҷагӣ дорад, дар ҳамкорӣ бо соҳибкорон ва шахсони саховатпеша дар 5 деҳаҳои ноҳияи Дарвоз, ки 100 хоҷагӣ доранд, сохтмони 2 толори варзишӣ ва 5 майдончаро пешбинӣ намудааст.

Дар ин давра, аз тарафи соҳибкорон ва шахсони эҳсонкор 2 адад майдончаи варзишӣ сохта ба истифода дода шуда, 1 адад толори варзишӣ сохтмонаш идома дошта, то ҷашни 30 солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба истифода дода мешавад.

Инчунин, дар деҳаи Ҷорф аз тарафи соҳибкорон сохтмони толори варзишӣ ва дар деҳаи Курговади Ҷамоати деҳоти Вишхарв сохтмони майдончаи варзишӣ дар назди муассисаи таълимӣ ба нақша гирифта шудааст.

Дар ҳудуди ноҳияи Мурғоб бошад, то ин давра ҳамагӣ 28 адад майдончаҳои варзиши фаъолият доранд.

Дар асоси банди мазкур ноҳияи Шуғнон тасмим гирифтааст, ки то соли 2030 8 майдонча ва 2 толори варзишӣ дар деҳаҳое, ки аз 100 хоҷагӣ зиёд доранд, бунёд созад. Дар айни ҳол сохтмони 6 майдони варзишӣ ва як толори варзишӣ идома ёфта, то таҷлили ҷашни 30- солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор дода мешаванд.

**17.4. Таъмини рушди соҳаи варзиш, оммавигардонии он, ташаккули тарзи ҳаёти солим ҷалби боз ҳам бештари ҷавонон ба ҳаёти сиёсии ҷомеа, баланд бардоштани майлу рағбати онҳо ба илмомӯзиву навоварӣ, дарёфту дастгирӣ кардани истеъдодҳои ҷавон (банди 54 паём)**

Дар давоми шаш мохи соли 2021 машқҳои пагоҳирӯзӣ 267 маротиба гузаронида шуда, теъдоди фарогирифтагон 7520 нафар, аз он ҷумла, 2020 нафар зан ва 3500 нафарро мард ташкил медиҳад.

Дар нимсолаи соли 2021 дар вилоят 264 чорабинии варзишӣ бо фарогирии 8900 нафар, ки аз инҳо 7698 нафар мард ва 2028 нафар зан мебошанд, гузаронида шуданд. Варзишгарони вилоят дар 17 мусобиқаи ҷумҳуриявӣ иштирок намуда, сазовори 66 медал гардиданд, ки аз инҳо 31 медали тилло, 9 медали нуқра ва 27 медали биринҷӣ мебошанд.

Ҳамзамон, дар шаҳру ноҳияҳои Дарвоз 61 адад, Рӯшон 40 адад, Мурғоб 30 адад, Ишкошим 24 адад, Роштқалаву Шуғнон 18 адад, Ванҷ 15 адад ва Хоруғ 8адад чорабинии варзишӣ бо фарогирии ноҳияҳои Дарвоз 3150 нафар (2900 мард ва 250 зан), Мурғоб 1563 нафар (1329 мард ва 234 зан), Рӯшон 1120 нафар (790 мард ва 330 зан), Ишкошим 1110 нафар (860 мард ва 250 зан), Шуғнон 850 нафар (710 мард ва 140 зан), Роштқалъа 782 нафар (465 мард ва 317 зан), Ванҷ 150 нафар (90 мард ва 60 зан) ва шаҳри Хоруғ 445 нафар (260 мард ва 185 зан) баргузор намудаанд.

Аз 1 то 6 марти соли равон мусобиқаи ҷумхуриявӣ аз намуди волейбол байни ҷавондухтарон барои дарёфти "Ҷоми раиси шаҳри Душанбе" бахшида ба рӯзи модар баргузор гардид, ки дар он варзишгарони мактаби варзишии шаҳри Хоруғ аз худ маҳорати хуби варзишӣ нишон дода, соҳиби Ҷоми раиси шаҳри Душанбе гардиданд.

Дар шаш моҳи соли ҷорӣ дар ноҳияи Ванҷ 17 адад чорабиниҳои варзишӣ бахшида ба рӯзи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Рӯзи Модар, Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ мусобиқаҳои варзишӣ аз рӯйи намуди гуштини самбо, дзюдо, футбол, волейбол, шоҳмот, варзиши сабук, Эстафета дар масофаи 4x100 байни ҷавондухтарон гузаронида шудааст. Инчунин ба мақсади тарғиби тарзи ташаккули ҳаёти солим ва ҳаракати байналмилалии олимпӣ дар ноҳия дави наврӯзӣ ва марафони велосипедронӣ бо фарогирии 1700 нафар наврасону ҷавонон дар сатҳи баланд ташкил ва баргузор карда шуд. Дар арафаи ҷашни Наврӯз фестивали бозиҳои миллии варзишӣ (бандкашӣ, гирбардорӣ, дастхобонӣ, хурусҷанг, кабкҷанг, волейбол ва гӯштини миллӣ баргузор гардида ғолибон бо тӯҳфаҳои пулию молӣ қадр карда шуданд.

Дар доираи таҷлили ҷашни байналмилалии Наврӯз дар Ҷамоати деҳоти Қозидеҳи ноҳияи Ишкошим бозиҳои варзишии волейбол ва "Гӯштини миллӣ" баргузор гардида, хароҷоти маблағи чорабиниҳои зикршуда 16729 сомониро ташкил додааст.

Инчунин, ба ифтихори ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Хоруғ ва ноҳияҳои Ванҷ, Рӯшон, Дарвоз ва Роштқалъа мусобиқаи варзиши "Гуштингирӣ" бо иштироки беҳтарин паҳлавонони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар варзишгоҳҳо ва майдонҳои варзишӣ доир гардида, ғолибони мусобиқаҳои мазкур аз тарафи мақомотҳои иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои вилоят ва соҳибкорони саховатпеша бо туҳфаҳои хотиравӣ сарфароз гардонида шудаанд.

Дар давоми нимсолаи якуми соли 2021 дар ноҳияи Дарвоз 1 маротиба мусобиқаи гӯштин аз намуди "Ҷудо" байни хонандагони муассисаҳои таълимӣ, 2 маротиба гуштини миллӣ байни варзишгарони синну соли гуногун, 1 маротиба баскетбол, 5 маротиба волейбол, 9 маротиба футбол, 4 маротиба теннисӣ рӯи миз доир гардида, ғолибон бо мукофотҳои таъсисдодаи кумитаи тадорукоти қадрдонӣ карда шуданд.

Доир ба банди мазкур аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳои Мурғоб, Роштқалъа ва Шуғнон маълумот пешниҳод нагардидааст.

### 17.5. Рафти бунёди иншоотҳои варзишӣ аз ҷумла бо ҷалби соҳибкорону тоҷирон (банди 85 паём)

Дар вилоят ҷамъи умумии иншоотҳои варзишӣ 786, аз ҷумла як маҷмааи варзишӣ 69 адад толори варзишӣ, 288 адад майдончаҳои оддии варзишӣ, 12 адад варзишгоҳ, 3 адад қасри варзишии «Вастан» дар ноҳияҳои Дарвоз, Ванҷ, Рӯшон вуҷуд доранд.

Дар вилоят 10 мактаби варзишӣ бо фарогирии 3648 нафар варзишгар, аз ҷумла 673 духтар фаъолият карда истодааст.

Мувофиқи накша чорабиниҳо дар ноҳияи Ишкошим сохтмони майдончаҳои варзишӣ дар деҳаи Зонг ва Вранг идома дошта, то ҷашни 30 солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифодабарӣ қарор дода мешаванд.

Дар ноҳияи Роштқалъа аз ҷониби Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумхурии Тоҷикистон 7 адад майдончаҳои варзишӣ ва як адад толор сохта, ба истифода дода шуда, айни замон сохтмони майдончаи варзишии деҳаи Ҷарш, толори варзишии деҳаи Бидизи боло, наврузгоҳҳои деҳаҳои Зигур ва Сежд идома доранд. Инчунин таъмири варзишгоҳи марказӣ бо маблағгузории ширкати алоқаи "Тселл" идома дошта, сохтмони майдончаи варзишӣ аз ҷониби шахси саховатпешаи маҳаллӣ дар деҳаи Дашти Ҷамоати деҳоти М.Миршакар оғоз мегардад.

Мушкилот: Мушкилии асосие, ки дар соҳа ба мушоҳида мерасад ин ба талаботи ҳозиразамон ҷавобгӯ набудани иншооти варзишии ноҳия ба ҳисоб меравад.

Дар ҷамоатҳои деҳоти шаҳру ноҳияҳои вилоят норасогии толорҳои варзишӣ, майдончаҳои варзишӣ ва майдонҳои футболбозӣ ба мушоҳида мерасад, ки бо сабаби ҷудо нашудани маблағ барномаҳои мазкур дар муҳлати муайяншуда амалӣ намегарданд.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ ва шаҳру ноҳияҳои он, Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон, Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҷалби бештари ҷавонон ба вазифаҳои роҳбарикунанда, ҷалби ташкилоту муассиса, соҳибкорон барои бунёди майдону толорҳои варзишӣ, ва фароҳам овардани заминаи баланд бардоштани оммавигардонии варзиш, мусоидат намоянд;

сохтани марказҳои ҷавонон дар маркази ноҳияҳо барои ҷавонон ва фаро гирифтани онҳо ба шуғли доимӣ;

маблағгузорӣ намудани барномаҳои соҳавӣ дар самти татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон.

## 18. Маълумот оид ба рушди соҳаи сайёҳӣ

**18.1. Андешидани тадбирҳо ҷиҳати рушди соҳаи сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ, бунёд ва беҳтар намудани шароити инфрасохтори сайёҳӣ, экологӣ, табобатӣ, варзишию шикор ва баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасонӣ, 18.2. Андешидани тадбирҳои иловагӣ ҷиҳати ба меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ намудани хизматрасониҳо, дарёфти роҳҳои нави ташкили инфрасохтори сайёҳӣ, ҷалби ҳарчи бештари сайёҳони дохиливу хориҷӣ, хусусан, рушди сайёҳии дохилӣ, 18.3. Мукаммал гардонидани низоми омори соҳаи сайёҳӣ, раванди баҳисобгирии сайёхон ва шаклҳои ҳисоботдиҳии оморӣ, арзёбӣ гардиданд.**

### 18.1. Андешидани тадбирҳо ҷиҳати рушди соҳаи сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ, бунёд ва беҳтар намудани шароити инфрасохтори сайёҳӣ, экологӣ, табобатӣ, варзишию шикор ва баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасонӣ

Дар ҳудуди вилоят ба ҳолати имруза 48 нафар субъектони хизматрасонии сайёҳӣ (ширкатҳои сайёҳӣ) бо иҷозатномаи махсуси Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият карда истодаанд. Аз ҷумла: Мурғоб 16 адад, Рӯшон 2 адад, Шуғнон 2 адад, Ишкошим 2 адад ва Дарвоз 1 адад, Ванҷ 1 адад мебошанд. Доир ба ширкатҳои сайёҳӣ аз ҷониби масъулини шаҳри Хоруғ ва ноҳияи Роштқалъа маълумот пешниҳод нагардидааст.

Ҳамзамон, дар шаҳри Хоруғ ва ноҳияҳои вилоят баҳри беҳтар намудани инфросохтори соҳаи туризм аз сектори хусусӣ чораҳои амалӣ андешида шуда, айни замон дар шаҳри Хоруғ зиёда аз 50 адад ва ноҳияҳои Дарвоз 271 адад, Шуғнон 105 адад, Рӯшон 80 адад, Ишкошим 21 адад, Мурғоб 16 адад, Роштқалъа 8 адад ва Ванҷ 3 адад меҳмонхона ва мавзеҳои сайёҳӣ барои қабули сайёҳони дохилию хориҷӣ омода мебошанд, ки аксарияти аз ин меҳмонхонаҳо фаъолияти мавсимӣ доранд, ки ҳисоботи  пешниҳод намудаи нисбати охири соли гузашта номутобиқати ба назар мерасад.

Бо мақсади ташаккул додани туризми табобатию солимгардонӣ, ки ин шакли аз ҳама паҳншудатарини фаъолияти туристӣ буда, бо мақсади истироҳат, солимгардонӣ, барқароркунии ҷисмонӣ ба шумор меравад, ва дар ҳудуди вилоят 4 адад осоишгоҳ аз ҷумла, Гарм-Чашма, Авҷ, Биби Фотимаи Зуҳро ва Ҷелондеҳ фаъолият доранд, ки барои сайёҳони дохилию хориҷӣ хизмат мерасонанд.

Яке аз маконҳое, ки диққати сайёҳонро дар шаҳри Хоруғ ба худ ҷалб менамояд, ин 18 адад ёдгориҳои таърихӣ, боғҳои ботаникӣ ва фарҳангӣ-фароғатӣ

ҳамчун маконҳои диданибоб ба шумор мераванд. Инчунин, дар шаҳр 3 адад мағоза вуҷуд доранд, ки дар онҳо тухфаву армуғонҳо бо шаклу усулҳои бадахшонӣ ба фурӯш монда шудаанд.

Дар айни ҳол дар ноҳияи Рӯшон 6 ширкати туристӣ ҶДММ «Сарез-тревел», «Боми чахон тур», «Бартанг сарезтур», «Хело ҷолоиб», «Динар сервис», «Дарвозаи Помир» ва ду ташкилоти ҷамъиятӣ ТҶММ «Боми Ҷизев» ва «Парчам» ба қайд гирифта шуда, аз онҳо се ширкат фаъолият доранд.

## 18.2. Андешидани тадбирҳои иловагӣ ҷиҳати ба меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ намудани хизматрасониҳо, дарёфти роҳҳои нави ташкили инфрасохтори сайёҳӣ, ҷалби ҳарчи бештари сайёҳони дохиливу хориҷӣ, хусусан, рушди сайёҳии дохилӣ (банди 33 паём)

Яке аз масъалаҳои муҳиме, ки дар Паёми Сарвари давлат ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ироа гардид, ин рушди сайёҳии дохилӣ ба ҳисоб меравад. Қобили зикр аст, ки шуъба ва бахшҳои рушди сайёҳӣ дар ҳамкорӣ бо субъектҳои хоҷагидории сайёҳӣ (ширкатҳои сайёҳӣ) ҷиҳати рушди сайёҳии дохилӣ чораҳои зарурӣ андешида, баҳри ташвиқу тарғиби имкониятҳои мавҷудбуда тариқи идораи телевизион ва радио, шабакаи иҷтимоӣ “Фейсбук” як қатор корҳоро ҳамарӯза ба иҷро мерасонанд.

Нишондиҳандаи шумораи сайёҳони хориҷӣ, ки ба шаҳру ноҳияҳои вилоят ташриф овардаанд, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар ноҳияҳои Мурғоб +20 (26 нафар), Рӯшон -+35 (80) ва мушоҳида гардидааст.

Ин шумора дар шаҳри Хоруғ -0 (37 нафар) ва Ишкошим -51 (89 нафар) ноҳияҳои Дарвоз -174 (369 нафар),

Дар ҳисоботҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳои Ванҷ, Шуғнон ва Роштқалъа вобаста ба ин банд маълумот омода нагардидааст.

Дар нимсолаи аввали соли равон комиссияи сайёҳии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Ишкошим таъсис дода шуда, дар назди комиссия оид ба масъалаҳои андешидани тадбирҳои иловагӣ ҷиҳати ба меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ намудани хизматрасониҳо, дарёфти роҳҳои нави ташкили инфрасохтори сайёҳӣ, ҷалби ҳарчи бештари сайёҳони дохиливу хориҷӣ, хусусан, рушди сайёҳии дохилӣ мавриди таҳлилу омӯзиш қарор дошта, корҳо дар самти мазкур роҳандозӣ карда шудаанд.

Инчунин, дар қаламрави вилоят то имрӯз 5 адад маркази иттилоотии сайёҳӣ таъсис дода шудааст, ки аз он 2 адад дар шаҳри Хоруғ, 1 адад дар ноҳияи Дарвоз ва 2 адад дар ноҳияи Мурғоб ҷойгир мебошанд.

## 18.3. Мукаммал гардонидани низоми омори соҳаи сайёҳӣ, раванди баҳисобгирии сайёҳон ва шаклҳои ҳисоботдиҳии оморӣ

Ба ҳолати ҳозира бошад 48 ширкати сайёҳӣ дар ҳудуди вилоят мутобиқи иҷозатномаи Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намуда, ба 43 нафар сайёҳони хориҷӣ хизмат расонидаанд, ки нисбати ҳамин давраи соли 2020, 25 сайёҳ зиёд ба вилоят ворид шудааст.

Қайд кардан ба маврид аст, ки ба ҳолати ҳозира дар ҳудуди вилоят 164 адад

ҳомстей (меҳмонхонагӣ) ва 39 адад меҳмонхонаҳои хурду миёна бо дастгирии мақомоти давлатӣ, сармоягузорон ва соҳибкорону шахсони эҳсонкор сохта шуда, мавриди истифодабарӣ қарор дода шуданд. Таълилҳо нишон медиҳанд, ки меҳмонхонаҳои хурду миёна ва меҳмонхонагӣ дар як шабонарӯз метавонад 2379 нафар сайёҳони дохилию хориҷиро қабул карда, барои онҳо мутобиқи имкониятащон хизматрасонӣ намоянд. Аз ҷумла, меҳмонхонагӣ (ҳомстей) дар ноҳияҳои Рӯшон 47 адад, Мурғоб 35 адад, Ишкошим 33 адад, Роштқалъа 12 адад, Шуғнон 7 адад, Дарвоз 5 адад, ноҳияи Ванҷ 3 адад ва шаҳри Хоруғ 22 ададро ташкил медиҳанд. Барои беҳтар ба роҳ мондани сифати хизматрсонӣ дар чунин ҷойҳои дурдаст дастгирӣ намудани соҳибкорон тавассути роҳандозӣ намудани имтиёзҳо ва имкониятҳо аз ҳисоби Барномаҳои грантӣ ва дигар маблағгузорон мувофиқи мақсад мебошад.

Дар 6 моҳи соли 2021 аз ҳудуди ноҳияи Рӯшон беш аз 80 нафар сайёҳоне, ки ба қайд гирифта шудаанд, аз мавзеъҳои таърихию фарҳангии ин ноҳия дидан намуданд. Ба қавлӣ масъулини соҳа, дар асл шумораи сайёҳони ғайрирасмӣ, ки мавзеъҳои таърихию фарҳангии ноҳияро пайваста дидан менамоянд хеле зиёданд.

Шумораи сайёҳони хориҷие, ки ба ноҳияи Мурғоб ташриф меоранд аз тарафи мақомотҳои ваколатдори дахлдор сабт гардида ҳисоботи омори дар зери назорат қарор дорад. Дар шашмоҳаи соли 2021 ба ноҳияи Мурғоб 26 нафар сайеҳони хориҷӣ ворид шудаанд.

Бо мақсади ба низом даровардани шумораи омори соҳаи сайёҳӣ, раванди баҳисобгирии сайёҳони воридгардида дар дидбонгоҳи БДА-и ШВКД ноҳияи Дарвоз дафтари махсус ташкил карда шуда, шумораи сайёҳон бо тамоми маълумотҳои зарурӣ ба қайд гирифта мешаванд.

Айни замон дар ноҳияи Ишкошим бақайдгирии сайёҳҳони дохилӣ ва хориҷӣ дар дидбонгоҳи ШВКД-и ноҳия дар деҳаи Андароб ва дидбонгоҳи қисми ҳарби 0411-и ҚСКДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзеи Харгӯшӣ сурат мегирад. Маҳз тавассути дидбонгоҳҳои болозикр маълумотҳо оид ба вуруди сайёҳҳон ба қаламрави ноҳия дастрас карда мешавад. Дар нимсолаи якуми соли равон 89 нафар сайёҳон ба ноҳия ташриф овардаанд.

Доир ба банди мазкур мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳои Ванҷ, Шуғнон ва Роштқалъа маълумоти умумӣ доданд ва шаҳри Хоруғ тамоман маълумот пешниҳод нанамудааст.

Мушкилот:

Мушкили асосие, ки дар ин самт ба назар мерасад ин номукаммал будани расмиёти бақайдгирӣ ва тартиби иҷозатномагирӣ мебошад. Зеро тибқи расмиёти бақайдгирии муқарраргардида, сайёҳон дар сатҳи миллӣ ба қайд гирифташуда, маблағи пардохти иҷозатномаро низ дар марказ месупоранд. Дар навбати худ, буҷети маҳаллӣ аз даромадҳои соҳа дар канор монда, рушди устувори соҳаро дар сатҳи маҳаллӣ таъмин карда наметавонад;

набудани хатсайри ҳавоии доимии Душанбе-Хоруғ;

гаронбаҳо будани нархи чиптаҳои ҳавопаймо

Рақобатпазир намудани ширкатҳои сайёҳии дохилӣ ба хотири рушди сайёҳӣ.

Пешниҳод: Боло бурдани салоҳияти шуъбаи рушди сайёҳии МИҲД-и ВМКБ дар додани иҷозатнома ё омода намудани ҳуҷҷатгузорӣ барои гирифтани иҷозатномаи ширкатҳои маҳаллӣ;

беҳтар намудани сифати хизматрасонӣ дар чашмаҳои табобатию шифобахшии вилоят;

дар сатҳи лозима роҳандозӣ намудани бақайдгирии омори сайёҳони дохилию хориҷӣ. Ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ набудани омор оид ба сегментатсияи сайёҳон (синну сол, давлат, нияти ташриф, намуди сайёҳӣ).

**19. Маълумот оид ба масъалаҳои баробарии гендерӣ:**

**19.1. Корҳои анҷомдода ҷиҳати таъин кардани занон ба мансабҳои роҳбарикунанда дар ҳамаи сохторҳои МИМХД, шаҳру ноҳияҳо, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, 19.2 Ҷудо намудани қарзу грантҳо ба занон ва оилаҳо бо мақсади беҳтар намудани шароити иқтисодии онҳо, дастгирии ташаббусҳои занону бонувон, арзёбӣ гардиданд.**

**19.1. Корҳои анҷомдода ҷиҳати таъин кардани занон ба мансабҳои роҳбарикунанда дар ҳамаи сохторҳои МИМХД, шаҳру ноҳияҳо, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот (банди 52 паём)**

Дар ин давра дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон аз шумораи умумии воҳиди кории хизматчиёни давлатӣ (ҳамгӣ 758 адад) 44 ҷойи кори холӣ, 236 нафар ё худ 33,4 % занон фаъолият намуда, аз шумораи 236 нафар занону духтарони лаёқатманд 71 нафар ё худ 35,4%, дар вазифаҳои роҳбарикунандаи хизмати давлатӣ кору фаъолият доранд, ки ин нисбати шаш моҳи соли равон 2 адад зиёд мебошад.

Аз теъдоди 28 адад воҳидҳои кории шуъба ва бахшҳои кор бо занон ва оилаи шаҳру ноҳияҳои вилоят, яъне аз 28 нафар кормандони шуъба ва бахшҳои кор бо занон ва оилаи шаҳру ноҳияҳои 28 нафар ё худ 100% кору фаъолият намуда истодаанд.

Ба Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Мурғоб 13 нафар, Дарвоз 11 нафар, Шуғнон 11 нафар, Роштқалъа 11 нафар, Ванҷ 10 нафар, Ишкошим 8 нафар, Рӯшон 7 нафар ва шаҳри Хоруғ 9 нафар занон шомиланд.

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон бо мақсади амалӣ намудани дастуру ҳидоятҳои Пешвои миллат ва амалӣ намудани қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунанда аз ҳисоби занону ҷавондухтарони лаёқатманд барои солҳои 2016-2020”-ро сармашқи ҳамешагии фаъолияти худ қарор дода, бахри амалӣ гаштани он чораҳои заруриро амалӣ менамояд.

Аз ин ҷост, ки дар шаҳру ноҳияҳои Хоруғ аз 67 нафар хизматчиёни давлатӣ 33 нафар занону ҷавондухтарон, Шуғнон аз 89 нафар хизматчиёни давлатӣ 35 нафар занону ҷавондухтарон, Ванҷ аз 84 нафар хизматчиёни давлатӣ 15 нафар занону ҷавондухтарон, Дарвоз аз 67 нафар хизматчиёни давлатӣ 15 нафар занону ҷавондухтарон ва Мурғоб 41 нафар ва Рӯшон 7 нафар кадрҳои роҳбарикунандаи хизмати давлатӣ аз ҳисоби занону ҷавондухтарон ташкил медиҳанд.

Барои бозомӯзии кадрҳо дар ҳамаи соҳаҳо ҳар сол мудирони бахшҳо, сармутахассисон ва мутахассисон аз мақомоти ноҳияи Роштқалъа ба курсҳои кӯҳтомуддат фаро гирифта мешаванд. Аз ҳисоби занони ноҳия ду нафар Муллоикматова Зӯҳро ва Фитурова Марзия хатмкунандагони Магистратураи Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ буда, дар соли ҷорӣ раиси Ҷамоати деҳоти Роштқалъа Одилбекова С. Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон факултаи идоракунии ҳайати кадриро хатм намуд.

### 19.2 Ҷудо намудани қарзу грантҳо ба занон ва оилаҳо бо мақсади беҳтар намудани шароити иқтисодии онҳо, дастгирии ташаббусҳои занону бонувон (банди 52 паём)

Дар давоми шаш моҳи соли 2021 ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Хоруғ 5 лоиҳа барои ба даст овардани гранти Президентӣ бо мақсади дастгирии ташаббусҳои занону бонувон ба маблағи умумии 150 000 сомонӣ дар самти рушди соҳаи асалпарварӣ, коркарди маҳсулоти ордӣ ва ташкили сехҳои хизмати маишӣ ворид гардида, дар Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор доранд.

Инчунин барои дастгирии соҳибкории хурду миёна ва фароҳам овардани фазои мусоид барои фаъолияти соҳибкорӣ аз тарафи филиали “Амонатбонк” ва бонки хурди молиявӣ дар ноҳияи Рӯшон ба 15 нафар занони соҳибкор маблағи 255,3 ҳазор сомонӣ барои ҳунарҳои мардумӣ, тиҷорат ва кишоварзӣ ҷудокарда шудааст.

Барои беҳтар намудани шароити иқтисодии занон дар ноҳияи Дарвоз ва рушди соҳибкорӣ, кишоварзӣ, ҳунарҳои мардумӣ, чорводорӣ, занбурпарварӣ ва дигар соҳаҳо аз соли 2011 инҷониб 10 нафар занон соҳиби гранти Президентӣ гардиданд, ки маблағи пешниҳодгардида 265,0 ҳазор сомниро ташкил медиҳад.

Дар шаш моҳи соли 2021 барои соҳиб шудани гранти Президентӣ 2 нафар зан дар самти рушди ҳунарҳои мардумӣ лоиҳаҳои тиҷоратияшонро ба Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудаанд, ки дар ин давом 1 нафар барои рушди соҳаи занбурпарварӣ маблағи 20,0 ҳазор сомонӣ дастгирӣ ёфтааст.

Дар соли ҷорӣ аз ноҳияи Роштқалъа бошад, 4 нафар бонувон барои ба даст овардани грант ба бахши занон ва кор бо оила муроҷиат намуда, як нафар маблағи 40 ҳазор сомонӣ гранти Президентиро соҳиб гардидааст.

## 20. Маълумот оид ба рушди соҳаи хизматрасониҳои пулакӣ:

### 20.1. Корҳои анҷомдода барои баланд бардоштани дастрасии аҳолии шаҳру ноҳияҳо ба хизматрасонии пулакӣ, хусусан дар маҳалҳои дурдаст (хизматрасониҳои маишӣ)

Ҳаҷми хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ дар вилоят дар нимсолаи аввали соли 2021 66485 ҳазор сомониро ташкил медиҳад, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта (38979 ҳаз. сомонӣ) +25506 ҳаз. сомонӣ зиёд гардидааст.

Ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Хоруғ 38,1 млн. сомонӣ (+25,5 млн. сомонӣ), Дарвоз 13,8 ҳаз. сомонӣ (+11,8 млн. сомонӣ), Ванҷ 6,1 млн. сомонӣ (+328 ҳаз. сомонӣ), Шуғнон 3,4 млн. сомонӣ (+986 ҳаз. сомонӣ), Рӯшон 3,4 млн.

сомонӣ (+1,2 млн. сомонӣ), Рошткалъа 1,9 млн. сомонӣ (+260 ҳаз сомонӣ), Ишкошим 995 ҳаз. сомонӣ (+262 ҳаз сомонӣ) ва Мурғоб 870 ҳаз. сомонӣ (+185 ҳаз сомонӣ) зиёд гаштааст, ки барои баланд бардоштани шароити зиндагии тамоми сокинони вилоят мусоидат намудааст.

Дар ноҳияи Рӯшон ба ҳолати 1 июли соли 2021 дар ноҳия 147 адад нуқтаҳои хизматрасонии маишӣ ва 261 адад субъекти савдо ва хизматрасонии пулакӣ фаъолият доранд. Яке аз манбаҳои рушди соҳибкорӣ ин хизматрасонии пулакӣ ва муомилоти мол маҳсуб мешавад.

Тавассути филиали Амонатбонки ноҳия Рошткалъа маблағҳои андозу пардохтҳои ҳатмӣ қабул ва ба ҳисобҳои дахлдор гузаронида мешаванд. Ин хизматрасонӣ, ки бевосита барои ғанӣ гардонидани буҷет нигаронида шудааст, иҷрои босифату саривақтиро талаб менамояд.

Дар давраи ҳисобот аз ҷониби филиали Амонатбонки ноҳия ба 348 муштариёни бонк ба маблағи умумии 3 млн 806,1 ҳазор сомонӣ қарзҳои хурд бо арзи миллӣ пешниҳод гардидаанд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 590 хазор сомонӣ  зиёд мебошад.

Инчунин барои рушди соҳибкории шахсони бекор аз тарафи шуъбаи меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар давоми соли ҳисоботӣ ба 45 нафар қарзҳои имтиёзнок ба маблағи 93200 сомонӣ дода шудааст. Бояд қайд кард, ки фоизи миёнаи тамоми намуди қарзҳои пешниҳодшуда, барои рушди соҳибкорӣ баланд буда, ба рушди он ва сектори хусусӣ таъсири манфӣ мерасонад ва қарзҳои ба таъхирафтода дар бонкҳо зиёд гардида, имкони қарздиҳии бонкҳоро боз ҳам маҳдудтар мекунад.

Ба мақсади баланд бардоштани дастрасии аҳолии ноҳияи Ишкошим ба хизматрасонии пулакӣ, хусусан дар маҳалҳои дурдаст, ду адад филиали бонкҳои ҷумҳуриявӣ ва як адад ташкилоти хурди қарзӣ фаъолият дошта, ба аҳолӣ хизматрасонии бонкиро ба роҳ мондаанд.

**21. Маълумот оид ба пешгирии ҳолатҳои ҷиноятӣ ва коррупсия.**

**21.1. Ба роҳ мондани корҳои фаҳмондадиҳӣ вобаста ба пешгирии амалҳои коррупсионӣ, фароҳам овардани фазои оштинопазир ба он ва ба ин раванд ҷалб намудани тамоми сохтору мақомоти давлатӣ, воситаҳои ахбори омма ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, 21.2. Ҷинояти ба қайд гирифташуда, дар алоҳидагӣ бо намуди онҳо, аз ҷумла ошкоршавии онҳо, 21.3. Шумораи ҷиноятҳо, ки аз тарафи ҷавонон содир карда шудааст, 21.4. Амалҳо ва натиҷаҳои пешгирии шомилшавии ҷавонон ба ҳаракатҳои  ифротгароӣ ва тундрав, арзёбӣ гардиданд.**

**21.1. Маълумот оид ба пешгирии ҳолатҳои ҷиноятӣ ва коррупсия**

Вобаста ба масъалаи ташвиқу тарғиби қонунҳо дар давраи таҳлилӣ пурзӯр гардида, 91 (2020-35) маротиба сӯҳбату вохӯриҳо гузаронида шудаанд, ки аз ин дар мақомотҳои шаҳру ноҳияҳои вилоят 4 маротиба, 79 маротиба бо дигар идораву муассисаҳои вилоят, воситаҳои ахбори омма 4 маротиба, 2 мақола дар рӯзнома чоп шуда, 1 нишасти матбуотӣ, 1 семинари илмӣ, 116 буклетҳо вобаста ба муқовимат бо коррупсия ба шаҳру ноҳияҳои вилоят тақсим карда шуд.

Инчунин вобаста ба шарҳи мазмуну муҳтавои паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи

соли 2021 дар сӯҳбату вохӯриҳои гуфташуда, дар сатҳи вилоят бо иштироки намояндагон ва аҳолӣ баромадҳо гузаронида шудаанд.

### 21.2.Ҷинояти ба қайд гирифташуда, дар алоҳидагӣ бо намуди онҳо, аз ҷумла ошкоршавии онҳо

Тибқи маълумотҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар шаш моҳаи соли 2021, 210 ҷиноят ба қайд гирифта шудааст, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта 72 адад зиёд гардидааст.

Ин нишондиҳанда дар шаҳр ва ноҳияҳои Хоруғ +50 адад (63 адад), Роштқалъа +16 адад (32 адад), Рӯшон +13 адад (31 адад), Шуғнон +10 адад (13 адад) ва Мурғоб +1 адад (17 адад) ҷиноят зиёд гардидааст, ки пурзӯр намудани фаъолиятро дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ талаб менамояд.

Ин нишондиҳанда дар ноҳияҳои Дарвоз -7 адад (23 адад), Ванҷ -7 адад (12 адад) ва Ишкошим -1 адад (19 адад), нисбат ба ҳаминтдавраи соли гузашта коҳиш ёфтааст, ки ин натиҷаи дуруст ба роҳ мондани ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва сохторҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ нишон медиҳад.

Зиёдшавии шумораи ҷиноятҳои ба қайд гирифташуда, нисбати ҳамин давраи соли гузашта дар шаҳру ноҳияҳои Хоруғ, Роштқалъа, Рӯшон ва Шуғнон ба назар расида, пурзӯр намудани иҷрои ваколатҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти ваколатдорро тоқозо менамояд.

### 21.3 Шумораи ҷиноятҳое, ки аз тарафи ҷавонон содир карда шудааст;

Ба ҳолати нимсолаи якуми соли 2021 дар миқёси вилоят 27 ҷиноят аз тарафи ҷавонон ба қайд гирифта шуда, аз он дар шаҳр ва ноҳияҳои Хоруғ 9 ҳолат, Ванҷ 5 ҳолат, Рӯшон 4 ҳолат, Шуғнон 3 ҳолат, Роштқалъа 2 ҳолат, Ишкошим 2 ҳолат ва Мурғоб 2 ҳолат ошкор ва ба қайд гирифта шудааст.

Дар шаш моҳи соли 2021 аз тарафи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар вилоят 9 (2020 –4) ҳодисаи худкушӣ ва ҳодисаи суиқасд ба ҷони худ ба қайд гирифта шудааст. Ин нишондиҳанда дар ноҳияҳои Шуғнон 5 ҳолат, Ишкошим 2 ҳолат Рӯшон 1 ҳолат ва Роштқалъа 1 ҳолат ҳолат рух додааст.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар ҳисоботи вилоятӣ дар шаш моҳи соли ҷорӣ 11 ҳолати худкушӣ (суитсид) ба қайд гирифта шудааст, аммо ин нишондиҳанда бо ҳисоботи шаҳру ноҳияҳои он мутобиқат намекунад.

Тибқи маълумоти пешниҳодгардидаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон содир намудани ҷиноят аз тарафи ҷавонон аз синни 18 то 30 сола 27 адад (2020-58) ба қайд гирифта шудааст.

### 21.4. Амалҳо ва натиҷаҳои пешгирии шомилшавии ҷавонон ба ҳаракатҳои ифротгароӣ ва тундрав (банди 87 паём)

Омӯзиши вазъи ҷинояткорӣ нишон медиҳад, ки бинобар беҳтар гардидани кори пешгирӣ, ошкор ва тафтишу таҳқиқи ҷиноятҳо, баъзе намуди ҷиноятҳо, аз

ҷумла бандитизм, роҳзанӣ, ғоратгарӣ, одамрабоӣ, таҷовуз ба номус ба қайд гирифта нашудааст.

Мутаасифона дар давраи ҳисоботӣ дар ҳудуди вилоят шомилшавии ҷавонон ба ҳаракатҳои ифротгароӣ ва тундрав ба назар расида, 96 нафарро ташкил медиҳад, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 4 нафар зиёд гардидааст.

Дар шаш моҳи соли 2021 аз тарафи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят дар якҷояги бо Раёсати кор бо ҷавонон ва варзиш дар вилоят ҷиҳати пешгирии шомилшавии ҷавонон ба ҳаракатҳои тундрав мусобиқаҳои варзишӣ аз намуди футбол, волейбол, шоҳмот ва дигар намудҳо баргузор гардиданд.

Дар баробари ин, ба воситаи шабакаи телевизионии «Бадахшон» барномаҳои тарғиботию ташвиқотӣ, махсус барои пешгирии шомилшавии ҷавонон аз ҳаракатҳои ифротӣ ва тундрав омода ва мунтазам пешкаши тамошобинон гардида истодааст.

Аз тарафи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ якҷо бо шуъбаи рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеаи дастгоҳи раиси вилоят вохӯриҳо дар ин самт бо аҳолӣ баргузор гардиданд.

Гарчанд корҳои назаррас анҷом дода шуда бошанд ҳам, мушкилиҳо низ ба назар мерасанд ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон якҷо бо сохторҳои ҳифзи ҳуқуқ ва дигар идораву муассисаҳо барои пешгирӣ ва ҳалли онҳо кушиш менамояд.

Мушкилот: Мушкилотҳои асосии кормандон баҳри беҳтар намудани фаъолияти нозирони минтақавии милитися, таъмин намудан бо ҳуҷраҳои корӣ, таҷҳизотҳои зарурӣ, телефон дигар намуди воситаҳои алоқа, компютер, воситаи нақлиёти хизматӣ, манзили истиқоматӣ ё қитъаи замини назди ҳавлигӣ ба ҳисоб мераванд.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва шаҳру ноҳияҳои он, барои иҷрои ваколатҳои Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ” оид ба таҳкими тартиботи ҳуқуқӣ ва пурзӯр намудани мубориза ба зидди ҷиноятқорӣ, ҳамоҳангсозии фаъолиятро бо Раёсат ва шуъбаҳои Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳру ноҳияҳои вилоят тадбирҳои иловагӣ андешида, бо мақсади тақвият додани ҳисси ватандӯстӣ, худшиносии миллӣ, эҳтиром ва риояи қонунҳои амалкунанда, тарзи ташаккули ҳайти солим байни ҷавонон ташкил ва баргузор намудани вохуриҳо, суҳбатҳо, семинарҳои омӯзишӣ ва тарбиявӣ, гузаронидани чорабиниҳои варзишӣ, маданию фароғатӣ низ дар ин радиф аз аҳамият холӣ нест.

## 22. Маълумот оид ба иҷрои вазифаҳои Нақшаи чорабиниҳои сафарҳои кории Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон.

**22.1 Рафти иҷрои супоришҳои сафарҳои корӣ, ки муҳлати иҷроишашон дар соли 2021 пешбинӣ гардидааст.**

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ҷиҳати татбиқи сифатнок ва саривақтии Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки аз 11 то 15 сентябри соли 2018 дар ҷараёни сафари корӣ ба Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон баён доштанд, қарори раиси ВМКБ аз 9 октябри соли 2018, №339 ба тасвиб расонда, ҷиҳати иҷрои саривақтӣ дастраси мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо, раёсату идораҳо ва муассисаҳои дахлдор гардид.

Нақша чорабиниҳои мазкур аз 98 банди назоратӣ иборат буда, дар асоси маълумотҳои пешниҳодшуда, 88 банди он пурра таъмин гардида, 2 банд, бандҳои 25 ва 43 тибқи мактуби Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мӯҳлатҳои муқарраргардида иҷро нагардида, мӯҳлати иҷрои онҳо тамдид карда шуда, инчунин 9 банди Нақша, бандҳои 5, 16, 19, 39, 41,42, 78, 87 98, ки муҳлати иҷрои онҳо то соли 2021 муқаррар шудааст, дар ҷараён мебошанд.

Ҳамзамон мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят ҷиҳати татбиқи сифатнок ва саривақтии Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки аз 19 то 22 августи соли 2020 дар ҷараёни сафари корӣ ба Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон баён доштанд, қарори раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон аз 29 сентябри соли 2020, №290 таҳия ва тасдиқ намуда, вобаста ба рафти иҷрои бандҳои нақша чорабиниҳои мазкур дар муҳлатҳои мақарраршуда ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гузориш манзур менамояд. Нақша чорабиниҳои мазкур, аз 84 банди назоратӣ иборат буда, иҷроиши 15 банд дар соли 2020, 15 банд то соли 2021, 7 банд то соли 2023, 1 банд то соли 2025 ва 46 банд мунтазам ҳарсола муқаррар гардидааст. Айни замон 20 банди он пурра таъмин гардида, боқимондаи он дар асоси муҳлатҳои муқаррашуда дар ҷараён мебошанд.

Мақомотҳои иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон баҳри равнақ додани корҳои созандагию ободонӣ ва вазифаҳои муайян намудаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар Паёми навбатиашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба амалӣ намудани ҳадафҳои стратегии давлат, барномаҳои соҳавию минтақавӣ ва иҷрои вазифаҳои афзалиятноки соли 2021 баён намудаанд, инчунин, ҷиҳати дар сатҳи баланди сиёсӣ, ташкилию фарҳангӣ баргузор намудани чорабиниҳо бахшида ба таҷлили ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳои мушаххасро роҳандозӣ менамояд.